**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ:**34тоҷик+341+343-347/347.8+347.6(575.3)

**ТКБ:** 67.99(2тоҷик)+67.99(2)1+67.99(2)3+67.99(2)04+67.412

**А-57**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**АМИРЗОДА ФАРНУШ АМИР**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯҲО (ИТТИФОҚҲО) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсент Мавлоназарзода О.А.

**Душанбе – 2025**

**МУНДАРИЧА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**....................3
**МУҚАДДИМА**....................................................................................4
**БОБИ 1. ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯҲО (ИТТИФОҚҲО)**
1.1. Мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)...................................16
1.2. Тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)..........................................51
**БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ВА ВОҚЕӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
2.1. Санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ ҳамчун асоси танзими ҳуқуқии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ.........................................................................78
2.2. Санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ..........................................................96
**БОБИ 3. ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ АССОТСИАТСИЯҲО (ИТТИФОҚҲО)**
3.1. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ-тиҷоратӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо.......108
3.2. Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳои) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо...........................................................................................135
**ХУЛОСА**.........................................................................................158
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.............................................................................................164
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**........................................................166
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМ**..............................................................................................187

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ –** Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ–** Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КГ ҶТ –** Кодекси гражданӣ

**ҶДММ –** Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶСК –** Ҷамъияти саҳомии кушода

**СБМ –** Созмони байналхалқии меҳнат

**ДМТ–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ИДМ –** Итиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ –** Созмони миллали муттаҳид

**ИМА –** Иёлоти Мутаҳидаи Америка

**Ниг. –** нигаред

**қ**. – қисм

**қ.қ. –** қисмҳо

**м**. – модда

**м.м** – модда, моддаҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**ғ.** – ғайра

**с**. – сол

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ ба иттиҳодия мебошад, ки онро қонунгузории миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ муайян намудаанд. Ҳуқуқ ба иттиҳодия на танҳо имкони узвияти озод, балки озодии ташаббусро дар ташкили чунин иттиҳодия ё шомил нашудан ба ин гуна иттиҳодияҳоро низ пешбинӣ мекунад. Қонунгузории миллӣ баҳри пешрафти муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни иттиҳодшавии сармоя ва имкониятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъсис додани ассотсиатстия ва иттифоқҳо иҷозат дода шудааст, ки бомуваффақият фаъолият намуда истодаанд. Чунин иттиҳодшавӣ ба иштирокчиёни он имкон медиҳад, ки маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол кунанд, фаъолияти худро такмил диҳанд, ҳосилнокии меҳнатро баланд бардоранд, ба тиҷорати байналмилалӣ ҳамроҳ шуда, бозорҳои фурӯши махсулоти миллиро васеъ намоянд.

Таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ яке аз механизмҳои муассири таъмини шароити мусоид барои рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллии муосир буда, нақши онҳо солҳои охир бештар намоён гардида истодааст.

Ҳамасола шумораи умумии ташкилотҳои ҷамъиятӣ зиёд гардида, айни замон 1726 чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амал карда истодаанд, аз ҷумла солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 40 ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол равиши ягонаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба таъсис ва фаъолияти шаклҳои иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро мушаххас муайян накардааст. Инчунин, бинобар сабаби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ вобаста ба ислоҳот ва навсозии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, баъзе иттиҳодияҳои дар қонунгузорӣ муайяннагардида фаъолият намуда истодаанд, ки танзими онҳо зарур аст. Мушкилотҳои зиёд

вобаста ба вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва мавқеи онҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи маданӣ дар байни шахсони ҳуқуқӣ махсусан муайян карда нашуда, заминаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба талаботи муомилоти муосири маданӣ мувофиқат намекунад.

Дар даҳсолаҳои охир дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва истифодаи қонунгузории амалкунанда таҷрибаи назаррас гирд оварда шудааст ва ин нишон медиҳад, ки қонунҳои асосии оид ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ соли 1992 қабулшуда барои фаъолият ва танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ заминаи муассирро фароҳам оварад. Дар баробари ин, зиёд гардидани шумора ва гуногунрангии чунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, рушди намудҳои гуногуни фаъолият, муносибати навро вобаста ба танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо тақозо менамояд. Баъди зиёда аз 20 соли мавҷудияти қонунгузории асосӣ, вақти таҳлили самаранокии он ва ворид намудани тағйироти зарурӣ, пурра ва такмил додани он расидааст.

Бо вуҷуди он ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) се моддаи алоҳида («М. 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ), М. 130. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ), М. 131. Ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ)») мавҷуд бошад ҳам, аммо иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар ҳуқуқи маданӣ боқӣ мондааст. Муносибатҳои марбут ба таъсис, фаъолият ва қатъи иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартнома дар қонунгузории мадании Тоҷикистон ба низом даровarda нашудаанд. Ин дар навбати худ боиси ба миён омадани норасоиҳо дар танзими ҳуқуқӣ мегардад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии асотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба миён омадааст. Чунин зарурат бо қабули «Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8] алоқаманд аст, ки барои рушди иқтисодиёт, такмили қонунгузории маданӣ бо роҳи пурра бартараф намудани камбудиҳои дар он мавҷудбуда равона шуда бошад.

Яке аз масъалаҳои ҳуқуқии ҳалталаб муайян намудани меъёрҳои узвият дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мебошад. Дар қонунгузории маданӣ ба саволи он ки оё ба чунин иттиҳодияҳо метавонанд танҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё тиҷоратӣ дохил шаванд ё ба ҳайати омехта ё иштироки соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ иҷозат дода мешавад, ҷавоби аниқ дода нашудааст. Тафовут дар ҳадафҳо ва қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳо ҳангоми муттаҳидшавӣ (ба асотсиатсияҳо) душворӣ эҷод мекунад, ки қонунӣ ва самаранокии фаъолияти муштараки онҳоро зери шубҳа мегузорад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявии шаклҳои иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар қонуни мадании Тоҷикистон пешбинишуда ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои дар боло зикршуда, инчунин холигии қонунгузорӣ дар танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), аз ҷумла саҳми ин ниҳоди ҳуқуқӣ ва накши он дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти мавзуи пажӯҳиш ва баррасии ин масъаларо муайян намуданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи танзими ҳуқуқӣ-мадании ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо дар Тоҷикистон то имрӯз ҳамчун мавзуи алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Аммо мавзуи мазкур аз назари умум дар асарҳои олимони ватанӣ – Ш.К. Ғаюрзода [97, с. 318], И.Ғ. Ғаффорзода [62, с. 514], Қ.Ш. Қурбонов [61, с. 448], Х.Т. Насиров [166, с. 183], М.А. Маҳмудзода [67, с. 1000], М.З. Раҳимзода [167, с. 354], Ш.Т. Тағойназаров [91, с. 403], М.М. Соҳибзода [88, с. 448] ва дигарон баррасӣ шудааст. Дар ин асарҳо паҳлуҳои алоҳидаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ вобаста ба таъсиси ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо, хусусияти ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба таъсиси ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо, моҳияти ҳуқуқии иттиҳодҳои тиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо таҳқиқ шудаанд.

Асарҳои муаллифони хориҷии зерин ба масъалаҳои алоҳидаи ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо) бахшида шудаанд: А.А. Антипова [150, с. 25], Н. А. Вилкова [151,

с. 197], О.В. Гутникова [153, с. 599], Г.А Ковалчук [161, с. 185], В.М. Каменева [157, с. 26], О.П. Кашковский [159, с. 184], Н.В. Костенко [163, с. 21], Е.П. Лихотникова [165, с. 23], Т.В. Сойфер [168, с. 476], В.Н. Сидоров [87, с. 113], О.А. Чернега [170, с. 223], Е.В. Шаклеина [171, с. 228] ва дигарон.

Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз корҳои қайдгардида оид ба мавзуи баррасишаванда, масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар доираи КМ ҶТ ба таври кофӣ таҳлил нашудаанд, ки ин аз аҳаммиятнокии таҳқиқоти рисола гувоҳӣ медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ) дар мавзуъҳои «Танзими шартномавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» барои солҳои 2016-2020 ва «Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ аз таҳлили илмию амалии масъалаҳои муайяни танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонунгузории ҶТ, инчунин коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

– муайян намудани мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо);

– баррасии тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо);

– таҳлили заминаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо);

– муайян намудани хусусият ва мақоми ҳуқуқии иттифоқҳои тиҷоратӣ;

– таҳлили вазъи ҳуқуқии иттифоқҳои ғайритиҷоратӣ;

– муайян намудани мушкилоти қонунгузорӣ ва коркарди пешниҳодҳо оид  такмили қонунгузорӣ дар самти танзими фаъолияти ассотсиатсия ва иттифоқҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни таъсис ва фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонунгузории ҶТ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва дигар меъёрҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро танзим мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти илмии мазкур доираи таърихии ба худ хос дорад, чунки аз марҳилаи тасдиқи мавзуъ, ҷамъоварии маводҳои таҳлилӣ, тасвиб, амалинамоии натиҷаҳои ҳосилшуда ва муҳокимаи он дар ҷаласаҳои кафедра мебошад. Макони таҳқиқоти мазкур кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, заминаҳои инсонӣ, моддӣ-техникӣ ва зеҳнии вуҷуддошта, барои анҷоми ин таҳқиқоти муҳим мусоидат намуданд. Давраи омода намудани таҳқиқоти мазкур фарогири солҳои 2021 – 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ масалан И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ҳ.З. Бобохонов, Ш.К. Ғаюрзода, И.Ғ. Ғаффорзода, Ш.К. Каримзода (Ш.К. Бадалов), Қ.Ш. Қурбонов, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазозода, М.З. Раҳимзода, В.А. Ойгензихт, Д.Ш. Сангинзод, Ш.Т. Тағойназаров, А.А. Антипова, А. А Каминки, Т. В. Кашаниной, М. И. Кулагина, О.В. Каменева, О.П. Кашковский, О.А. Кожевникова, В. В. Лаптева, В.В. Лысенко, Н. И. Михайлова, Д.В. Новака, А.И. Орлова, А. Е. Пилецкий, В. Ф. Попондопуло, Т.В. Сойфер, .Н. Сидорова, О.А. Тернова, Р.В. Уткина, И.Ш. Файзутдинова, О.А. Чернега, Е.В. Шаклеина ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои умумии илмии диалектикӣ-мантиқӣ, усулҳои умумии махсус, инчунин усулҳои хусусии илмӣ истифода шудаанд. Барои ба даст овардани маълумоти объективӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда пажӯҳиши худро дар асоси усулҳои умумии илмӣ, аз қабили индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез ба роҳ мондаем. Илова бар ин, усулҳои муқоисавии ҳуқуқӣ, мантиқии расмӣ, комплексӣ, диалектикӣ, таҳлили системавӣ, усули моделсозии ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода гардидаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии рисоларо Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, амалияи судӣ, мушоҳидаҳои оморӣ ва таҷрибаи Вазорати адлия, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳавӣ ташкил медиҳанд.

Дар баробари санадҳои қонунгузории миллӣ, инчунин баъзе санадҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва маводҳои бойгонии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами таҳлили танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Инчунин, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хусусияти комплексӣ ва ҳамаҷониба доштани он зоҳир мегардад. Дар диссертатсия мафҳумҳои ассотсиатсия ва иттиҳодия пешниҳод шудааст, ки бояд дар Кодекси мадании ҶТ ифода карда шаванд.

Инчунин, пешниҳод оид ба ягонакунии қонунгузории маданӣ дар соҳаи муқаррар намудани мақоми ҳуқуқии ассотсиатсия ва иттифоқҳо тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мадании ҶТ, тағйир додани номи «иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ» ба «иттиҳоди шахсон» манзур мешавад.

Асоснок карда шудааст, ки ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо метавонанд аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ҳайати

омехтаи иштирокчиён, инчунин вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо таъсис дода шаванд. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба КМ ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда, ҳуқуқи чунин иттиҳодияҳоро барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд.

**Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд:

1. Асотсиатсия (иттифоқ) вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро дошта, иттиҳодияи ихтиёрии хусусияти ғайритиҷоратидоштаи шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ мебошад, ки дар он захираҳо, манфиатҳо ё кӯшишҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян ё ҳалли мушкилоти умумӣ муттаҳид гардида, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии манфиатҳо, ҳадафҳо ва хусусиятҳои умумидоштаро, бо мақсадҳои ҳимояи манфиатҳои аъзои он, пешниҳоди захираҳо ва хидматҳои муштарак, мубодилаи дониш ва таҷриба ва ғайра муттаҳид мекунад. Ассотсиатсияҳо метавонанд манфиатҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз иттиҳодияҳои касабавӣ ва тиҷоратӣ то ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ намояндагӣ кунанд. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт дар асоси оинномаҳо ё қоидаҳое амал мекунанд, ки сохтор, фаъолият ва мақсадҳои онҳоро танзим мекунанд.

2. Истилоҳҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» васеъ дар қонунгузории миллӣ истифода мегарданд, аммо мушаххас мафҳуми онҳо дар ягон санад оварда нашудааст. Ассотсиатсия ва иттифоқ ҳамчун шакли иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ба принсипи асосии таснифи шахсони ҳуқуқӣ – тақсим ба шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ пурра мувофиқат намекунанд.

Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ба ассотсиатсия танҳо вазифаҳои маҳдудро ( намояндагӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи манфиатҳои умумии аъзоён) интиқол медиҳанд, худи аъзоён бошад, мақом ва мустақилияти шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ, таъсиси чунин ассотсиатсияҳо бояд дар шакли

ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ё ширкатҳо бо муайян намудани ваколатҳои мақомоти идоракунӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амалӣ гардад.

Иттифоқи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсадҳои тамоман дигар ихтиёран муттаҳид мешаванд. Ин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд, фаъолияти онҳо бо қонунҳои махсус танзим мегарданд.

3. Танзими ҳуқуқӣ барои муқаррар кардани қоидаҳо оид ба муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ зарур аст. Агар қонунгузорӣ имкони таъсиси ассотсиатсияҳои фаромиллии шахсони ҳуқуқиро пешбинӣ карда бошад, маҳалли ҷойгиршавии онҳо, маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти асосӣ муқаррар карда мешавад, зеро он вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоаҳангсозии кори тамоми ташкилотҳои фаръии ба ассотсиатсияҳо дохилшударо иҷро мекунад. Ин равиш возеҳият ва шаффофиятро дар муайян кардани салоҳият ва мақоми ҳуқуқии чунин ассотсиатсияҳо таъмин мекунад.

4. Ҷавобгарии молумулкии ташкилотҳои тиҷоратии ба ассотсиатсия (иттифоқ) дохилшуда, тибқи шартнома муқарар шуда, бо дарназардошти гуноҳ, мувофиқи андозаи ҳиссаи молу мулки ҳар яки онҳо дар моликияти умумӣ, бояд муайян гардад. Тартиби ҷавобгарии муштараки иштирокчиёни ассотсиатсия (иттифоқ) нодуруст ба назар мерасад. Бинобар сабаби сохтори махсуси ассотсиатсия (иттифоқ) ташкилотҳои тиҷоратӣ на танҳо масъулияти муштарак, ки ба муносибатҳои тиҷоратӣ хос аст, балки масъулияти иловагӣ низ татбиқ бояд шавад. Хусусияти сохтори ташкилии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки мавҷудияти субъектҳои идоракунӣ ва вобастаро пешбинӣ менамояд, барои ба вуҷуд омадани ба истилоҳ ҷавобгарии беруна заминаҳо фароҳам меорад. Ин маънои онро дорад, ки дигар ташкилотҳои марбута низ метавонанд барои фаъолияти соҳибкории ҳар як узви ассотсиатсия, махсусан, агар яке аз аъзоён ба ҳуқуқвайронкуниҳо ё рафтори бадқасдона роҳ диҳад, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҳамин тавр, оқибатҳои ин гуна кирдорҳо ба тамоми сохтори ассотсиатсия таъсир расонда

метавонанд. Илова бар ин, агар ширкати асосӣ қарорҳои ғайриқонунӣ ё беасоси идоракунӣ қабул намояд, нисбат ба он чораҳои дохилии корпоративӣ татбиқ карда мешаванд. Механизмҳои амалкунандаи танзими ҳуқуқӣ дараҷаи зарурии назоратро пурра таъмин карда наметавонанд. Бинобар ин дар қонун чунин қоидаҳои аниқ ва якхела муқаррар кардан лозим аст, ки ҷавобгарии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратиро танзим намоянд. Таҷрибаи мавҷудаи танзими диспозитивии масъулияти ассотсиатсияҳо сохторҳои тиҷоратӣ ба талаботи муосири ҳифзи ҳуқуқ ҷавобгӯ нест. Ҷорӣ намудани меъёрҳои императивӣ дар ин самт шаффофият ва пешгӯии оқибатҳои ҳуқуқиро баланд менамояд, ки ин махсусан дар шароити мураккабтар шудани ҳамкориҳои корпоративӣ ва афзоиши шумораи асотсиатсияҳои ташкилотҳои фаромиллӣ муҳим аст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, пешниҳодҳои хусусияти амалидоштаи зеринро манзур менамоем, ки ба бартарафсозии камбудиҳои қонунгузории самти мавриди таҳлил нигаронида шудаанд:

– Имконияти дар як ассотсиатсия муттаҳид гардидани ташкилотҳо сарфи назар аз мақсадҳои фаъолияташон (тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ) асоснок буда, илова намудани чунин зербанд ба м. 129 КМ ҶТ мувофиқи мақсад аст: «Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва (ё) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ ҳуқуқ доранд ассотсиатсия таъсис диҳанд».

– Тавре таҳлили м. 129 КМ ҶТ нишон медиҳад аъзои иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ шахсони воқеӣ низ шуда метавонанд. Бинобар ин баҳри риояи техникаи қонунгузорӣ чунин номгузорӣ намудани м. 129 КМ ҶТ зарур аст: «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)».

– Ба м. 129 КМ ҶТ илова намудани қисми алоҳида мувофиқи мақсад мебошад: «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо (иттифоқ)) ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ, тибқи ҳадафҳое, ки он таъсис дода шудааст, машғул шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ, ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад, ҷамъияти хоҷагӣ таъсис диҳад ё дар он иштирок намояд».

– Дар м.2 Кодекси мадании ҶТ банди алоҳида бо муайян намудани ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ оид ба қабули санадҳои ҳуқуқии корпоративии дорои хусусияти зериқонунидошта пешбинӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки мақоми санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба таври расмӣ муқаррар карда шуда, бо ҳамин барои танзими мунтазами муносибатҳои корпоративӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, ягонагии амалияи татбиқи конун таъмин карда шавад. Аҳаммияти махсуси санадҳои корпоративӣ дар таъсири назарраси онҳо ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ ва таҳаввулоти заминаи қонунгузорӣ дар ин соҳа зоҳир мегардад.

– Бо дарназардошти равандҳои ҳамгирой, зарур دониста мешавад, ки муносибатҳои корпоративӣ, ки дорои табиати ҳуқуқӣ-маданӣ мебошанд, ба низоми қонунгузории маданӣ, аз ҷумла ба м. 2 Кодекси мадании ҶТ ҳамчун навъи мустақили муносибатҳои маданӣ ворид карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, рушди муносибатҳои маданӣ дар самти танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби таҳия ва коркарди як қатор пешниҳодҳо баҳри мукаммал гардидани конунгузории маданӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, танзимнамоии фаъолияти иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома ва консепсияҳо истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми тадриси фанни таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», курсҳои махсуси «Ҳуқуқи корпоративӣ» ва «Танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ» мавриди истифода қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва

хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маданӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди конунгузории маданӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – бо маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини самаранокии идоракунии давлатӣ: вазъ ва дурнамо» – бо маъруза дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (4-5-уми декабри соли 2024);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Concept and types of tourism in accordance with foreign and Tajikistan legislation» 8-уми октябри соли 2020 ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Таснифоти шахсони ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ» 7.10.2021, ш.Душанбе).

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», « 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023–Соли забони русӣ» ва «Соли 2025–Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо» – бо маъруза дар мавзуи «Азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, тартиби таъсис ва барҳамдиҳии онҳо» 2023, ш.Душанбе).

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани «Соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои таъсисдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва корпоратсияҳо ҳамчун намуди шахсони ҳуқуқӣ» (2024, ш.Душанбе).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 17 мақолаҳои илмӣ, 1 воситаи таълимӣ аз ҷумла 9 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ АССОТСИАТСИЯҲО (ИТТИФОҚҲО)

## 1.1. Мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)

Дар ҷаҳони муосир бо рушди босуръати муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ

таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ махсусан муҳим аст. Имрӯз чунин сохторҳо на танҳо дар соҳибкории хусусӣ, балки дар бахши давлатӣ ҳамчун шакли самараноки фаъолияти ташкилотӣ васеъ истифода мешаванд. Онҳо хатарҳои ҳуқуқиро кам намуда, ба шаффофияти бештари идоракунӣ барои муассисон ва саҳмдорон мусоидат мекунанд. Воқеияти ҳуқуқии муосир эътироф намудани иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил талаб мекунад. Тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иттиҳодияҳо ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тасниф карда шуда, дар шакли ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо фаъолият мекунанд. Ҳамзамон мавриди зикр аст, ки дар қонунгузории муосири маданӣ ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо мавқеи махсусро ишғол намуда, ҳамчун иштирокчиёни назарраси муносибатҳои бозорӣ баромад мекунанд. Дар баробари ин, вазъи ҳуқуқӣ, хусусияти амалиётӣ ва имкониятҳои иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ  мавзуи хеле муҳимми таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Сарфи назар аз нақши муҳимми ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ, қонунгузории ҷорӣ танҳо танзими пора-пораи вазъи ҳуқуқии онҳоро таъмин мекунад. Меъёрҳои мавҷуда хислатҳои хоси ин субъектҳои ҳуқуқи маданиро  пурра инъикос намекунанд, ки ин дар амалияи татбиқи ҳуқуқ душвориҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Дар назарияи илмӣ бошад таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки ба таҳлили муфассали вазъи ҳуқуқии онҳо ва хусусиятҳои мушаххаси иштироки онҳо дар ҳуқуқи маданӣ бахшида шудаанд, амалан вуҷуд надоранд.

Давлат ба шаҳрвандон дар асоси Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсис додани иттиҳодияҳои гуногун ё дар онҳо иштирок намуданро кафолат медиҳад (м.28 Конститутсияи ҶТ). «Ҳуқуқ ба

муттаҳидшавӣ яке аз падидаҳои муҳимми соҳаи ҳуқуқро ташкил медиҳад» [51, с.185]. Тавре С.А. Авакян қайд менамояд «ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ин асоси ташкилии робитаи шаҳрвандон мебошад, ки дар натиҷаи он умумият байни онҳо ба вуҷуд меояд» [42, с. 21]. «Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқи дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шомил шудан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии мавҷуда ё худдорӣ кардан аз шомилшавӣ ба онҳо, инчунин аз ин иттиҳодияҳо бе мамониат баромаданро дар бар мегирад» [17].

Дахолат накардан ва монеъ нашудан ба амалишавии ин ҳуқуқ вазифаи асосиии давлат ва ниҳодҳои он мебошад, зеро тавассути амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳо шаҳрвандон имконият пайдо мекунанд, ки манфиатҳои умумии худро ба таври дастаҷамъона баён, амалӣ ва ҳифз кунанд [79, с. 14]. Озодии иттиҳодияҳоро метавон ҳамчун озодии шахсони алоҳида барои ташкили як мақоми дастаҷамъӣ, ки худро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои худ намояндагӣ мекунад, муайян кард. Ҳамзамон дар қаламрави Тоҷикистон таъсис додан ва фаъолият намудани иттиҳодияҳое ки «хусусияти нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё бо роҳи зӯрӣ ба сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст» [92, с. 78].

Яке аз роҳҳои таъмини шароити мусоид барои рушди муносибатҳои бозорӣ, таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (ассотсиатсия, иттифоқ) мебошад.

Сарфи назар аз дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани мафҳуми иттиҳодияҳо, нақши онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ муҳим аст, гарчанде ки қонунгузории ҷорӣ то ҳол самти ягонаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба фаъолияти чунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро муқаррар накардааст.

Бояд қайд намуд, ки ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар замони қадим низ

маълум буданд. Масалан, дар Рими Қадим барои анҷом додани баъзе амалҳои қонунӣ, ки бо иҷрои ҳаҷми зиёди корҳо, бо ҷалби маблағҳои калон, бо татбиқи нақшаҳои муддати тулониро талаб мекарда алоқаманд, соҳибкорон ё сармояи онҳо барои ташкили чунин як иттиҳодия якҷоя карда мешуд [158, с. 11]. Чунин иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ коллегия ва ё корпоратсия ном доштанд, масалан, коллегияи тоҷирони ғаллакор, ки соли 495 пеш аз милод таъсис ёфта буд [106, с. 157]. Римиҳо баъзе аз чунин иттифоқҳоро «шахсони оммавӣ» (personae publicae) меномиданд, ва ин маънои онро дошт, ки ин иттиҳодияи шахсони алоҳида бо иҷозати давлат таъсис дода мешуданд [140, с. 17]. Тавре Модератус дар асари худ «Дар бораи кишоварзӣ» навиштааст «дар корпоратсия манфиатҳои мардоне, ки бо ҳадафи муҳимтарин муттаҳид гардидаанд, бояд ҳимоя карда шаванд» [105, с. 6]. Дар ин давра иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ба таври омирона танзим карда мешуд. Дар замони император Август, барои таъсис додани чунин иттиҳодия иҷозати Сенат лозим буд, «то ки иттиҳодҳои ғайриқонунӣ таъсис дода нашаванд». Дар Рим чунин ассотсиатсияҳо амал мекарданд: ассотсиатсияи оҳангарон, ассотсиатсияи моҳигирон, ассотсиатсияи фермерҳо, иттиҳодияи либосдӯзон, ассотсиатсияи малоҳон, ассотсиатсияи тоҷирон [140, с. 20].

Дар шаҳрҳои асримиёнагӣ ҳунармандон одатан дар асоси фаъолияти касбии худ ба ассотсиатсияҳо муттаҳид мегардиданд. Чунин ассотсиатсияҳо, аз ҷумла бофандагон, дуредгарон, кандакорон ва шишагаронро дар бар мегирифтанд. Ҳар кадоме аз ин ассотсиатсияҳо дорои усулҳои махсуси технологӣ ва касбӣ буданд, ки ба сифати «асрор» ё «ҳунари касбӣ» маъруф буда, таҳти назорати қатъии ассотсиатсияҳо қарор дошта, аз насл ба насл мунтазам интиқол дода мешуданд.

Якчанд намуди гилдияҳо вуҷуд доштанд – гилдияҳои тиҷоратӣ ва гилдияҳои ҳунармандӣ (устохонаҳо). Ҳамаи онҳо дар асрҳои миёна, вақте ки ҳунармандон барои ҳифзи манфиатҳои умумии худ муттаҳид мешуданд, ба вуҷуд меомаданд [146, с. 207]. Гилдияҳо заминаро барои иттифоқҳои касабаи муосир гузоштанд. Барҳамдиҳии гилдияҳо ҳамчун падидаи феодализм аз

соли 1791 оғоз гардид [173, с. 11-12].

Соли 1932 Низомнома дар бораи иттиҳодияҳои ихтиёрӣ ва иттифоқҳо қабул гардид, ки он то 1 январи соли 1991, то даврае, ки Қонуни ИҶШС «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 9 сентябри соли 1990 эътибор пайдо намуд, амал мекард [37]. Имконияти таъсиси чунин иттиҳодияҳо, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ буданд, дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон соли 1963 пешбинӣ шуда буд [6]. Минбаъд бо қонуни ИҶШС №7284-XI аз 30 июни соли 1987 «Дар бораи корхонаи (иттиҳодияҳои) давлатӣ» ҳолати ҳуқуқӣ ва намудҳои чунин иттиҳодияҳо мушаххас гардиданд [35].

Дар адабиёти илмӣ ақидае ҷой дорад, ки «сарфи назар аз он ки соҳибкорони инфиродӣ ба муттаҳидшавӣ камтар майл доранд, вазъи ҳуқуқии онҳо имкони иштирокашонро дар иттиҳодияҳои гуногун истисно намекунад, гарчанде ки онҳо одатан дар шакли ҷамъияти одӣ муттаҳид мешаванд» [99, с.15]. Чунин ақида баҳснок мебошад, чунки соҳибкорони инфиродӣ бо дарназардошти принсипи озодии муносибатҳои иқтисодии тибқи қонунгузории мадании Тоҷикистон, агар ин ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолиф набошад, ҳуқуқ доранд ҳама гуна шартномаҳо, аз ҷумла шартномаи таъсиси асотсиатсияҳоро анҷом диҳанд.

Баҳри амалӣ намудани ҳуқуқ ба иттиҳодшавӣ дар Тоҷикистон қонунгузории зарурӣ аллакай амал намуда истодааст, ки тибқи он шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ метавонанд иттиҳодҳоро таъсис диҳанд ва дар иттиҳодҳои аллакай мавҷудбуда иштирок намоянд.

Таҷрибаи бештари кишварҳо нишон медиҳад, ки иттиҳодияҳо дар ин кишварҳо ҳам бе доштани мақом ва ҳам бо доштани мақоми шахси ҳуқуқӣ амал карда метавонанд. Ҳамзамон дар Тоҷикистон иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ мақоми шахси ҳуқуқиро доранд. Дар баробари ин, кафолатҳои байналмиллалии татбиқи ҳуқуқу озодии иттиҳодияҳо бояд на танҳо ба ташкилотҳои ғайритиҷоратии расман бақайдгирифташуда, балки ба дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ тааллуқ дошта бошанд. Ин чунин маъно дорад, ки ба шаҳрвандоне, ки ин ҳуқуқи худро тавассути таъсис додани иттиҳодҳои

дар қонун муқаррарнагардида амалӣ мекунанд, бояд аз ҷониби давлат маҳз ҳамон тавре ҳифз карда шавад, ки барои ташкилоти дорои мақоми расмии ҳуқуқӣ таъмин карда шудааст [79, с. 15].

Ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир мавқеи муҳимро ишғол намуда, ҳамчун воситаи муттаҳидсозии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ, ҳифзи манфиатҳои коллективӣ ва амалӣ намудани намудҳои гуногуни фаъолият амал мекунанд [143, с. 163]. Тавре таҳлили м. 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодҳои ҷамъиятӣ» ва м. 129 Кодекси мадании ҶТ нишон медиҳад, дар ҳуқуқи маданӣ истилоҳи иттиҳодия маънои васеъ дошта, ташкилотҳои дорои шаклхои гуногуни ташкилию ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки қонунгузории гуногун фаъолияти онҳоро танзим мекунад.

Дар м. 129 Кодекси мадании ҶТ мафҳуми иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ба таври зерин оварда шудааст: «Ассотсиатсия (иттифоқ) иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ мебошад, ки ба узвияти ихтиёрӣ ё дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ба узвияти ҳатмӣ асос ёфта, барои намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла манфиатҳои касбӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ, инчунин дигар мақсадҳое, ки хилофи қонун нестанд ва хусусияти ғайритиҷоратӣ доранд, таъсис дода шудааст» [7]. Тавре ба назар мерасад, дар ин мафҳум хусусияти ғайритиҷоратии чунин иттиҳодия ва мақоми шахси ҳуқуқӣ доштани он муайян карда шудааст [125, с. 62]. Аз ҷумла, қонунгузор таъсири ин меъёрҳоро танҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ маҳдуд карда, доираи фаъолияти онҳоро ҳамчун ҳамоҳангсозии вазифаҳои соҳибкорӣ ва намояндагӣ, инчунин ҳифзи манфиатҳои моликияти умумӣ муайян кардааст [119, с. 19]. Шахсони ҳуқуқӣ метавонанд фаъолияти худро ҳам дар асоси шартнома, аз ҷумла шартнома дар бораи фаъолияти муштарак ва ҳам дар асоси таъсиси субъектҳои нав, аз ҷумла иттиҳодияҳо мутобиқи қонунгузории маданӣ якҷоя кунанд [148, с. 237].

Вобаста ба қонунгузории амалкунанда бояд қайд намуд, ки иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад. Илова бар ин, байни мафҳумҳои

«иттиҳодияи корхонаҳо» ва «муттаҳидшавии корхонаҳо» фарқ гузоштан лозим аст, зеро дар мавриди аввал сухан дар бораи субъекти мустақили соҳибкорӣ меравад, ки иштирокчиёни он мақоми шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд ва дар мавриди дуюм бошад, сухан дар бораи усули барҳам додани шахсони ҳуқуқӣ меравад, ки дар натиҷаи он корхонаи нав таъсис меёбад.

Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ шакли ҳамкорие мебошад, ки ба муносибатҳои шартномавӣ асос ёфта, аслан баҳри ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодии ташкилотҳои ба он дохилшуда таъсис дода мешавад. Мақсади асосии ин гуна иттиҳодия марказонидани вазифаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ ё идоракунӣ мебошад, ки ба бештар шудани махсусгардонӣ ва дар доираи равандҳои истеҳсолот муқаррар намудани робитаҳои кооперативӣ мусоидат мекунад. Иштироккунандагони иттиҳодия дороиҳои молиявӣ ва моддии худро барои фаъолияти якҷоя, ки мақсад аз он қонеъ гардондани манфиатҳои иқтисодии худ мебошад, муттаҳид менамоянд. Ин равиш ба баланд бардоштани самаранокии умумӣ ва мустаҳкам гаштани муносибатҳои байни аъзоёни ассотсиатсия имкон медиҳад. «Ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) метавонанд дар фаъолияти соҳибкорӣ бо ду роҳи асосӣ иштирок кунанд. Роҳи якум, ҷалбшавии мустақимро дар бар мегирад, вақте ки ассотсиатсия барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии худ мустақилона ба соҳибкорӣ машғул мешавад. Роҳи дуюм, иштироки бавосита мебошад, ки дар он ассотсиатсия фаъолияти соҳибкории аъзоёнашро ҳамоҳанг намуда, муттасилӣ ва дастгириро дар татбиқи ташаббусҳои тиҷоратӣ таъмин менамояд» [160, с. 12].

Ҳамин тавр, ҳуқуқи таъсис додани ассотсиатсияҳо ҳамчун шакли шартномавии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ набояд бо ягон меъёр маҳдуд карда шавад ва минбаъд оянда он бояд то ҳадди имкон бо қоидаҳои мавҷуда танзим карда шавад.

Агар ба таҷрибаи хориҷӣ назар афканем, масалан, дар Китоби 2 Кодекси мадании Ҳолланд мебинем, ки «ассотсиатсия дар асоси санади ҳуқуқии бисёрҷониба таъсис дода мешавад ва тибқи он тарафҳо, муассисон бо

мақсади якҷоя кор кардан мутобиқи мақсад ва вазифаҳои муайянкардаи онҳо, шахси ҳуқуқӣ таъсис медиҳанд. Ассотсиатсия наметавонад даромадро дар байни аъзоёни худ тақсим кунад ва узвият дар ассотсиатсия бояд шахсӣ бошад, агар дар оинномa тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад» [103, p. 26].

Ассотсиатсия ҳуқуқ надорад ба фаъолияти иқтисодии ташкилотҳое, ки дар он иштирок доранд, дахолат кунад. Бо қарори иштирокчиён ба ассотсиатсия ваколат дода мешавад, ки дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, дигар корхонаю ташкилотҳо манфиатҳои онҳоро ифода намояд.

Қобили зикр аст, ки ассотсиатсия ҳамчун шакли муттаҳидсозии шахсони ҳуқуқӣ ба қонунҳои дигар кишварҳои ҳамсоя низ маълум аст. Мутобиқи қ. 4 м. 46-и КМ Ҷумҳурии Беларус, «таъсиси ассотсиатсияи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва (ё) соҳибкорони инфиродӣ, инчунин иттиҳодияҳои тиҷоратӣ ва ( ё) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо мумкин аст» [2]. «Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд дар ассотсиатсияҳо – ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муттаҳид шаванд, то фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд, манфиатҳои умумиро намояндагӣ ва ҳимоя кунанд». Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мувофиқи қонун «ҳуқуқ доранд ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ таъсис диҳанд ва (ё) дар онҳо иштирок намоянд. Ассотсиатсия (иттифоқҳо) шахси ҳуқуқӣ мебошад. Аъзоёни ассотсиатсия мустақилият ва ҳуқуқҳои худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ нигоҳ медоранд. Ассотсиатсия аз рӯйи уҳдадориҳои аъзои худ ҷавобгар нест. Аъзоёни ассотсиатсия аз рӯйи уҳдадориҳои он тибқи андоза ва тартиби пешбининамудаи оинномаи ассотсиатсия масъулияти субсидиарӣ доранд» [2] (м. 121 КМ Белорусия).

Дар м. 123.8. Кодекси мадании Россия, ки «Муқаррароти асосӣ дар бораи ассотсиатсия (иттифоқ) номгузорӣ шудааст, ба мафҳуми иттиҳоди ташкилотҳои тиҷоратӣ айнан ба монанди м. 129 Кодекси мадании ҶТ як хел таъриф дода шудааст» [3]. Ҳамзамон дар тафовут аз Кодекси мадании ҶТ,

Кодекси мадании ФР муқарротеро дар бар мегирад, ки тибқи он «дар шакли ташкилию ҳуқуқии ассотсиатсия (иттифоқ), аз ҷумла, иттиҳодияҳои шахсоне таъсис дода мешаванд, ки ҳадафашон ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории онҳо, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ мебошад, иттиҳодияҳои касбии шаҳрвандон, ки ҳадафашон ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатии аъзоёни онҳо намебошад, иттиҳодияҳои касбии шаҳрвандон, ки ба иштироки онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд нестанд, ташкилотҳои худтанзимкунӣ ва иттиҳодияҳои онҳо» (м. 123.8. КМ ФР) [3].

Дар амалия саволҳо вобаста ба имкони иштироки ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ дар чунин ташкилотҳо ба миён меоянд. Масъалаи мазкур дар таҳрири нави м. 129 Кодекси мадании ҶТ ҳал карда шудааст: «Ташкилоти ҷамъиятӣ ва ташкилоти дигари ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла муассисаҳо ва шахсони воқеӣ, метавонанд ихтиёран дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-и ин ташкилотҳо муттаҳид шаванд» [7]. Дар ин ҳолат қонунгузор амалияи аллакай мавҷудбудаи ассотсиатсияҳоро мутобиқ намуд [115, с. 1]. Ташкилотҳои гуногун, аз ҷумла шахсони алоҳидаи ин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд ихтиёран ба иттиҳодияҳо дохил шаванд.

Инчунин, тавсеаи назарраси ҳадафҳое, ки муассисон ҳангоми таъсиси чунин созмонҳо дар назди худ гузоштаанд, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Вазифаҳои асосии чунин иттиҳодияҳо аз ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии иштирокчиён, идоракунии моликияти муштарак ва ҳимояи манфиатҳои касбӣ иборат мебошанд. Дар баробари ин, фаъолияти онҳо, инчунин ба ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва иҷрои вазифаҳои дигари ғайритиҷоратӣ, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, равона мегардад.

Дар робита ба иттиҳодияҳои касбии шаҳрвандон, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии иттифоқи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) шахсони воқеӣ таъсис ёфтаанд, бояд таъкид намуд, ки дар чунин ташкилотҳо ҳифзи ҳуқуқу

манфиатҳои иштирокчиён мақоми марказиро ишғол намекунад.

Ба ин иттиҳодияҳои касбӣ иттифоқҳои адвокатҳо, нотариусҳо, намояндагони касбҳои эҷодӣ ва дигар сохторҳои шабеҳ дохил мешаванд.

Муҳим он аст, ки узвият дар чунин иттиҳодияҳо бо мавҷуд будан ё набудани муносибатҳои меҳнатии байни иштирокчиёни онҳо алоқаманд набошад. Бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ шомили ассотсиатсия мебошанд ва бояд дар доираи муносибатҳои гузашта ва ҳозира, заминаҳои иқтисодӣ, таърихӣ ва ҳуқуқии ҳаёти онҳо ва назарияи пайдоиши онҳо баррасӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки дурнамои рушд ва такмили ин намуди шахси ҳуқуқӣ муайян карда шавад. Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, «барои фаъолияти муваффақонаи созмонҳои ғайритиҷоратии соҳибкорон қадами аввалини гурӯҳи ташаббускор – қабули қарор дар бораи дар кадом шакли ташкилию ҳуқуқӣ таъсис додани он мебошад» [73, с. 3].

Ассотсиатсияҳо аслан барои ҳалли эҳтиёҷоти иштирокчиёни ҳуқуқи маданӣ, барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян, аз ҷумла нигаҳдорӣ ва баланд бардоштани неруи иқтисодӣ, маънавӣ, маърифатӣ ва илмии онҳо нигаронида шудааст. «Фаъолияти ассотсиатсия хусусияти машваратӣ дошта, дар дохили ассотсиатсия, функсияҳои асосан хусусияти иттилоотидошта гирд оварда мешаванд» [47, с. 48]. Баҳри амали якҷоя ва доштани имконот барои қабули қарорҳои оптималӣ, соҳибкорон усулҳои нави ҳифзи ҳуқуқҳои худро ҷустуҷӯ мекунанд ва дар масъалаи таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқ) онҳо бештар ба қарори якдилона меоянд» [47, с. 48].

Тибқи м.129 Кодекси мадании ҶТ, «ассотсиатсия як иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ мебошад, ки мақсадҳо ё манфиатҳои мушаххас дорад. Аъзоёни ассотсиатсия одатан барои ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ розӣ мешаванд. Ғайр аз он, ассотсиатсияҳо метавонанд бо мақсадҳои гуногун, аз қабили мақсадҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ё касбӣ таъсис дода шаванд» [7].

Дар адабиёти илмӣ таъкид шудааст, ки «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои амалӣ намудани доираи васеи вазифаҳо, аз қабили ноил шудан ба

ҳадафҳои иҷтимоӣ, хайрия, фарҳангӣ, маърифатӣ, илмӣ ва идоракунӣ ташкил карда мешаванд. Онҳо инчунин метавонанд ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, инкишоф додани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва дигар талаботи ғайримоддии шаҳрвандон, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо нигаронида шаванд»[79, с. 36].

Дар баробари ин, номбар кардани тамоми ҳадафҳо ва вазифаҳои имконпазири ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалан ғайриимкон аст, зеро фаъолияти онҳо ба гуногунии ниёзҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳои ғайритиҷоратӣ, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, асос ёфтааст. Вобаста ба ин, чунин ташкилотҳо метавонанд барои ноил шудан ба мақсадҳои дигаре, ки бо таъмини манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ҳалли баҳсҳо ва амалӣ намудани манфиатҳои ҷамъиятӣ алоқамандананд, таъсис дода шаванд. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки тамоми мақсадҳои пешбинишудаи ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд [79, с. 36]. Масалан, дар асоси талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» – «иттифоқҳои касаба ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрие мебошад, ки шаҳрвандонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзои худ муттаҳид менамояд» [15].

Қобили зикр аст, ки «ҳамчун анъана хусусияти муайянкунандаи ассотсиатсия шахсияти иштирокчиёни он мебошад, дар ҳоле ки иттиҳодия бо умумияти ҳадафҳои он тавсиф мешавад. Якхелагии иштирокчиён бар асоси мақоми ҳуқуқӣ ва мансубияти онҳо ба соҳаи ягонаи иқтисодӣ муайян мегардад. Дар навбати худ, ягонагии мақсадҳо ҳамчун дарки манфиатҳои умумии минтақаи мушаххас, пешбурд ва рушди соҳаи муайяни фаъолияти иқтисодӣ ва омилҳои дигари марбут ба он фаҳмида мешавад» [57, с. 178].

Мутобиқи м. 129 Кодекси мадании ҶТ, ассотсиатсия (иттифоқ) ҳамчун иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ муайян карда мешавад. Аммо сарлавҳаи модда – «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо)» нишон медиҳад, ки сухан танҳо дар бораи шахсони ҳуқуқӣ

меравад. Ба ин муносибат, тағйир додани номи моддаи 129 Кодекси мадании ҶТ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад: «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (иттиҳодияҳо ва иттифоқҳо)».

Таҳлили мазмуни м. 129 Кодекси мадании ҶТ нишон медиҳад, ки ин шахси ҳуқуқӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо роҳ дода мешавад, ки ин боиси тавсифи гуногуни таркиби предмети ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мегардад. Яъне он ҳам аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешавад, инчунин шакли омехтаи онро низ манъ накардааст. Мавҷуд набудани мамнуъият, баҳсҳоро дар адабиёти илмӣ дар хусуси имкони таркиби омехтаи муассисони (аъзоёни) иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳам ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ ба вуҷуд овардааст. Чунин ба назар мерасад, ки яке аз сабабҳои тавсифи эҳтимолии дар як иттиҳодия муттаҳид шудани созмонҳои дорои мақоми якхела дар он аст, ки баъзе муаллифон ҳайати муассисони онро аз якдигар ҷудо накарда, танҳо ба хусусияти ғайритиҷоратии ассотсиатсияҳо ишора менамоянд [114, с. 92]. Тавре В.В. Прохоренко қайд менамояд, танҳо ташкилотҳои якнавъ метавонанд субъектҳои як ассотсиатсия бошанд, яъне ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ якҷоя аъзои як ассотсиатсия (иттифоқ) шуда наметавонанд [57, с. 45]. И.А. Орлов бошад, қайд мекунад, ки имкони таъсиси ассотсиатсияҳо ҳам аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ ҷой дорад [135, с. 27]. Ҳамзамон, тавре С.П. Гришаев баён менамояд, «ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии гуногун бахри ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ мебошанд» [116, с. 144].

Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд барои кумак расонидан ба муассисон – ташкилотҳои тиҷоратӣ дар гирифтани фоида таъсис дода мешаванд, дар ҳоле ки иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, барои кумак расонидан ба муассисони худ – барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таъсис дода мешаванд. Мавриди зикр аст, ки баъзе ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ умуман ба фаъолияти соҳибкорӣ ё ба даст овардани фоида машғул намебошанд.

Яке аз сабабҳои муттаҳидшавии эҳтимолии ташкилотҳои дорои мақоми гуногун дар як иттиҳодия дар он аст, ки баъзе муаллифон хусусияти ғайримоддӣ, ғайритиҷоратии ассотсиатсияҳоро бидуни фарқияти байни ҳайати муассисони онҳо, қайд мекунанд [161, с. 185].

Ҳамзамон байни қонунгузории маданӣ ва дигар қонунҳо оид ба ин масъала, ихтилофот ҷой дорад. Масалан, мутобиқи м. 129 Кодекси мадании ҶТ «ассотсиатсияҳо ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд» [7], аммо Қонуни ҶТ «Дар бораи ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об» бевосита як қатор вазифаҳоеро муқаррар намудааст, ки онҳоро ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ тавсиф намудан мумкин аст. Масалан, ассотсиатсия тарифҳоро барои бо обтаъминкунӣ муқаррар мекунад (м. 1), хаққи хизмат барои обтаъминкуниро муайян мекунад (м.м. 11, 12) ва аз ҳисоби ҳаққи аъзогӣ, бурс ва қарз (моддаи 24) даромад ба даст меорад. Он ҳуқуқ дорад субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъсис диҳад, шартномаҳои тиҷоратӣ оид ба хариди таҷҳизот, аз ҷумла дар хориҷа анҷом диҳад (моддаи 11). Фаъолияти молиявии иттиҳодия аз ҷалб намудани маблағҳои қарзӣ (моддаи 19) ва гирифтани кумаки давлатӣ бо имтиёзҳои андоз (моддаи 5) иборат аст. Механизмҳои ҷуброни зиён (моддаҳои 9, 13-15) ва ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ бештар хоси ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд.

*Аломатҳои иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ тибқи ҳуқуқи маданӣ инҳо мебошанд:*

1) муттаҳидшавии ду ё зиёда шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои фаъолияти муштарак ё ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ. Иттиҳодия чунин намудҳо дошта метавонад:

– иттиҳодияи танҳо шахсони ҳуқуқӣ;

– иттиҳодияи танҳо шаҳрвандон;

– иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ. Ҳамин тавр се намуди чунин иттиҳодияҳо мавҷуд буда метавонанд;

2) ихтиёрӣ будан ё дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун хусусияти ҳатмӣ доштани узвият [118, с. 125];

3) иттиҳодияҳо бо ҳадафҳои мушаххас ташкил карда мешаванд. Ин вазифаҳо намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла касбият, ноил шудан ба ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, инчунин иҷрои дигар вазифаҳоеро дар бар мегиранд, ки хилофи қонун нестанд ва хусусияти истисноии ғайритиҷоратӣ доранд;

4) онҳо метавонанд шаклҳои гуногуни ташкилӣ ва механизмҳои гуногуни идоракунӣ, аз ҷумла мақомоти интихобшуда ё таъиншудаи роҳбарикунанда (масалан, шурои директорон, идоракунӣ), ки аз номи ассотсиатсия қарор қабул мекунанд ва фаъолияти онро назорат мекунанд, дошта бошанд. Даромади ассотсиатсия аз пардохтҳо, хайрияҳо, грантҳо ва дигар фаъолиятҳои даромаднок иборат аст;

5) ассотсиатсия (иттифоқ) умуман мақсади ба даст овардани ҳуқуқи моликияти иштирокчиёни онро ба молу мулке, ки аз пардохти аъзоҳаққӣ ташкил ёфтааст, дар назар надорад. Ҳамзамон дар сурати дар ҳуҷҷатҳои таъсиси он нишон дода шудан, аз рӯйи уҳдадориҳо аъзоён метавонанд масъулияти субсидиарӣ дошта бошанд [115, с. 1].

Қонунгузор рӯйхати маҳдуди соҳибони сармояи мақсаднокро муқаррар кардааст, ки шакли ташкилию ҳуқуқии ассотсиатсия (иттиҳофоқ)-ро дар бар намегирад. Чунин хусусияти моликият, комилан табиист, зеро ки манфиати ташкилотҳои зиёди хусусӣ ва сохторҳои давлатиро муайян мекунад [149, с. 721].

Ба андешаи мо, аз ҷониби қонунгузор истифода шудани ду истилоҳ – «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» тасодуфӣ набуда, ба ин васила ҳам ба иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, ҳам ба иттиҳодияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ҳам шахсони воқеии ҳуқуқӣ муттаҳид шудан ба онҳоро додааст. Дар ҳуқуқи маданӣ истилоҳҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқҳо» ҳамчун синоним аксар вақт ба ҷойи ҳамдигар истифода мешаванд. Қонунгузор низ байни мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» тафовути дақиқ намегузорад. Тавре С.Г. Иванова қайд мекунад «чунин тафовут шартӣ мебошад». Аммо баъзе олимони ҳуқуқшинос ба ин нуқтаи назар розӣ нестанд

ва инро бо он шарҳ медиҳанд, ки хусусияти асосии ассотсиатсия ҳамон як намуди таркиби иштирокчиёни он мебошад, дар ҳоле ки иттифоқ аз рӯйи ангезаҳои дигар ҳамчун иттиҳодия эътироф карда мешавад (масалан, иттифоқҳои минтақавӣ, бозори умумии хариду фурӯши маҳсулот) [94, с. 104]. Инчунин, тафсири мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» аз ҷониби Н. Борисов ҷолиб аст, ки ба андешаи ӯ, ин мафҳумҳоро фарқ кардан лозим аст, зеро ки иттифоқ нисбат ба ассотсиатсия иттиҳодияи дараҷаи баландтар мебошад [78, с. 11]. А.Н.Борисов қайд мекунад, ки «бо сабабҳои норавшан қонунгузор бо истифода аз мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ», фарқияти байни онҳоро муайян накардааст. Зоҳиран, иттифоқ маънои иттиҳодияи сатҳи болотар аз ассотсиатсияро дорад, аз ҷумла, иттифоқ ин иттиҳоди ассотсатсияҳо мебошад» [45, с. 140]. Дар баъзе сарчашмаҳои дигар чунин ақидае баён мегардад, ки ассотсиатсия ин иттиҳодияи ибтидоии ташкилотҳо буда, иттифоқ бошад, дар навбати худ, аллакай иттиҳоди чунин ассотсиатсияҳо мебошад. Ба андешаи М.Ю. Тихомиров, «дар асоси амалия ба он хулоса омадан мумкин аст, ки ассотсиатсияҳо дар асоси хусусияти ташкилӣ, касбӣ ё истеҳсолӣ ва иттиҳодияҳо бошанд, аз рӯйи минтақаҳо ё дигар асосҳо таъсис дода мешаванд» [93, с. 9]. Ба андешаи мо, тафовути байни ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) шартӣ мебошад. Ғайр аз ин, мувофиқи қонунгузории қаблан амалкунанда, ассотсиатсияҳо ҳамчун иттиҳодияҳои соҳавӣ ё намуди муайяни фаъолият ва иттифоқҳо бошанд ҳамчун иттиҳодияҳои ҳудудӣ (минтақавӣ) фаҳмида мешуданд [109, с. 142]. Ин мафҳумҳо аз ҷиҳати этимологӣ гуногун бошанд ҳам, аммо аз нигоҳи ҳуқуқӣ аз ҳамдигар тафовут надоранд. Дар қонун низ мафҳуми алоҳидаи ассотсиатсия ё иттифоқ вуҷуд надорад.

Ассотсиатсия вақте ташкил карда мешавад, ки асоси муттаҳидшавӣ манфиатҳои касбӣ, соҳавӣ ё иҷтимоии иштирокчиён мебошад. Масалан, Ассотсиатсияи табибон, Ассотсиатсияи ширкатҳои IT ё Ассотсиатсияи фермерҳо аъзоҳоро дар асоси принсипи мансубият ба як соҳаи фаъолият муттаҳид мекунад. Баръакс, иттиҳодияҳо бештар дар асоси ҳадафҳои умумӣ ё

принсипи ҳудудӣ таъсис дода мешаванд, ки дар чунин номҳо, ба мисли Иттиҳодияи муҳофизони муҳити зист, Иттифоқи нависандагон ё Иттиҳоди донишҷӯён инъикос мееёбанд. Дар ассотсиатсияҳо омили асосии муттаҳидкунанда ҷомеаи касбӣ ё корпоративӣ мебошад, дар ҳоле ки дар иттифоқҳо ба вазифаҳои муштарак ё ҳамкории минтақавӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ, муассисон, ки метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бошанд, вобаста ба ҳуқуқҳояшон ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

Якум, шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон ба молу мулки он ҳуқуқи моликият ва ё дигар ҳуқуқи молумулкӣ доранд. Ба ин гурӯҳ корхонаю муассисаҳои давлатӣ дохил мешаванд.

Дуюм, шахсони ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо иштирокчиён нисбат ба ташкилот ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян доранд. Ба ин гурӯҳ субъектҳои хоҷагидорӣ (масалан, ҶДММ, ҶСК), ширкатҳо (комил ва ба боварӣ асосёфта), инчунин кооперативҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд.

Сеюм, шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон нисбат ба ташкилоти таъсисшуда ҳуқуқи моликият надоранд. Ба ин категория иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия, инчунин ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳое, ки дигар шахсони ҳуқуқиро муттаҳид мекунанд, дохил мешаванд. [98, с. 27].

Мутобиқи Кодекси мадании ҶТ «ҳама шахсони ҳуқуқӣ метавонанд танҳо дар шакли ташкилию ҳуқуқии пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд»[7].

Фаъолияти ғайритиҷоратии ассотсиатсия ҳам аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷониби ташкилотҳои дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ набуда амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, «ташкилоти ғайритиҷоратӣ»-ро ба маънои васеъ ва маҳдуд таъриф додан мумкин аст. Ба маънои васеъ ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамаи субъектҳои коллективӣ, аз ҷумла онҳое, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранд, дохил мешаванд. Онҳо барои ноил шудан ба

мақсадҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ташкил карда мешаванд ва сарфи назар аз мавҷуд будани ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян дар муомилоти маданӣ иштирок карда наметавонанд. Ба маънои маҳдуд бошад, танҳо онҳое мебошанд, ки ба сифати шахси ҳуқуқӣ расман ба қайд гирифта шудаанд.

Шахсони ҳуқуқӣ аз рӯйи мақсади таъсис ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ба сифати яке аз намудҳои шахсони ҳуқуқӣ баромад менамоянд [77, с. 20]. Тибқи қ. 1 м. 50 Кодекси мадании ҶТ, «ташкилотҳое шахси ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ё чунин мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокдорон тақсим намекунанд (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ)» [7].

«Шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ таъсис дода шаванд. Шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ метавонанд яке аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқиеро, ки дар Кодекси мадании ҶТ оварда шудааст, дошта бошанд» [85, с. 70]. «Шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳо, фондҳо, инчунин дар шаклҳои дигари пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд».

Ба даст овардани фоида ва тартиби тақсими он маҳаки асосии ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ тақсим кардани ташкилотҳо мебошад. Ассотсиатсияҳо ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тамоми фоидаи бадастомадаро танҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои оиномавӣ ва дигар ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бе тақсими онҳо дар байни иштирокчиён равона мекунанд.

Чунин таснифот барои ба тартиб даровардани шаклҳои сершумори ассотсиатсияҳо, ба низоми мантиқӣ ва пайгирона даровардани онҳо

имкониятҳо мекушояд. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо мақоми ҳуқуқии ҳар як гурӯҳ аниқ муайян карда шавад, инчунин хусусиятҳои асосии танзимкунанда, ки ба як намуди ташкилот хос аст, нишон дода шавад. Ин равиш фаҳмиши хусусияти меъёрҳои қонунгузориро, ки фаъолияти иттиҳодияҳои гуногунро танзим мекунанд, амиқтар намуда, барои муайян кардани фарқиятҳои асосии байни онҳо мусоидат мекунад. Ин барои ташкили муҳити шаффоф ва муассири ҳуқуқӣ, ки хусусиятҳои хоси ҳар як шакли ташкилотро ба инобат мегирад, махсусан муҳим аст. Ин ба муқаррар намудани шаклҳои возеҳи ташкилию ҳуқуқӣ мусоидат намуда, ба таъсиси сохторҳои дар қонун пешбининашуда монеъ мешавад [141, с. 45]. Ҳамзамон, тавре дар адабиёт қайд мегардад, «баъзе ташкилотҳои тиҷоратӣ қобилияти умумии ҳуқуқӣ доранд, дигар ташкилотҳо дорои қобилияти махсуси ҳуқуқӣ мебошанд «на танҳо ташкилоти тиҷоратӣ (ғайр аз корхонаҳои давлатӣ), балки ташкилоти ғайритиҷоратӣ (кооператсияи матлубот ё фонд) низ муфлис эълон шуда метавонанд; баъзе кооперативҳо (истеҳсолӣ) ба ташкилотҳои тиҷоратӣ, баъзе (матлуботӣ) ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тааллуқ доранд, гарчанде ки ҷамъиятҳои матлуботӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фаъолона машғуланд» [145, с. 100].

Имрӯзҳо тақсимоти қонунии шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ боиси баҳсу мунозираҳо гаштааст. Ин ба он далел аст, ки ассотсиатсия ва иттифоқҳо сарфи назар аз мақоми худ, инчунин ҳуқуқ доранд, ки бо вуҷуди маҳдудияти муайян ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Чунин зарурати тафовут намудани шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқи иштирокчиён нисбат ба моликияти (б. 2 ва 3 м. 48 Кодекси мадании ҶТ) аз «мавҷуд набудани моликияти «ҳиссавӣ» («коллектив») ё дигар «молу мулк»-и муассисон (иштирокчиёни) шахсони ҳуқуқӣ ба моликияти онҳо ба миён омадааст»[7]. Чунончӣ, агар моликияти шахси ҳуқуқӣ ҳамчун соҳиби мустақили моликият аз байн равад, сохтори ҳуқуқии он маънои худро гум мекунад. Аммо ин гуна таснифот хусусияти умумӣ дорад ва хусусиятҳои шаклҳои алоҳидаи иттиҳодияҳоро ба назар намегирад. Баръакси бисёр

шаклҳои дигари ташкилию ҳуқуқӣ, иштирокчиёни ширкатҳо ва кооперативҳо мақоми махсуси ҳуқуқӣ доранд – дар баробари уҳдадориҳо онҳо маҷмуи ҳуқуқҳои корпоративӣ мегиранд. Чунин духурагии мақоми ҳуқуқӣ ҳангоми таҳлили моҳияти ҳуқуқии ин иттиҳодияҳо диққати махсусро талаб мекунад. Хусусияти танзими ҳуқуқии онҳоро ин маҷмуи ягонаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиён муайян мекунад, ки ҳангоми таҳияи стандартҳои идоракунии корпоративӣ ва механизмҳои ҳамкории байни аъзои ташкилот бояд ба назар гирифта шаванд.

Тақсимоти шахсони ҳуқуқӣ ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (м. 50 Кодекси мадании ҶТ) дуруст аст, зеро агар он бекор карда шавад, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (фондҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) имкониятҳои номаҳдудро дар фаъолияти соҳибкорие, ки бо хусусияти максади қобилияти ҳуқуқияшон асоснок нагардидааст, пайдо мекунанд.

Намунаи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)) тибқи қонунгузории ҷорӣ инҳо буда метавонанд: «Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои қарзӣ ( м. 5 Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти бонкӣ аз 19.05.2009 № 524) [26], Иттифоқи Тоҷикматлубот (м.6 Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992, № 584) [26], Иттиҳодияҳои корфармоён (Қонуни ҶТ дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён аз 17.05.2004)» [16] ва ғайра.

Азбаски ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо шахси ҳуқуқӣ мебошанд, онҳо тамоми аломатҳои дахлдори дар м. 48 Кодекси мадании ҶТ пешбинигардидаро доро мебошанд. Дар доктринаи ҳуқуқӣ аломатҳои шахси ҳуқуқиро ҳамчун иштирокчии муносибатхои ҳуқуқи маданӣ ба ду гурӯҳ: асосӣ ва фардикунанда ҷудо менамоянд. Моликияти мустақил ва ягонагии ташкилӣ аломатҳои асосӣ мебошанд, чуноне ки муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, «чаҳорчӯби сохтори ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва асоси қобилияти ҳуқуқдории он мебошанд» [83, с. 155]. Дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ механизми таъмини қобилияти баробарҳуқуқии ҳама намудҳои шахсони ҳуқуқӣ дар самти амалигардонии намудҳои зикршудаи

фаъолият пешбинӣ нашудааст.

Яке аз таснифоти асосии шахсони ҳуқуқӣ тақсимоти ташкилотҳо вобаста ба ҳаҷми қобилияти ҳуқуқӣ ба намудҳо мебошад. Зери мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ, маънои доштани қобилияти ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои ухдадориҳо дар назар дошта мешавад. Ин категория бо мавҷудияти мақоми махсуси ҳуқуқӣ тавсиф шуда, ба ӯ имкон медиҳад, то дар муомилот иштирок кунад. Дар баробари ин, маҳз қобилияти хуқуқӣ сифате мебошад, ки доираи иштироки субъектро дар муомилот муайян мекунад, аммо хусусиятҳои муҳимми онро ҳамчун сохтори ҳуқуқӣ ифшо намекунад. Лозим ба ёдоварист, ки имрӯз масъалаи мазкур дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои маданӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад. Бинобар ин, тибқи муқарраротӣ чунин санадҳои қабулнамуда, ҳангоми ворид шудан ба муносибатҳои соҳибкорӣ риояи талаботҳо, донистан ва амал дар асоси онҳо функсияҳои асосии мақомоти таъсисдиҳандаи шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин хусус дар як қатор адабиётҳои ҳуқуқӣ фикру ақидаи муҳаққиқон дарҷ гардидаанд. Тибқи пешниҳоди як қатор муҳаққиқон қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони ҳуқуқӣ дар як вақт ба вуҷуд меоянд, яъне аз лаҳзаи таъсиснамоӣ. Азбаски қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ бо ҳам ҷудонашаванда буда, дар як вақт ба вуҷуд омада ва ҳамзамон дар як вақт қатъ мешаванд, тафовут дар байни онҳо моҳияти худро гум мекунад. Бояд гуфт, ки мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ дар қонун ва маҷмуи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дарҷ карда шуда, мақоми ӯро ҳамчун иштирокчии муносибатҳои маданӣ муайян менамояд. Вақтҳои охир, ба ғайр аз муносибати анъанавӣ оид ба муайян кардани табиати ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ, асоснокии ин падидаи ҳуқуқӣ ҳамчун шакли мураккаб пешниҳод карда шуд. Аз нуқтаи назари муносибати охирин, шахсияти ҳуқуқӣ бояд ҳамчун категорияи мураккаби илмӣ фаҳмида шавад, ки ба шахс ҳамчун як соҳиби ҳуқуқ ва ухдадориҳои муайян тавсиф кардани субъектро ба таври мукаммал фароҳам оварад. Ба андешаи мо, мафҳуми

қобилияти ҳуқуқиро дар алоҳидагӣ аз чунин падида, ба монанди қонунигардонии субъекти ҳуқуқ баррасӣ кардан мумкин нест. Мафҳуми қобилияти ҳуқуқӣ, ҳамчун калиди муайян кардани режими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шудааст. Ҳамин тариқ, мавҷудияти қобилияти ҳуқуқӣ шарти зарурии иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад.

Дар айни замон, дар адабиёти ҳуқуқӣ якчанд нуктаи назар оид ба қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Нуқтаи афзалиятнок ин аст, ки қобилияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ба ду намуд тақсим мешавад: умумӣ ва махсус. Солҳои охир дар адабиёти илмӣ бештар ба нишон додани намуди сеюми қобилияти ҳуқуқӣ - истисноӣ шуруъ карданд. Фарқияти асосии қобилияти истисноии ҳуқуқӣ мавҷудияти иҷозат барои иҷрои намуди муайяни фаъолият ва ҳамзамон муқаррар намудани манъи иҷрои ҳама гуна намудҳои дигари фаъолият мебошад. Дар айни замон, ягон мафҳум оид ба масъалаи фарқияти қобилияти махсус ва истисноии ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Умуман, эътироф карда шудааст, ки ташкилотҳои муайяни тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ тибқи қонун, фаъолияти истисноӣ анҷом медиҳанд. Қобилияти истисноии ҳуқуқӣ қобилияти дорои субъекти ҳуқуқҳои маданӣ барои амалӣ намудани намудҳои фаъолияти дар қонунгузорӣ ҳамчун истисно муайяншуда ва уҳдадориҳои шаҳрвандии ба ин фаъолият мувофиқ мебошад. Дар илм ғояи эътирофи қобилияти мақсадноки ҳуқуқӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқии ҷамъиятӣ дар баробари категорияи қобилияти махсуси ҳуқуқӣ баррасӣ карда шуд. Дар воқеъ, нисбати шахсони ҳуқуқие, ки хусусияти онҳоро амволи ҷудошуда муайян мекунад, қобилияти мақсадноки ҳуқуқӣ бояд ҳамчун категорияи қобили қабул дар доираи қобилияти махсуси эътирофшудаи ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад. Ҳамин тариқ, хусусияти вазъи ҳуқуқии ин ташкилотҳо таъкид карда мешавад, ки моҳияти он бо ноил шудан ба ҳадафи муайянкардаи муассис вобаста аст. Барои ин ташкилотҳо заминаҳои махсус барои қатъ кардани фаъолият метавонанд муқаррар карда шаванд, зеро тағйирёбии ҳадафҳои фаъолият ё дастнорасии онҳо бояд

ногузир дар натиҷаи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ пайдо шавад. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки мундариҷа ва миқёси қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ (қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ) бо истифода аз ду меъёр муайян карда мешавад: мақсади фаъолият ва намуди фаъолият. Мавҷудияти мақсади фаъолият дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ шарти мавҷудияти ҳар як шахси ҳуқуқӣ мебошад. Мувофиқи мақсадҳои фаъолият, ду категорияи шахсони ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Баъзе аз онҳо ҳуқуқ доранд бо ҳар намуди фаъолияте, ки қонун манъ накардааст, машғул шаванд ва мутобиқи қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқҳои маданиро ба зимма гиранд. Чунин шахсони ҳуқуқӣ дорои қобилияти умумии ҳуқуқӣ мебошанд.

Қобилияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ дорои хусусияти махсусест, ки бо доираи ҳадафҳои оинномавӣ ва меъёрҳои қонунгузории онҳо маҳдуд аст. Ин маънои онро дорад, ки ташкилот метавонад танҳо дар он муносибатҳои ҳуқуқие, ки бевосита ба фаъолияти асосии он алоқаманданд ва дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё санадҳои ҳуқуқии дахлдор пешбинӣ шудаанд, иштирок кунад. Ин кафолат медиҳад, ки амали шахси ҳуқуқӣ ба ҳадафҳои оинномавии он мувофиқат намуда, ба берун рафтани он аз доираи салоҳияти муқарраршуда монеъ мешавад ва кафолати муайяни ҳуқуқӣ дар ҳамкории он бо дигар шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

Хамин тавр, шахси ҳуқуқӣ танҳо ҳамон ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро дошта метавонад, ки ба фаъолияти асосии он алоқаманданд. Вале, тавре таҷриба нишон медиҳад, ташкилотҳое, ки ба муносибатҳои тиҷоратӣ машғуланд, дар ҳамаи ҳолатҳо ба ин ду меъёри асосӣ ҷавобгӯ нестанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳуқуқи ба амал баровардани фаъолияти соҳибкориро доранд, ба шарте ки он ба талаботи қонунгузории амалкунанда мухолифат накунад.

Масъалаи муайян кардани аломатҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ мавриди баҳс қарор дорад. Тавре бештари мутахасисон қайд мекунанд, шахсони ҳуқуқӣ чунин хусусиятҳои фардикунонӣ доранд: «ном, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, тартиби бақайдгирӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, суратҳисоб, салоҳияти мақомоти идоракунӣ, муҳру штамп, тавозун ё харҷнома» [48, с.

35]. Ин номгӯй низ баҳснок мебошад, аммо бештари муҳаққиқион ин номгӯйи аломатҳои фардикунониро номбар мекунанд.

Сохторҳои муосири корпоративӣ аксар вақт дар асоси принсипи ҳамгироии амудӣ ташаккул меёбанд, ки дар он модели "ташкилоти волидайн – ташкилоти фаръӣ" нақши асосиро мебозад. Ин равиш дар гурӯҳҳои молиявӣ ва саноатӣ (FIG) васеъ паҳн гардида, идоракунии самараноки дороиҳо, тақсимоти хавф ва синергетикаро байни иштирокчиёни ассотсиатсия таъмин менамояд.

Ҳамзамон ба инобат бояд гирифт, ки ассотсиатсияи ташкилотҳои тиҷоратӣ тибқи модели «ташкилоти асосӣ – ташкилоти фаръӣ» таъсис дода мешаванд. Ташкилоти ибтидоӣ ҳамчун маркази идоракунӣ амал мекунад, ки назоратро аз болои ширкатҳои фаръӣ тавассути механизмҳои моликияти саҳмӣ (манфиатҳо) ё муносибатҳои шартномавӣ амалӣ менамояд. Чунин иерархия имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои молиявӣ оптимизатсия карда, хароҷоти андоз кам карда, рақобатпазириро дар бозор баланд бардоранд. Ин модел унсури асосии идоракунии корпоративӣ дар ассотсиатсияҳои муосири сохторҳои тиҷоратӣ, махсусан дар гурӯҳҳои молиявӣ ва саноатӣ мебошад, ки дар он ҷо мувофиқат дар идоракунӣ ва тақсимоти захираҳо талаб карда мешавад. Ин усул аслан ба гурӯҳҳои молиявию саноатӣ хос аст [151, с. 72].

Ҳамин тавр, аломатҳои ассотсиатсия ва иттиҳодия инҳо мебошанд:

*1) Ягонагии ташкилӣ,* ки ба ҳар як ташкилот хос аст. Чунин ягонагӣ омили асосии таъмини устувории ташкилот ва нигоҳ доштани сохтори дохилии он мебошад. Ташкилоти ғайритиҷоратӣ, бар хилофи сохторҳои тиҷоратӣ, дар асоси системаи дақиқ танзимшудаи мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои дохилӣ фаъолият мекунад, ки фаъолияти онҳо ба ноил шудан ба ҳадафҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинишуда тобеъ аст. Ба чунин сохтор мақомоти коллегиалӣ (маҷлиси умумӣ, шурои парасторон) ва иҷроия (роҳбарӣ, раёсатӣ) дохил мешаванд, ки банақшагирии стратегӣ ва идоракунии оперативиро таъмин менамоянд. Ташкили дохилии ташкилоти ғайритиҷоратӣ тақсимоти ваколатҳо, назорат аз болои истифодаи мақсадноки

захираҳо ва риояи ҳадафҳои оинномавиро дар бар мегирад, ки ба шаффофияти фаъолият ва зиёд шудани эътимоди ҷонибҳои манфиатдор мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, идоракунии самаранок дар чунин ташкилот ба риояи қатъии сохтори дохилӣ бо рисолати ташкилот, ки дар оиннома зикр шудааст, асос ёфтааст. Чунин ташкили равандҳои дохилӣ имкон медиҳад, ки масъулият байни иштирокчиён тақсим карда шуда, ҳамкории мутақобила ба роҳ монда шавад ва дар ниҳоят ба муваффақона ноил шудан ба вазифаҳои асосӣ ва татбиқи рисолати ташкилот мусоидат мекунад. Ин сохтор имкон медиҳад, ки ҳамоҳангсозии муассири фаъолият ва тартибот дар дохил нигоҳ дошта шавад. Ягонагии ташкилӣ хусусияти асосиест, ки шахси ҳуқуқиро аз дигар шаклҳои ташкилӣ тафовут мебахшад. Он як низоми ҳамоҳангшудаи унсурҳои сохторӣ ва равандҳои идоракуниро ифода менамояд, ки фаъолияти муассири ташкилотро дар доираи қонунгузорӣ ва муқаррароти қонунӣ таъмин мекунад. Сараввал шахси ҳуқуқӣ аз рӯйи мақоми ташкилии он муайян карда мешавад, ки муқаррар намудани ҳадафҳо, таъсиси сохторҳои дохилӣ ва муайян кардани системаи идоракуниро дар бар мегирад. Ба сохтори шахси ҳуқуқӣ одатан мақомоти идоракунӣ, мақомоти иҷроия, воҳидҳои функсионалӣ ва кадрҳои касбӣ дохил мешаванд, ки татбиқи вазифаҳо ва мақсадҳои онро таъмин менамоянд. Умуман, ягонагии ташкилӣ хусусияти муҳимми шахси ҳуқуқӣ буда, мақоми онро ҳамчун ташкилоти алоҳида ва мустақил, ки қодир аст аз номи худ амал кунад ва барои амалҳои худ тибқи қонун масъул бошад, таъмин менамояд.

*2) Доштани моликияти мустақил* онро дар назар дорад, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳама гуна молу мулкро таҳти ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молумулкӣ, таҳти назорати иқтисодӣ ё идораи фаврӣ дорад. Набудани молу мулки алоҳида, иштирокро дар муносибатҳои молумулкӣ истисно месозад, зеро ҳангоми иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз рӯйи ухдадориҳои худ бо он молу мулке, ки ҳам ҳангоми таъсиси онҳо дар ибтидо доштанд ва ҳам дар давраи рафти фаъолияти худ ба даст овардаанд, ҷавобгар мебошанд. Тавре Х. Носиров дуруст қайд

менамояд, маҳз доштани моликияти мустақил барои корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият заминаи асосии моддии амалигардонии фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳад [166, с. 7]. Бояд қайд, намуд, ки дорои моликияти алоҳида будан, хусусияти асосии шахси ҳуқуқӣ буда, мустақилияти онро дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Ин аломат маънои онро дорад, ки шахси ҳуқуқӣ дорои моликияти шахсии аз моликияти муассисон ва шахсони дигар ҷудошуда мебошад. Метавон дарк намуд, ки шахси ҳуқуқӣ ба молу мулке ҳуқуқ дорад, ки он моликияти ғайриманқул ва манқул, пули нақд, коғазҳои қиматнок, моликияти зеҳнӣ ва дигар дороиҳоро дар бар мегирад. Ин молу мулкро шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва бо мақсадҳои худ ба даст меорад, истифода мебарад ва ихтиёрдорӣ мекунад. Ҷанбаи муҳимми ин аломат дар маҳдудияти масъулияти шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки дар сурати мавҷуд будани уҳдадориҳо ё қарзҳо дар назди шахсони сеюм, масъулияти шахси ҳуқуқӣ на ба моликияти шахсии муассисон ё дигар шахсони бо ташкилот алоқаманд, балки ба молу мулки ӯ маҳдуд мешавад. Ҳамин тавр, доштани моликияти алоҳида ҳифзи манфиати муассисон ва иштирокчиёни ташкилотро таъмин менамояд.

*3) Доштани масъулияти молумулкӣ аз рӯйи уҳдадориҳо.* Агар ташкилот уҳдадориҳои мадании худро иҷро карда натавонад, ин уҳдадориҳо аз ҳисоби молу мулки ба он тааллукдошта иҷро карда мешаванд. Ҷавобгар будан аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо молу мулк яке аз хусусиятҳои шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мебошад, хусусан агар ин ба фаъолияти ба мақсадҳои иҷтимоӣ ё эҳсонкорӣ нигаронидашуда алоқаманд бошад, на барои ба даст овардани фоида. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз қабили созмонҳои хайрия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ аксар вақт ягон ҳадафи ба даст овардани даромадро надоранд ва захираҳои худро барои қонеъ гардонидани ниёзмандиҳои ҷамъиятӣ ё ҳалли мушкилотҳои ҷамъиятӣ истифода мебаранд. Ҷавобгар будан аз рӯйи уҳдадориҳо бо молу мулк, маънои онро дорад, ки агар ташкилоти ғайритиҷоратӣ уҳдадориҳои худро

тибқи шартномаҳо ё уҳдадориҳои дигар иҷро карда натавонад, молу мулки он метавонад барои иҷрои ин уҳдадориҳо истифода шавад. Ин метавонад дар шакли фурӯши молу мулк ё шакли дигари ҷуброн ба кредиторон сурат гирад.

Аломатҳои фардикуниро аз воситаҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ бояд тафовут намуд. «Барои самаранокии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ на танҳо вазъи молумулкии он муҳим аст. Инчунин воситаҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ (ном, маҳалли ҷойгиршавӣ, эътибори корӣ) низ аҳаммияти калон доранд» [49, с. 81]. Ном, воситаи асосии фардикунонӣ мебошад. Номи фирмавӣ вазифаи асосии фардикуниро иҷро мекунад, ки имкон медиҳад як шахси ҳуқуқӣ аз дигар субъектҳои соҳибкорӣ фарқ карда шавад. Мутобиқи Кодекси мадании ҶТ додани ном шарти ҳатмӣ ҳангоми таъсиси ташкилот мебошад. Дар баробари ин, номи фирмавӣ бояд нишондоди шакли ташкилию ҳуқуқиро дар бар гирад (масалан, ҶДММ, ), барои ташкилотҳои ғайритиҷорати бошад, хусусияти фаъолияти онҳоро (масалан, «Фонди хайрия», «Маркази таълим») ба таври иловагӣ инъикос намояд. Ин талабот ба таъмини шаффофияти муомилоти маданӣ ва огаҳии контрагентҳо аз мақом ва ихтисоси шахси ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Номи фирмавӣ на танҳо ҳамчун воситаи фардикунонӣ, балки ҳамчун унсури муҳимми танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайритиҷоратӣ дар Тоҷикистон хизмат мекунад. Номи баъзе шаклҳои ташкилот, инчунин бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошанд.

Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ» талаб мекунад, ки дар баробари номи ташкилот, шакли ҷамъияти саҳомӣ будани он зикр карда шавад. [11]. Номи пурраи шахси ҳуқуқӣ одатан аз ду ҷузъи муҳим иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо нақши хоси худро дорад. Ин ду унсури асосӣ инҳоянд:

1. Номи хоси шахси ҳуқуқӣ (номи фирмавӣ) – ҳамчун нишонаи фарққунандаи ташкилоти мазкур хизмат карда, онро аз дигар шахсони ҳуқуқӣ ҷудо менамояд.
2. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ – ин ҷузъи ном, навъи ҳуқуқӣ ва сохтори

ташкилии ташкилотро нишон медиҳад (масалан, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд – ҶДММ). Шакли ташкилию ҳуқуқӣ баён менамояд, ки ташкилот дар кадом мақоми ҳуқуқӣ фаъолият мекунад ва дорои чӣ гуна сохтори идоракунӣ мебошад.

Фарқияти ин ду унсур дар он аст, ки унсури аввал номи ташкилотро дар байни дигарон мушаххас ва фарқ мекунад, унсури дуюм бошад, ба намуд ва сохтори ҳуқуқии он ишора менамояд.

Коршиносон номро ба ду қисмат ҷудо мекунанд: «қисмати асосӣ» – дорои маълумоти ҳатмӣ дар бораи шахси ҳуқуқӣ ва «қисмати ёрирасон» ки барои фардикунонии он пешбинӣ шудааст. [151, с. 72].

Мақсади дар иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ муттаҳид кардани ташкилотҳои тиҷоратиро м.129 Кодекси мадании ҶТ возеҳ муқаррар менамояд, чунин аст: «барои намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла манфиатҳои касбӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ, инчунин дигар мақсадҳое, ки хилофи қонун нестанд» [7].

Ҳамин тавр, чунин ассотсиатсияҳо барои иҷрои вазифаҳои гуногуне, ки ба беҳтар шудани ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд, ташкил карда мешаванд. Фаъолияти онҳо метавонад ба дастгирии ташаббусҳои иҷтимоӣ, хайрия, рушди фарҳанг, маориф ва илм, инчунин идоракунии самаранок равона карда шавад. Чунин ташкилотҳо бо масъалаҳои муҳофизати саломатӣ, оммавӣ гардондани варзиш, қонеъ гардондани талаботи маънавӣ ва дигар талаботи ғайримоддии аҳолӣ низ машғул мешаванд. Илова бар ин, онҳо дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳам шаҳрвандон ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Мақсадҳои онҳо ҳамеша ба манфиати ҷамъият ва ба даст овардани натичаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок, нигаронида шудаанд.

Азбаски «иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, ин иттиҳоди шахсони ҳуқуқии ғайртиҷоратӣ мебошанд, дар номи онҳо бояд шакли ҳуқуқӣ ва намуди фаъолияти онҳо зикр карда шавад, масалан, Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [175].

Дар баробари ин, қонунгузорӣ оид ба навъҳои алоҳидаи ассотсиатсия

(иттифоқҳо), мақсадҳои мушаххасеро дар бар мегирад, ки ба ин навъи иттиҳодия хосанд. Ҳамзамон, чунин ба назар мерасад, ки вазифаи асосии иттифоқҳои касаба дар баробари ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, оптимизатсияи равандҳои идоракунӣ тавассути механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти аъзоёни онҳо мебошад. Аслан ташкилоти иттифоки касаба вазифаи ҳамоҳангсози институтсионалиро иҷро карда, пайвастагии амалҳоро дар мухити касбӣ таъмин менамояд. Иқтидори якхелаи идоракунӣ барои ассотсиатсияҳое хос аст, ки дар робита ба аъзоёни худ вазифаҳои ширкати идоракуниро ба уҳда мегиранд. Дар ин маврид модели ихтиёран додани як қисми ваколатҳои идоракунӣ дар ҳолате татбиқ мегардад, ки аъзоёни иттиҳодия бошуурона вазифаҳои муайяни танзим ва ҳамоҳангсозиро ба иттиҳодия мегузоранд. Ин равиш имкон медиҳад, ки хароҷот барои иштирокчиёни инфиродӣ кам карда, ҳамзамон самаранокии ҳамкории дастаҷамъона афзоиш ёбад.

Тибқи қ. 6 м. 48 Кодекси мадании ҶТ «ба шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон (иштирокдоронашон) нисбати онҳо ҳуқуқи молумулкӣ надоранд, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ, фондҳо ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо) ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун дигар шахсони ҳуқуқӣ дохил мешаванд [7]. Шахси ҳуқуқие, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис медиҳад, маънои ёрирасон дорад, бинобар ин онҳо метавонанд дар шаклҳои пешбининамудаи қонунгузории маданӣ вуҷуд дошта бошанд» [142, с. 53]. Феълан қабул шудани қонунҳои зиёд, ки фаъолияти ин ташкилотҳоро танзим мекунанд, шаклҳои зиёди ташкилию ҳуқуқии иттиҳодияҳо пайдо шуданд. Ассотсиатсияҳо мувофиқи қонунгузории муосир дорои ҳамаи хусусиятҳои дар боло зикргардидаи шахси ҳуқуқӣ буда, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба таври қонунӣ ба расмият даровардашуда ҳисобида мешаванд ва дорои қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки расман эътироф накардани ассотсиатсияи ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки масалан дар шакли холдингҳо ва консорсиумҳо

мавҷуданд, метавонад ба дурустии татбиқи қонунгузорӣ нисбати онҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истисноии ба ташкилот тааллуқдошта, шубҳа гузорад. Илова бар ин, комилан маълум нест, ки аз номи ассотсиатсияи ташкилотҳои тиҷоратӣ, ваколатҳои истисноии кӣ амалӣ хоҳад шуд. Ҳамзамон, аз номи масалан, иттиҳодия ташкилоти тиҷоратӣ изҳори иродаро ташкилоти асосӣ анҷом медиҳад, зеро ин иттиҳодияи корпоративӣ дар асоси шартнома ё ба таври холдингӣ таъсис дода мешаванд. «Дар сурати муттаҳидшавӣ тибқи модели ширкати холдингии бонкӣ, ба ширкатҳои фаръӣ на ҳамеша ҳуқуқи аз номи худ иштирок намудан дар фаъолияти соҳибкорӣ дода мешавад. Аз ин рӯ, тартиби таъсиси ширкати асосии иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ имкони ба даст овардан ва татбиқи минбаъдаи ҳуқуқҳои истисноии ба ин субъект хосро муайян мекунад» [164, с. 79].

Меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонанд барои пешбурди фаъолияте, ки ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-и алоҳида барои он ҳуқуқ доранд, ҳадди муайян муқаррар кунанд. Барои пеш бурдани баъзе соҳаҳои фаъолият гирифтани иҷозатномаи махсус талаб карда мешавад, ки рӯйхати онҳо тибқи қонун ба таври қатъӣ танзим карда мешавад. Вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ, чунин фаъолият иҷозат дода мешавад, агар ба мақсадҳои оинномавии ассотсиатсия мувофиқ бошад ва барои ноил шудан ба онҳо мусоидат намояд. Ҳамин тавр, фаъолияти тиҷоратӣ бояд бевосита бо миссия ва ҳадафҳое, ки сохтори ғайритиҷоратӣ бахри ноил шудан ба онҳо таъсис дода шудааст, алоқаманд бошад.

Қонунгузории муосир, имкон медиҳад, ки ассосиатсияҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд, маҳдудияти муҳимро муқаррар мекунад – чунин фаъолият бояд ба ҳадафҳои оинномавии ташкилот мувофиқат кунад. Аммо муттаҳидсозии меъёрии ин муқаррарот хусусияти декларативӣ дорад, зеро меъёрҳои мушаххаси муайян кардани мутобиқати фаъолияти тиҷоратӣ ба рисолати ташкилот вуҷуд надоранд. Шарҳ нагардидани «фаъолияти соҳибкорӣ ба мақсадҳои ташкилот мувофиқ» дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд оварда, боиси тафсири субъективии қоидаҳо аз

ҷониби худи ассотсиатсияҳо ва мақомоти танзимкунанда мегардад. Мушкилот дар набудани тавзеҳоти возеҳи қонунгузорӣ оид ба: 1) намудҳои иҷозатдодаи фаъолияти иқтисодӣ; 2) лимити ба даст овардани фоида; 3) механизмҳои тақсимоти даромади гирифташуда – танзими ҳуқуқии ин соҳаро хеле душвор мегардонад, замина барои низоъ ва суиистифодаи ҳуқуқиро фароҳам меорад. Бартараф намудани ин камбудиҳо тафсилоти муқаррароти қонунгузориро бо таҳияи меъёрҳои объективии баҳодиҳии мутобиқати фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳадафҳои оинномавии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ талаб мекунад.

Ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, ба ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи ҶТ, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти ба он баробарро танзим мекунанд, татбиқ мегарданд. Бояд қайд намуд, ки хусусияти иловагие, ки ассотсиатсияро аз ташкилотҳои тиҷоратӣ тафовут мебахшад, он аст, ки қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ – ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамеша махсус аст. Ҳаҷми қобилияти мушаххаси ҳуқуқдорӣ бо ҳадафҳои фаъолияти мушаххаси ташкилот, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он зикр шудаанд, муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, ассотсиатсияҳо танҳо дар доираи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои таъсисиашон қобилияти маданӣ доранд, ки ин маънои имконияти ба даст овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои бевосита ба мақсадҳои оинномавии фаъолият алоқамандро дорад. Ин маҳдудият ба хусусияти ғайритиҷоратии чунин иттиҳодияҳо вобаста аст, ки амалҳои ҳуқуқии онҳоро ба мақсадҳои дар маводи бақайдгирӣ зикргардида мувофиқат мекунанд. Муқаррароти мазкур дар фаъолияти иттиҳодияҳо кафолати ҳуқуқиро таъмин намуда, манфиатҳои иштирокчиёни онҳо, инчунин шахсони сеюмеро, ки бо онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоранд, ҳимоя мекунад.

Қонунгузор барои иттиҳодҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ хайрия мекунанд, маҳдудиятҳоро метавонад муқаррар намояд.

Ассотсиатсияҳо одатан гурӯҳҳои муттаҳида мебошанд, ки ба як намуди фаъолият машғуланд. Масалан, Ассотсиатсияи Ташкилотҳои Маблағгузории

Хурд, Ассотсиатсияи Бонкҳо, Ассотсиатсияи Суғуртакунандагони Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Сохтмончиёни Тоҷикистон.

Иттиҳодияҳо аз рӯи минтақа ва соҳа муттаҳид мешаванд. Масалан, Иттифоқи Синамогарони Тоҷикистон, Иттифоқи Адвокатҳои Тоҷикистон ва ғайра.

Ин таснифот ҳеҷ гуна асоснок нашудааст ва дар ягон санад сабт нагардидааст.

Доир ба фаъолияти ассотсиатсия ва иттиҳодия, ду масъала мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад. Аввалан, бояд ёдрас шуд, ки ассотсиатсия ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, дорои қобилияти маҳдуди ҳуқуқдорӣ мебошад, аммо дар аксарияти оинномаҳо мақсад ва самтҳои фаъолияти онҳо шабеҳ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад ва ҳатто чунин ибораро истифода мебаранд: «ташкилот тамоми дигар фаъолиятҳоеро, ки қонун манъ накардааст, метавонад амалӣ намояд».

Шояд аз як тараф хуб аст, ки самтҳои фаъолият барои ташкилоти ҷамъиятӣ кушода аст, аммо он набояд ба ҳадде бошад, ки боиси аз байн бурдани тафовут байни ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ гардад.

Субъектҳои ҳуқуқи маданӣ тибқи қонунгузорӣ метавонанд иттиҳодияҳоро таъсис диҳанд – дар шакли ассотсиатсия ва ё иттифоқ. Аъзоёне, ки ба ассотсиатсия дохил мешаванд, қобилияти ҳуқуқии худро гум намекунанд, балки мустақилият, озодии қабули қарор ва ҳуқуқи интихоби шакли ташкилию ҳуқуқиро низ нигоҳ медоранд. Онҳо ҳамчун шахсони ҳуқуқии комилҳуқуқ боқӣ мемонанд, ки дорои тамоми хусусиятҳои дахлдор яъне тавозуни мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, муҳр, мақомоти идоракунӣ ва молу мулки зарурӣ мебошанд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки мустақилона амал кунанд, дар фаъолияти коллективӣ дар дохили иттиҳодия фаъолона иштирок намоянд.

Дар баробари ин, масъалаи табиати ҳуқуқии муносибатҳои байни иштирокчиёни иттиҳодияҳои таъсисдодаи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ муҳим боқӣ мемонад.

Аз ҷумла, баъзе олимон чунин мешуморанд, ки муносибатҳои байни иштирокчиёни ассотсиатсияи (иттифоқи) ташкилотҳои тиҷоратӣ, тиҷоратӣ – корпоративӣ мебошанд. Ҳуқуқҳои корпоративӣ хусусияти ҳуқуқии маданӣ доранд. Татбиқи онҳо ба баробарии ҳуқуқӣ, изҳори озодонаи ирода ва мустақилияти молумулкии субъектҳои ин ҳуқуқҳо асос меёбад. Ҳуқуқҳои корпоративӣ як намуди ҳуқуқҳои маданӣ буда, асоси ҳуқуқии татбиқи онҳо дар Кодекси маданӣ, аз ҷумла, асосҳои марбут ба ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо маҳсуб меёбанд.

Дар қонунгузории маданӣ принсипҳои зерини амалӣ намудани ҳуқуқҳои корпоративӣ муқаррар карда шудаанд:

1) «озодона амалӣ намудани ҳуқуқҳои корпоративӣ бо салоҳдиди худ;

2) амалӣ намудани ҳуқуқҳои корпоративӣ ба таври софдилона ва оқилона» [7]. Ҳар яке аз принсипҳои номбаршуда бевосита дар муносибатҳои корпоративӣ таҷассум ёфта, барои амалисозии ҳуқуқҳои корпоративӣ хос аст. Муаллифон диққати худро ба хусусияти корпоративӣ доштани сохтори ин шахсони ҳуқуқӣ ҷалб намуда, таъкид мекунанд, ки ин муносибатҳо дохиликорпоративӣ мебошанд, зеро онҳо хусусиятҳои муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва моликиятӣ-иқтисодиро муттаҳид мекунанд [147, с. 45]. Муносибатҳои дохилӣ-корпоративӣ аз муносибатҳои корпоративӣ бо он тафовут доранд, ки онҳо дар робита бо ҳамоҳангсозии фаъолияти истеҳсолӣ, илмӣ ва фаъолияти дигари субъектҳои ин муносибатҳо ба вуҷуд меоянд. Дар воқеъ, муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро метавон ҳамчун робитаи инфиродии оммавӣ-ҳуқуқии байни муассисон ва иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ ва худи шахси ҳуқуқӣ арзёбӣ намуд, ки натиҷаи таъсири меъёрҳои ҳуқуқи корпоративӣ ба меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ мебошад. Муносибатҳои корпоративӣ бо хусусияти мушаххаси пайдоиши онҳо тавсиф карда мешаванд, зеро онҳо ба изҳори ихтиёрии иродаи иштирокчиён, ки дар қабули мувофиқашудаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн ифода гаштаанд, асос меёбанд. Бар хилофи дигар шаклҳои ҳамкории мутақобила онҳо муқаррар намудани низоми махсуси ҳуқуқиро нисбат ба молу мулк, аз ҷумла

механизмҳои соҳибӣ, бегона кардан ва ихтиёрдории амволро дар назар доранд, ки дар ҳуҷҷатҳои корпоративӣ муқаррар гардида, бо меъёрҳои ҳуқуқи корпоративӣ танзим карда мешаванд. Ин хусусият мустақилияти иродаи иштирокчиёнро дар ташаккули сохтори идоракунӣ ва тақсими ҳуқуқи моликият дар дохили ассотсиатсия таъкид мекунад. [113, с. 265].

Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) барои ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқҳо, муаррифӣ кардани манфиатҳои умумии аъзоёнашон дар мақомоти гуногун, таъсис дода мешаванд [178].

Ҷиҳатҳои мусбати чунин иттиҳодияҳо инҳоянд:

– ассотсиатсияҳо метавонанд дар масъалаҳое, ки ба манфиати аъзои онҳо тааллуқ доранд, овоз дошта бошанд ва барои тағйирот дар ҳуҷҷатҳои он ташвиқ кунанд;

– аъзоёни ассотсиатсия метавонанд бо мубодилаи иттилоот таҷриба кунанд, ки онҳо дар беҳтар кардани фаъолияти худ ва рақобати муассиртар дар бозор мусоидат мекунанд;

– ассотсиатсияҳо метавонанд аз номи аъзоёни худ дар назди мақомоти давлатӣ амал кунанд;

– мансубият ба иттиҳодия метавонад эътимоди ҷамъиятро ба тиҷорат афзоиш диҳад;

– узвият дар ассотсиатсия метавонад дастрасиро ба захираҳои гуногун, аз ҷумла иттилоотӣ ва ғайра таъмин намояд.

Ҷиҳатҳои манфии чунин иттиҳодияҳо бошад инҳоянд:

– дар баъзе мавридҳо, аъзогӣ бинобар сабаби зарурати риоя намудани стандартҳои муайяни аз ҷониби ассотсиатсия муқарраршуда маҳдуд шуда метавонад;

– манфиатҳои аъзоёни ассотсиатсия метавонанд гуногун бошанд, ки ин метавонад боиси бархӯрди манфиатҳо ва душвориҳо дар қабули қарорҳои умумӣ гардад;

– дар баъзе мавридҳо, идоракунии ассотсиатсия метавонад аз сабаби ихтилофот байни аъзоён ва инчунин набудани таҷрибаи касбии идоракунӣ, душвор ва бесамар гардад;

– дар ҳолати аз ҷониби ассотсиатсия ҳифз нагардидани манфиатҳои аъзои худ ё ҳал карда натавонистани мушкилоти онҳо, узвият дар чунин ассотсиатсияҳо метавонад бесамар ва аз ҷиҳати молиявӣ зараровар бошад.

Дар ҳуқуқи маданӣ мафҳуми «иттиҳодия» маънои васеъ дошта, шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои ихтиёриро, аз ҷумла ассотсиатсияҳо, кооперативҳо, ширкатҳо ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дарбар мегирад. Хусусияти асосии чунин иттиҳодияҳо ҳадафҳои умумии иштирокчиёни онҳо мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ қайд шудаанд. Баръакси сохторҳои тиҷоратӣ, иттифоқҳо ба даст овардани фоидаро ҳадафи асосии худ намегузоранд ва қобилияти ҳуқуқии онҳо бо ҳадафҳои оинномавӣ маҳдуд аст. Вазъи ҳуқуқии иттифоқҳоро қонунгузории маданӣ танзим мекунад, ки ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва хусусиятҳои фаъолияти онҳоро вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ муайян мекунад. Ғайр аз ин, иттиҳодияҳо метавонанд мақсадҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолият дошта бошанд, аз ҷумла фаъолияти тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ. Иттиҳодияҳо ба қоидаҳо ва қонунҳои махсусе, ки фаъолияти онҳоро танзим мекунанд, тобеъ мебошанд.

Ҳамин тавр, ҳарчанд дар қонунгузорӣ «ассотсиатсия» ва «иттифоқҳо» метавонанд ба ҷойи ҳамдигар истифода шаванд, дар амал иттифоқ, ассотсиатсияро низ дарбар мегирад.

1. Бо сабаби номуайян будани вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо, пешниҳод карда мешавад, ки м.129 КМ ҶТ бо мазмунҳои зайл ифода карда шавад:

«Ассотсиатсия – ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятие мебошад, ки аъзои он метавонанд ташкилотҳои тиҷоратӣ ва (ё) ғайритиҷоратӣ бошанд, ки фаъолияти касбиро дар соҳаи мувофиқ анҷом медиҳанд ва тибқи принсипи якхелагии ҳайати иштирокчиён муттаҳид шудаанд».

«Иттифоқ, ин ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки аъзоёни он шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, он бо мақсадҳои мушаххас баҳри ҳифзи манфиатҳои умумӣ таъсис дода мешавад».

2. Имконияти дар як ассотсиатсияю иттифоқ муттаҳид кардани ташкилотҳои гуногун асоснок гардида ба м. 129 КМ ҶТ илова намудани чунин банди алоҳида пешниҳод мегардад: «Баҳри ҳамоҳанг сохтани фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва (ё) ғайритиҷоратӣ ҳуқуқ доранд, ки ассотсиатсия (иттифоқ) таъсис диҳанд».

Ассотсиатсияҳо ҳамчун шакли иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешаванд:

1) дар шакли шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ таъсис дода шаванд;

2) дар баробари шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ низ метавонанд аъзои он бошанд;

3) ассотсиатсия иттиҳодияи шартномавӣ ба ҳисоб меравад;

4) аз рӯйи уҳдадориҳои ассотсиатсия аъзоён масъул намебошанд;

5) ташкилоте, ки дар ассотсиатсия иштирок мекунад, бо риояи уҳдадориҳои тарафайн ва шартномаҳои бо дигар субъектҳои хоҷагидор басташуда, метавонад ҳар вақт аз узвияти он бароянд.

Ҳамин тавр, ассотсиатсия шакли муттаҳидшавие аст, ки захираҳо, кӯшишҳо ё манфиатҳои якчанд шахсони ҳуқуқиро баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ ё ҳалли мушкилоти умумӣ муттаҳид месозад. Мақсадҳои таъсиси ассотсиатсияҳо метавонанд гуногун бошанд ( ҳимояи манфиатҳои умумӣ, татбиқи лоиҳаҳо ва ё пешниҳоди хидматҳо). Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт дар асоси оинномаҳо ё қоидаҳое амал мекунанд, ки сохтор, фаъолият ва мақсадҳои онҳоро танзим мекунанд.

Ассотсиатсия шакли ташкилотест, ки шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии дорои манфиатҳо, мақсадҳо ва хусусиятҳои умумиро муттаҳид мекунад. Ҳадафи ассотсиатсия метавонад ҳимояи манфиатҳои аъзои он, пешниҳоди захираҳо

ва хидматҳои муштарак, мубодилаи дониш ва таҷриба, инчунин ҳимояи мақомоти давлатӣ ва ғайра бошад. Ассотсиатсияҳо метавонанд манфиатҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз иттиҳодияҳои касабавӣ ва тиҷоратӣ то ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ намояндагӣ кунанд. Онҳо метавонанд ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ташкил карда шаванд ва метавонанд дар асоси қонунҳо, оинномаҳо ё қоидаҳое фаъолият кунанд, ки муносибатҳои онҳоро бо аъзоён танзим мекунанд.

Иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ ба воситаҳои фардикунонӣ ниёз доранд. Кодекси мадании ҶТ тартиби ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратиро муқаррар менамояд, аммо талаботро нисбати номи корпоративии онҳо муфассал баён накардааст. Дар баробари ин, меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ ва дигар санадҳои ҳуқуқии маданиро бе ба назар гирифтани хусусиятхои ҳолати ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳо пурра татбиқ кардан мумкин нест. Дар натиҷа, зарурати такмили санадҳои меъёрии мавҷуда ё таҳияи ташаббусҳои нави қонунгузорӣ ба миён меояд, ки ба рафъи камбудиҳои мавҷудаи танзим нигаронида шудаанд.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ бояд танзим карда шаванд. Бо дарназардошти он ки қонунгузорӣ ба ташкили иттиҳодияҳои трансмиллии сохторҳои тиҷоратӣ иҷозат медиҳад, ҷойгиршавии корхонаҳои фаръӣ бояд дар асоси ҷойгиршавии ташкилоти асосие, ки роҳбарӣ ва назорати онҳоро амалӣ менамояд, муайян карда шавад. Ин равиш возеҳиятро дар муқаррар намудани салоҳият ва вазъи ҳуқуқии тамоми иштирокчиёни иттиҳодия таъмин менамояд.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, ду шакли иттиҳодияҳои ташкилотҳо мавҷуд аст, ки онҳо дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ мебошанд – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо, ки қонунгузор байни ин мафҳумҳо тафовут намегузорад ва онҳоро ҳаммаъно меҳисобад.

## 1.2.Тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)

Ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ҳамчун ҷузъи асосии озодии шахс, имкони мустақилона таъсис додани иттиҳодҳоро медиҳад, ки баҳри ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои коллективӣ нигаронида шудаанд. Ин ҳуқуқ, инчунин имконияти ба иттиҳодияҳои мавҷуда озодона шомил шудан, даст кашидан аз иштирок дар онҳо ё озодона баромадан аз ин ташкилотҳоро бе ягон маҳдудият фаро мегирад. Шаҳрвандон озодии комил доранд, ки бидуни иҷозати пешакӣ ё иҷозати мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳо таъсис диҳанд. Узвият дар чунин ташкилотҳо ихтиёрӣ буда, бо риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун, қоидаҳо ва ухдадориҳои шартномавӣ, ки фаъолияти онҳоро танзим мекунанд, сурат мегирад. Ин ҳуқуқ ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими фаъолияти иҷтимоӣ ва таъмини ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мусоидат мекунад.

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ бевосита тавассути таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) амалӣ карда мешавад.

Таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташаббуси як ё якчанд шахсро талаб мекунад, ки «муассис» номида мешаванд. Муассисон ба маънои кӯтоҳ шахсоне мебошанд, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқиро имзо кардаанд (қабул кардаанд). Муассис ин субъекти ҳуқуқ мебошад, ки барои ташкили шахси ҳуқуқӣ аҳдҳо мебандад, инчунин дигар ҳаракатҳои ҳуқуқиро низ анҷом медиҳад. Аз ҷумла, дар бораи таъсиси шахси ҳуқуқӣ қарор қабул мекунад, ҳуҷҷатҳои таъсисии онро қабул ва тасдиқ мекунад, барои соҳиб шудан ба сармояи оинномавии худ як қисми амволи худро ба моликияташ мегузаронад. Ба таври қатъӣ, муассисон шахсоне ҳастанд, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ҳангоми бақайдгирии аввалини давлатӣ дар феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ба сифати муассис эътироф карда шудаанд.

Муассисони ассотсиатсия (иттифоқҳо) инҳо мебошанд:

– шахсони воқеӣ,

– шахсони ҳуқуқӣ.

Лозим ба ёдоварист, ки Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тамоми марҳилаҳо ва зинаҳои фаъолияти шахсони ҳуқуқиро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, номи пурраи фирмавӣ, тарзи ташкилёбӣ, санаи бақайдгирӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ ва ғайраҳо дар худ таҷассум менамояд. Вазъи ҳуқуқии муассисони намудҳои гуногуни шахсони ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад. Мавқеи муассисон дар шахси ҳуқуқӣ – муассисаҳое, ки ба узвияти (иштироки) доимӣ асос ёфтаанд, аз вазъияти муассисони шахси ҳуқуқӣ – муассисаҳое, ки узвияти (иштироки) доимӣ надоранд, фарқ мекунад. Пас аз бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқие, ки узвият дорад, муассисони он ба таври худкор иштирокчиёни (аъзои) ин созмон мегарданд ва тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои аз ин иштирок (аъзогӣ) бадастмеомадаро мегиранд. Тағйироти минбаъда дар ҳайат маънои онро надорад, ки иштирокчиёни нав бояд ба муассисони он дохил карда шаванд, зеро то лаҳзаи қабули онҳо шахси ҳуқуқӣ аллакай таъсис ёфтааст (ба қайд гирифта шудааст). Агар яке аз муассисон узвиятро аз даст диҳад, кас наметавонад онро рад кунад, ки вай муассиси ин шахси ҳуқуқӣ мебошад, ҳарчанд муносибатҳои корпоративӣ байни ӯ, муассисони (иштирокчиёни) боқимонда ва худи корпоратсия қатъ мегарданд ва ҳеҷ ҳуқуқу уҳдадориҳо нисбат ба шахси ҳуқуқӣ ё муассисони (иштирокчиёни) дигар надорад, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Шахси ҳуқуқӣ – муассиса иттифоқи ашхоси зертобеъ надорад, аммо амволи ба ӯ додашударо бо иродаи муассис дар санади таъсис, ки тавассути он таъсис дода шудааст, медиҳад. Дар баробари ин бояд гуфт, ки чунин шахсони ҳуқуқӣ муассисон доранд, аммо ягон иштирокчӣ надоранд. Аз ин бармеояд, ки ҳар як шахси ҳуқуқӣ муассисони худро дорад, аммо муассис на ҳамеша ҳамчун иштирокчии шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, чуноне ки на ҳама иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ ҳатман ҳамчун муассисони он эътироф карда мешаванд. Хусусияти шахси ҳуқуқӣ – муассисаҳое, ки иштироки доимӣ (узвият) надоранд, дар он аст, ки муносибатҳои корпоративӣ танҳо дар байни шахси ҳуқуқӣ, шахсоне, ки вазифаҳои мақомоти ӯ ва ҳар яке аз

муассисонро иҷро мекунанд, вале дар муносибатҳои худи муассисон нестанд. Қонунгузорӣ на ҳама вақт хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ – корпоратсияҳо ва муассисаҳо, инчунин муассисони онҳоро ба назар мегирад.

Таъсиси шахси ҳуқуқӣ маънои пайдоиши оқибатҳои ҳуқуқии ин субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданиро дорад. Таъсиси оқибатҳои он инчунин бо азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ рух медиҳад. Қонунгузорӣ қоидаҳои умумии ташкили онҳоро барои тамоми шахсони ҳуқуқӣ муқаррар мекунад. Шахсони ҳуқуқӣ бо иродаи муассисони онҳо (як ё якчанд муассисон бо розигии якдилонаи онҳо) таъсис дода мешаванд ва қарор бояд маълумотро дар бораи таъсиси шахси ҳуқуқӣ, тасдиқи оинномаи он, тартиб, андоза, усул ва мухлати ташаккули амволи шахси ҳуқуқӣ инчунин мақомоти онро дарбар гирад. Аз тарафи роҳбарият, агар шахси ҳуқуқии корпоративӣ таъсис дода шуда бошад, пас зарур аст, ки овоздиҳии муассисон дар бораи масъалаҳои асосӣ нишон дода шавад.

Мавриди зикр аст, ки як қатор роҳҳои таъсиси он муайян карда шудааст: Усули танзим: барои ташкили шахси ҳуқуқӣ ба ин тариқ розигии шахсони сеюм, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, талаб карда намешавад – муассисон дар мақомоти бақайдгиранда қарор доранд ва аз ин бармеояд, ки хоҳиши ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад карданро доранд. Мақомоти бақайдгиранда танҳо мутобиқати ҳуҷҷатҳои таъсисиро ба қонун тафтиш карда риояи тартиби муқарраршудаи ташкили шахси ҳуқуқиро месанҷад ва дар ҳолати риояи тартибот ҳақ надорад, ки дар сурати набудани ягон қонунвайронкунӣ бақайдгирии шахси ҳуқуқии муассисонро рад кунад.

Усули рухсатдиҳӣ – муассисон бояд барои таъсиси шахси ҳуқуқии дахлдор аз мақомоти давлатӣ иҷозати пешакӣ гиранд. Бо ин тартиб ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо, ташкилотҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ ва ғайра таъсис дода мешаванд. Дар ҳарду ҳолат, тибқи моддаи 51 Кодекси мадании ҶТ, «шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шудан таъсисёфта дониста мешавад. Ассотсиатсия ва иттиҳодия низ бинобар сабаби вазъи

ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ доштан аз вақти бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад» [7].

Қонунгузор ду роҳи таъсиси ташкилоти ғайритиҷоратиро муқаррар мекунад:

«– бо роҳи ташкил кардан;

– бо роҳи аз нав ташкил кардан» [7].

Ташкили асостсиатсия (иттифоқ) дар асоси қарори қабулкардаи муассисони он сурат мегирад.

Муассисони ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо метавонанд ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ташкилотҳо бошанд, агар ин хилофи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ набошад. Дар баробари ин, мақомотҳои давлатӣ низ ҳуқуқ доранд, чунин сохторҳоро танҳо дар шакли ниҳодҳои давлатӣ таъсис диҳанд, ки аз мақоми хос доштани чунин созмонҳо дарак медиҳад.

Ин раванд аз чандирӣ будан ва дастрасии таъсис додани сохторҳои ғайритиҷоратӣ аз ҷониби субъектҳои гуногун, аз ҷумла шахсони алоҳида, ширкатҳо ва муассисаҳои давлатӣ далолат мекунад. Аммо барои мақомоти давлатӣ интихоби шакли ташкилию ҳуқуқӣ маҳдуд аст, ки хусусиятҳои иштироки онҳоро дар фаъолияти ғайритиҷоратӣ инъикос мекунад. Чунин меъёрҳо ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда, имкони татбиқи ташаббусу лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро фароҳам меоранд.

Барои таъсис додани ассотсиатсия (иттифоқ) бояд на камтар аз се нафар иштирок намоянд, зеро як нафар ҳуқуқи таъсис додани онро надорад.

Хориҷиён, шахсони бетабаа, ки ҳаққи дар Тоҷикистон иқоматро доранд дар масъалаҳои таъсис, узвият ва иштирок дар иттиҳодияҳо бо шаҳрвандони кишвар ҳуқуқҳои баробар доранд. Принсипи мазкур иштироки пурраи онҳоро ба фаъолияти иқтисодӣ таъмин намуда, ба меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи танзими бе табъиз мувофиқат мекунад. Аммо қонунгузории миллӣ ва ҳамчунин санадҳои байналмилалӣ метавонанд барои ин тоифаи шахсон баъзе маҳдудиятҳоро пешбинӣ кунанд. Масалан тибқи м. **22** Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ **ҳ**ар як инсон ба озодии

муттаҳид шудан бо дигарон барои ҳифзи манфиатҳои худ ҳуқуқ дорад. Ҳамзамон маҳдудиятҳо метавонанд дар қонун пешбинӣ шаванд ва барои манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда заруранд. Инчунин, тибқи м. 5 Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ шаҳрвандони хориҷӣ аъзои ҳизбҳои сиёсӣ шуда наметавонанд.

Шахсони ҳуқуқӣ мустақилияти комилро нигоҳ дошта, дар айни замон имконият доранд, ки дар як вақт ба якчанд асотсиатсияҳо дохил шаванд. Ин ба такшилотҳо имкон медиҳад, ки қобилияти ҳамкорӣ, табодули таҷриба ва ноил шудан ба ҳадафҳои муштаракро ҳангоми нигоҳ доштани мустақилият дар қабули қарор васеъ кунад. Чунин таҷриба ба рушди шабака ва таҳкими робитаҳои касбӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад. Муассисон бо ассотсиатсия ва бо ҳамдигар на аз рӯйи молу мулк, уҳдадориҳо ва муносибатҳои узвият алоқаманд нестанд. То тасдиқи оинномаи ассотсиатсия (иттифоқ) бастани шартномаи таъсисӣ ҳатмӣ мебошад, ки шартҳои иштироки муассисонро дар раванди таъсис ва фаъолияти минбаъдаи ташкилот ба таври муфассал танзим менамояд. Ҳуҷҷати мазкур ҳатмӣ буда, муносибатҳои тарафҳоро дар раванди таъсис ва фаъолияти шахси ҳуқуқӣ танзим менамояд.

Маҳз бастани шартнома тарзи танзими муносибатхои байни иштирокчиёни аҳдҳои маданӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳо ва ҳамоҳангсозии ҳар як тараф таъин гардидааст. Шартнома дар шароити инкишофи иктисодиёти бозоргонӣ нақши яке аз самарабахштарин танзимгари ҳуқуқӣ ва воситаҳои танзими муносибатҳои маданию иқтисодиро иҷро менамояд. Чуноне Ш.М. Менглиев менависад: «дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ – нақши шартнома ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ торафт меафзояд»[130, с. 95]. «Шартнома воситаи бебаҳси ҳуқуқии ташкили робитаҳои иқтисодӣ мебошад, ки бо ёрии он манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданӣ қонеъ карда мешаванд ва расидан ба ҳадафҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ таъмин мегардад» [61, с. 247]. Ба андешаи Ш.К. Ғаюрзода, «шартномаи ҳуқуқӣ-маданӣ ҳамчун воситаи танзими инфиродӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ мавқеи махсусро

ишғол мекунад. Дар баробари меъёрҳои ҳуқуқ, он қувваи танзимкунанда дорад, аммо дар як соҳаи муайян ва барои доираи муайяни (индивидуалӣ) шахсон» [152, с. 107]. Ҳамчунин, «шартномаи ҳуқуқии маданӣ ҳаёти муҳимми ҷамъиятӣ (вазъи ҳуқуқии шахс, моликият, муомилоти маданӣ ва ғ.)-ро танзим намуда, устуворӣ ва муайянии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсиро таъмин менамояд [154, с. 129]. Дар баробари ин, шартнома яке аз шаклҳои амалигардонии ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба иттиҳодия мебошад. Аз лиҳози оқибатҳои ҳуқуқӣ, бастани шартнома ба тарафҳо ҳуқуқу имконияти ихтиёран ё маҷбуран талаб намудани иҷрои он, инчунин ҷуброни зарари дар натиҷаи вайрон кардани он расонидашударо медиҳад.

Ғайр аз шартнома дар танзими муносибатҳои иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонуни, қарорҳои таъинотҳои судӣ низ амал мекунанд, ки дар ҳолатҳои муайян ин вазифаҳоро иҷро мекунанд.

Дар асл, шартнома ифодаи иродаи ягонаи мувофиқашудаи тарафҳо мебошад. Дар шароити инкишофи иқтисоди бозаргонӣ шартнома нақши яке аз воситаҳои асосӣ ва самарабахштарин танзимгари ичтимоиро мебозад. Таҳкими принсипи озодии шартнома ба рушди рақобат ва дар натиҷа барои ба даст овардани манфиатҳои боз ҳам назаррас мусоидат мекунад. Ҳатто ҳуқуқшиносони римӣ қайд мекарданд, ки шартномаҳо (контрактус) маъмултарин сарчашмаи пайдоиши уҳдадориҳои маданӣ буда, ба онҳо аҳаммияти махсус медоданд.

Шартномаи таъсис аз рӯйи моҳияти ҳуқуқӣ яке аз шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ буда, ҳангоми иҷрои вазифаи якҷоянамоии манфиатҳо, шакли амалишавии ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба муттаҳидшавӣ мебошад. Шартнома дар бораи таъсиси иттиҳодияи шаҳрвандон ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун шартномаи байни ду ё зиёда шаҳрванд ва (ё) шахси ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки барои ташкили иттиҳодия бо доираи қобилияти ҳуқуқӣ, ки бо розигии тарафҳои он муайян карда мешавад, равона карда шудааст.

Шартномаи таъсис пас аз имзо эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, дар тамоми давраи мавҷудияти ассотсиатсия эътибор дорад. Он дар байни муассисон, инчунин байни муассисон ва худи ташкилот уҳдадориҳои тарафайнро муқаррар менамояд, ки ин ба ҳалли фаврии масъалаҳои баҳсталаби имконпазир мусоидат мекунад. Бартарии шартнома дар чандирии он ҳамчун санади ҳуқуқӣ мебошад, ки ба муассисон ва ассотсиатсия (иттифоқ) имкон медиҳад масъалаҳои муҳим, аз қабили маблағгузорӣ, интихоби мақомоти идоракунӣ ва тағйири роҳбарияти иҷроияро ба таври мувофиқ танзим ва ҳал намоянд.

Шартномаи таъсисиро муассисон (иштирокчиёни) асостсиатсия тартиб медиҳанд ва бо тасдиқи оинннома ҳамроҳ карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои таъсисӣ маълумот дар бораи ном, маҳалл, принсипҳо, мақсад ва вазифаҳоро бояд дар бар гирад. Инчунин, дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ низоми ҳамкорӣ, шартҳои саҳмгузорӣ ва тартиби иштирок дар фаъолияти ташкилот муайян карда мешаванд.

Механизми идоракунӣ, аз ҷумла тартиби аз ассотсиатсия баромадани аъзоён бояд аниқ муайян карда шавад. Муқарраротӣ мазкур шаффофияти фаъолияти ташкилотро таъмин, муносибатҳои байни иштирокчиёни онро танзим намуда, ба татбиқи самараноки ҳадафҳои оинномавии он мусоидат мекунад.

Шартномаи таъсисӣ метавонад дигар шартҳоро низ дар бар гирад. Ғайр аз маълумоти дар м. 53 Кодекси мадании ҶТ зикргардида, дар шартномаи таъсисӣ «бояд маълумот дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ассотсиатсия (иттифоқ) ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯйи онҳо якдилона ё бо аксарияти мутлақи овози аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) қабул карда мешавад ва дар бораи тақсими молу мулке, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия (иттифоқ) боқӣ мондааст, дарҷ гардад» [7].

Мавриди зикр аст, ки барои он ки кишвар иштирокчии комилҳуқуқи равандҳои ҷаҳонӣ гардад, бояд тамоюлҳои глобализми ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар

соҳаи сиёсати ҳуқуқиро ба назар гирад. Таҳлили муфассали назариявии маҷмуи принсипҳо, қоидаҳо ва талаботи lex mercatoria CENTRAL [179], Принсипҳои ҳуқуқи шартномаи аврупоӣ [176], Принсипҳои шартномаҳои тиҷоратии байналмилалӣ [177] Институти байналмилалии ҲБХ, Лоиҳаи генералӣ «Муносибати низомнок» [71, с. 989] ва муқоисаи онҳо бо қонунгузории мадании ҶТ нишон медиҳад, ки зимни мутобиқ намудани қонунгузории амалкунанда дар робита ба танзими ҳуқуқии шартномаҳо оид ба таъсиси ассотсиатсияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла зарур аст:

– ба таври меъёрӣ мустаҳкам намудани салоҳияти касбии тарафҳои созишномаҳо оид ба таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ. Тарафҳо ба надонистани аҳаммияти уҳдадориҳои шартномавие, ки аз рӯйи онҳо созиш ба даст овардаанд, истинод карда наметавонанд, масалан, уҳдадориҳои шартномавӣ. Оид ба мавҷудияти уҳдадориҳои пешбинишуда, хусусият ва ҳадафи шартнома амалияи муқарраршудаи муносибатҳои байни тарафҳо; одатҳои савдо; принсипҳои софдилона ва муносибати одилона; принсипи оқилона гувоҳӣ медиҳанд. Аз ин рӯ, тарафе, ки уҳдадориҳои муқарраргардидаи шартномаи таъсиси иттиҳодияи шахсони ҳуқуқиро иҷро накардааст, наметавонад барои раҳоӣ аз ҷавобгарӣ ба набудани малака ё салоҳияти касбии худ истинод кунад;

– муқаррарот оид ба афзалияти забон агар шартномаи таъсисӣ бо ду ва зиёда забонҳо тартиб дода шуда бошад, дар сурати ихтилофи байни онҳо, афзалият ба он забоне дода мешавад, ки дар ибтидо созишнома бо он тартиб дода шуда бошад;

– муқаррарот оид ба ҷуброни зарарро ҷиҳати барқарор кардани вазъи молиявии қаблӣ талаб кунанд, агар онҳо дар лахзаи бастани шартнома асосҳои беэътибор донистани онро медонистанд ва ё мебоист медонистанд;

Вақте ки шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби якчанд муассис (шаҳрвандон ва ё шахсони ҳуқуқӣ) таъсис дода шудааст, аз лаҳзаи бастани шартномаи таъсисӣ то бақайдгирии давлатӣ байни муассисон муносибатҳои шарикии одӣ ҷой дорад. Дар ин давра онро тағйир ё бекор кардан мумкин аст. Дар ин давра

муассисон бо муносибатҳои ҳатмии байни ҳамдигар, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ё ҳуҷҷатҳои таъсиси бармеояд, алоқаманданд [77, с. 20]. Ҳадафи асосии ин шартномаҳо муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муассисон оид ба ташкили шахси ҳуқуқӣ, ташаккули сармояи оинномавии он мебошад, ки қисми пардохти онро қонунгузор дар баъзе ҳолатҳо аллакай то замони бақайдгирии давлатӣ талаб мекунад. Қатъ гардидани тамоми уҳдадориҳои шартномавӣ мумкин аст, масалан, агар бо сабабҳои объективӣ таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ғайриимкон гардад, иштирокчиён ҳуқуқ доранд шартномаро қатъ кунанд. Ин ба муассисон имкон медиҳад, ки равандро ба таври чандирӣ идора кунанд ва қарорҳое қабул кунанд, ки ба шароити бавуҷудомада мувофиқанд.

Ваколатҳои муассисон нисбат ба шахси ҳуқуқии таъсисдода дорои хусусияти масъулиятнок мебошанд. Қонуни корпоративии Англия дар ин замина се унсури асосиро муайян мекунад, ки хусусияти фидусиарӣ доштани муносибатҳои байни муассисон ва ширкатро муайян месозанд.

Аввалан, муассисон иҷозат надоранд, ки даромади пинҳониро аз ҳисоби ширкат истихроҷ кунанд. Онҳо вазифадоранд, ки ба аудиторони мустақил, шурои директорон ва иштирокчиёни воқеӣ ё эҳтимолӣ маълумоти пурра дар бораи даромад ва хароҷоти марбут ба таъсиси ширкатро пешниҳод намоянд.

Дувум, аз лаҳзаи оғози таъсис, промоутер (муассис) бояд ҳамаи маълумоти марбут ба ташкилёбии ширкатро сабт кунад.

Сеюм, промоутер набояд ба қаллобӣ нисбати ширкат роҳ диҳад ва манфиати шахсии худро тавассути иштироки номиналӣ пинҳон созад.

Хизматҳои пешниҳоднамудаи промоутерҳо барои таъсиси ширкат танҳо пас аз бақайдгирии расмии он аз ҷониби шахсони манфиатдор ё худи ширкат пардохт карда мешаванд. Дар ҳолати иҷрои номатлуби вазифаҳо, промоутер метавонад ба ҷавобгарӣ кашида шавад, ки он дар шакли беэътибор донистани шартномаҳои басташуда, ҷуброни даромади ғайриқонунӣ бадастоварда ё пардохти зарари расонидашуда ифода шуданаш мумкин аст [101, с. 90].

Тағйирот ба шартномаи таъсисӣ ё бекор кардани он пас аз бақайдгирӣ ба тағйир ёфтан ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии байни муассисон ва ташкилот вобаста аст. Шартномаи таъсис дар баробари оиннома ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи раванди ташкили иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Дар он муассисон уҳдадор мешаванд, ки чунин шахси ҳуқуқиро ташкил кунанд, тартиби фаъолияти якҷояро вобаста ба таъсиси он муқаррар намоянд, шартҳои додани амвол ва иштирок дар кори он ва ё баромдан аз онро муайян кунанд.

Дар оинномаи ассотсиатсия бояд намуди асосии фаъолияти иштирокчиёни он аник муайян карда шавад. Азбаски ассотсиатсия (иттифоқ) дар асоси принсипҳои узвият бунёд ёфтааст, дар оиннома бояд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзоён, шарту тартиби қабули аъзои нав, инчунин асосҳои хориҷ кардани онҳо муқаррар карда шавад. Дар оинномаи асотсиатсия, инчунин бояд муваққатӣ ё доимӣ будани фаъолияти он нишон дода шавад. Муассисон ҳуқуқ доранд онро ба муҳлати номаҳдуд таъсис диҳанд ё муҳлати муайяни фаъолияти онро муайян кунанд, агар ин ба мақсадҳои таъсиси он марбут бошад [90, с. 328].

Оиннома санади локалӣ буда, муносибатҳои муассисон байни ҳамдигар ва инчунин байни муассисон ва ассотсиатсияро танзим мекунад. Аъзоёни иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии мавриди назар низ, бояд оинномаи ассотсиатсияро тасдиқ кунанд. Аъзоёни ассотсиатсия (иттифоқ) вазифадоранд чунин оинномаҳоеро тасдиқ кунанд, ки барои фардикунонии ассотсиатсия ҳамчун субъекти мустақили муомилоти ҳуқуқи маданӣ хизмат мекунанд. Ин ҳадафи оиннома шаффофияти онро таъкид мекунад, зеро дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бояд дар бораи шарике, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд, маълумоти пурра ва боэътимод ба даст оранд. Ин ба таҳкими ошкорбаёнӣ ва эътимод дар муносибатҳои тиҷоратӣ, таъмини возеҳият ва пешгӯишавандагӣ дар раванди ҳамкорӣ мусоидат мекунад.

Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ тавассути мақомоти роҳбарикунандаи он амалӣ мегардад, ки риояи оинномаи иттиҳодияи

ғайритиҷоратиро барои ҳамаи сохторҳои роҳбарикунанда, инчунин барои хар як аъзои ассотсиатсия (иттиходия) хатмӣ мегардонад. Ин талабот ҳатто ба он иштирокчиёне дахл дорад, ки дар таҳия ва тасдиқи оинннома иштирок накардаанд. Ҳамин тариқ, оиннома ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи фаъолияти ташкилот ва таъмини ягонагии амалиёти ҳамаи иштирокчиёни он мегардад.

Ин муқаррарот возеҳиву шаффофиятро дар фаъолияти ассотсиатсия таъмин намуда, тамоми ҷанбаҳои фаъолият ва ҳамкории байни иштирокчиёни онро танзим мекунад.

Мувофиқи м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз вақти бақайдгирии давлатӣ мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

Ба қайдгирии ҳатмии давлатӣ оид ба таъсиси шахси ҳуқуқӣ мақсадҳои зеринро пеш меорад:

– Аввалан, далели таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ҳимояи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни гардиши амвол муҳим аст.

– Дувум, татбиқи назорати давлатӣ ба фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, риояи онҳо бо талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, бехатарии мол ва хизматрасонӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ғайра.

– Севум, молиявӣ яъне мақсадҳои марбут ба андозбандӣ, супоридани дигар намуди пардохтҳо.

– Чорум, гирифтани маълумоти оморӣ, ки барои идораи соҳаи иқтисод заруранд.

– Панҷум, таъмин намудани ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бо маълумоти муътамад дар бораи шахсони ҳуқуқӣ. Ҳамин тавр бақайдгирии ҳатмии давлатии шахси ҳуқуқӣ принсипи асосии системаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ буда, дар моликияташ биноҳо, иморатҳо, иншоот, фонди манзил, нақлиёт, таҷҳизот, асбобу анҷом, молу мулки таъиноти маданию маърифатӣ ва солимгардонӣ дошта, маблағҳо,

саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулк низ дошта метавонад, ки барои таъминоти моддии фаъолияти оинномавии ин иттиҳодияи ҷамъиятӣ заруранд. Дар моликият, инчунин муассисаҳо, нашриёт, воситаҳои ахбори омма, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи он таъсис меёбанд ва ба даст оварда мешаванд, буда метавонанд» [17].

Барои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) асос ин аст, ки моликият бояд танҳо ба мақсади иҷрои вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисиашон муқарраршуда истифода шавад. Дар ин маврид, мақсади асосӣ ба даст овардани фоида ё тақсими он дар байни иштирокчиён (аъзоён) шуда наметавонад. Ҳама ҳуқуқҳои моликият бояд баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои қонуние, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ алоқаманд нестанд, равона карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки фарди ба гуфтушунид оид ба таъсиси ассотсиатсия ҳамроҳшуда вазифадор аст, ки чунин гуфтушунидҳоро софдилона анҷом диҳад. Ин уҳдадориро бо шартнома истисно кардан ё маҳдуд кардан мумкин нест.

Дар навбати худ, дар асоси мундариҷаи Кодекси мадании ҶТ, дар мавриди шартномаҳои фаъолияти муштарак, ҳолатҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳангоми рух додани онҳо яке аз тарафҳо нияти худро тасдиқ намуда, баъдан аз бастани шартномаи таъсисӣ рӯ мегардонад. Дар ин маврид манфиати иштирокчии дуюм (бовиҷдон), ки аллакай хароҷоти зиёди вобаста ба бастан ё иҷрои шартномаи ояндаро (хароҷоти нақлиёт, хароҷот барои капитализатсияи дороиҳои зарурӣ, хароҷот барои кумаки ҳуқуқӣ, таҳлили иқтисодӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба тарафи дигар ва ғайра) анҷом додааст, мутобиқи Кодекси мадании ҶТ комилан ҳифз намегардад. Аз ин рӯ, қонунгузории дохилӣ, инчунин бояд имконияти ба ҷавобгарӣ кашидани шахсеро, ки гуфтушунидро бо нияти бад қатъ кардааст (аз ҷумла, дар мавриде ки нияти бастани шартномаи фаъолияти муштаракро тасдиқ кардааст) барои зараре, ки ба тарафи дигар расонидааст, пешбинӣ намояд. Ин ҳамчун ангезаи поквиҷдонии иштирокчиёне, ки нияти худро барои анҷом

додани фаъолияти муштарак изҳор кардаанд, хизмат мекунад.

Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ дар асоси узвият фаъолият мекунанд. «Аъзои иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ танҳо шахсони ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки мустақилият ва мақоми шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд ва фарқ надорад, ки онҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ мебошанд» [109, с. 141]. Ҳамзамон аъзои ассотсиатсия мустақилиятро дар интихоби шарикон, муқаррар кардани сиёсати нархгузорӣ ва ташаккули стратегияҳои рушд нигоҳ медоранд.

Сохтори ташкилӣ тафриқаи аъзоёнро аз рӯйи доираи ваколатҳояшон пешбинӣ мекунад: ба категорияи якум субъектҳое дохил мешаванд, ки маҷмуи пурраи ҳуқуқҳои корпоративӣ доранд, аз ҷумла иштирок дар мақомоти идоракунӣ, овоздиҳӣ ва пешбарии номзадҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда. Дуюм, аъзоҳои вобаста, ки аз ҳисоби онҳо сафи аъзоёни нав пур мешавад ва ҳуқуқҳои онҳо аксар вақт маҳдуд аст: онҳо наметавонанд овоз диҳанд, мансабҳои интихобшударо ишғол намоянд, ё дар қабули қарорҳо иштирок кунанд.

Ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо дар асоси ихтиёрӣ таъсис дода мешаванд, яъне онҳо ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти иқтисодии аъзоёнашон дахолат кунанд ва кори онҳоро идора кунанд. Шумораи муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ амалан номуайян аст, ки ин ба ҳатто як нафар имкон медиҳад муассиси ташкилоти ғайритиҷоратӣ шавад. Аммо аз ин қоидае, ки қонун муқаррар кардааст, истисноҳо мавҷуданд. Масалан, тибқи м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «муассисони иттиҳодияҳои динӣ на камтар аз 10 нафар шаҳрвандони ҶТ шуда метавонанд, ки дорои эътиқоди динии умумӣ мебошанд ва ба синни 18-солагӣ расидаанд» [21].

Мутобиқи қонунгузорӣ, баъзе шахсон ҳуқуқ надоранд ташкилоти ғайритиҷоратӣ таъсис диҳанд [20].

Маҷлиси муассисони иттиҳодия чорабинии асосиест, ки дар он самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти таъсисдода муайян карда мешаванд. Дар

маҷлиси муассисон чунин масъалаҳои муҳимми марбут ба таъсис ва фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ баррасӣ ва тасдиқ мешаванд, аз ҷумла:

1). Мушаххас кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо;

2). Қабули оиннома – ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи фаъолият;

3). Таъсиси мақомоти роҳбарикунанда – тасдиқи сохтори идоракунӣ, тартиби интихоб ё таъини ин мақомот ва муайян кардани ваколатҳои онҳо;

4). Муайян намудани манбаъҳои маблағгузорӣ – баррасии сарчашмаҳои даромад, тартиби баҳисобгирӣ, ҳисобот ва таҳияи нақшаи буҷет;

5). Тартиби бақайдгирӣ – қабули қарор оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба мақомоти дахлдор ва иҷрои расмиёти бақайдгирӣ тибқи қонунгузории амалкунанда;

6). Таъйини масъулиятҳо – муайян кардани уҳдадориҳои муассисон, аъзои мақомоти идоракунӣ ва дигар кормандон ё иштирокчиёни ташкилот;

7). Баррасии масъалаҳои иловагӣ – муҳокимаи дигар масъалаҳои муҳим, ки ба таъсис ва фаъолияти минбаъдаи ташкилот дахл доранд.

Муҳим он аст, ки дар маҷлиси муассисон тамоми тарафҳои манфиатдор ҳозир бошанд ва қарорҳо вобаста ба қоидаҳои муқарраршуда якдилона ё бо аксарияти овозҳо қабул карда шаванд. Баъди анҷоми маҷлиси муассисон, протокол тартиб дода мешавад, ки дар он тамоми қарорҳои қабулшуда ва амалҳои дар маҷлис иҷрогардида қайд карда мешавад.

Ҷиҳати бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ба мақомоти бақайдгиранда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

«–ариза, ки онро аъзои мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ имзо кардаанд ва дар он насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат ва телефонҳои робита нишон дода шудаанд;

– оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар ду нусха бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши ташкилоти ҷамъиятӣ дар ду нусха бо забони муошırати байни миллатҳо;

– иқтибос аз протоколи анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё

маҷлиси таъсисӣ, ки дар бораи таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ, тасдиқи оиннома, ташкил кардани мақомоти роҳбарикунанда ва мақоми назорату тафтишии он маълумот медиҳад;

– маълумот дар бораи муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ: барои шахсони воқеӣ – насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои сукунат, шаҳрвандӣ (бо имзоҳояшон тасдиқ мегардад) ва нусхаи шиноснома ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад;

– барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шурои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – нусхаи шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии давлатии оинномаи ин иттиҳодияҳо, иқтибос аз протоколи маҷлиси мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо қарор дар бораи таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шурои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин нусхаи шартномаи таъсисӣ;

– аризаи шахсоне, ки дар моддаи 19 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, дар бораи розигӣ ба истифодаи номи шаҳрванд дар номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

– ҳангоми аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ истифода бурдани рамзи таҳти ҳимояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ё ҳуқуқи муаллифӣ қарордошта – ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи онро тасдиқ мекунанд;

– ҳуҷҷати пардохти боҷи давлатӣ;

– ҳуҷҷат дар бораи нишонии (маҳалли ҷойгиршавии) мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

– барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ – протоколҳои анҷуманҳо, конференсияҳо, маҷлисҳои умумӣ ё маҷлисҳои таъсисии воҳидҳои сохторӣ» [17].

Зимни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи тартиби пешбиникардаи қонун ва мӯҳлатҳои бақайдгирӣ риоя карда шаванд. Аҳаммияти ҳуқуқии тағйирот танҳо пас аз бақайдгирии расмии онҳо дар мақомоти дахлдор ба миён меояд. Дар баробари ин, тартиби бақайдгирии

давлатии ассотсиатсияҳо, аз ҷумла ворид намудани тағйирот ба оинномаи онҳо, пардохти боҷ талаб мекунад, ки андозаи онро Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» муайян менамояд [14].

Раванди бақайдгирии давлатӣ аз лаҳзаи пешниҳоди маҷмуи пурраи ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонун на бештар аз як моҳро дар бар мегирад. Баъди ба охир расидани бақайдгирӣ, ба иттиҳодия шаҳодатномаи тасдиққунандаи мақоми расмии он дода мешавад. Баръакси сохторҳои тиҷоратӣ, ки фаъолияти онҳо бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба таври омирона танзим карда мешавад, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар асоси меъёрҳои умумии барои чунин ташкилотҳо муқарраршуда фаъолият кунанд. Масалан, ин ба ташкилотхои ибтидоии иттифокхои касаба ва коллегияхои адвокатхо дахл дорад [116, с. 144].

Дар низомномаи махсус метавон нисбат ба мазмуни ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), ки шахсони ҳуқуқии як шакли ташкилию ҳуқуқиро муттаҳид менамоянд, талаботи иловагӣ мукаррар намуд. Афзалият ба оиннома дода мешавад, зеро маҳз оиннома вазъи ҳуқуқии онро муайян намуда, муносибатхои онро бо шахсони сеюм аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба танзим медарорад.

Қонунгузор тартиби коркарди ҳуҷҷатҳои аъзогии ассотсиатсияро, ки дар оянда замима ба оиннома мешаванд, муайян намекунад. Ба назар чунин мерасад, ки қабули аъзои нав ва баромадани аъзоёни мавҷуда бояд бо иловаҳо ба шартномаи таъсис бо ҳамон тартибе, ки барои ба қайд гирифтани дигар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муқаррар шудааст, ба расмият даровarда шавад.

«Ассотсиатсия (иттифоқ) тавозун ва (ё) харҷномаи мустақил дорад. Тавозун ташкилотҳои ғайритиҷоратие доранд, ки дар ҳуқуқи моликият молу мулки мустақил доранд ( ба истиснои муассисаҳо)» [44, с. 12]. Тавозуни даромад, самти мақсаднок ва тақсимоти муваққатии даромаду хароҷотро инъикос мекунад.

Дар як қатор мавридҳо қайди давлатии ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҷиҳати гирифтани ҳар гуна имтиёз, субсидия ва ғайра зарур аст [139, с. 144],

бинобар ин бақайдгирии давлатии ассотсиатсия барои мақомоти давлатӣ низ аҳаммияти калон дорад.

Бевосита бақайдгирии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз сурат мегирад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда вазифаҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба сифати мақоми ваколатдори иҷроия ба зиммаи Хадамоти андоз вогузор карда мешаванд. Муассисаи мазкур вазифаи асосии маъмурию ҳуқуқӣ, таъмини қонунигардонии субъектҳои соҳибкорӣ ва назорати риояи талаботи муқарраршуда ҳангоми таъсиси онҳо мебошад.

Қарорҳо оид ба бақайдгирӣ аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ қабул карда мешаванд. Қарорҳоро оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ, филиалҳои минтақавӣ ва дигар воҳидҳои сохтории ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои динии маҳаллӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки бояд бо тартиби махсуси бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррар карда шаванд, аз ҷониби мақомоти Вазорати адлияи ҶТ қабул карда мешаванд.

Тибқи м. 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятиро Вазорати адлияи ҶТ, Раёсатҳои адлияи ВМКБ ва вилоятҳо (минбаъд – мақомоти бақайдгиранда) анҷом медиҳанд. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро Вазорати адлияи ҶТ анҷом медиҳад. Ҳуҷҷатҳое, ки барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ заруранд, дар шакли муайян тартиб дода, ба мақоми ваколатдор ё мақоми ҳудудии он на дертар аз се моҳ аз рӯзи қабули қарор дар бораи таъсиси ташкилоти ғайритиҷоратӣ пешниҳод карда мешаванд» [17].

Номгӯи мазкур мукаммал буда, имконнопазирии мақоми ваколатдор ё мақоми ҳудудии онро талаб намудани пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида муайян мекунад. Бақайдгирӣ дар давоми як моҳ аз рӯзи пешниҳоди бастаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ сурат гирифта, пас аз он шаҳодатномаи дахлдор дода мешавад. Ҳамзамон бақайдгирии давлатии

ассотсиатсияро дар ҳолатҳои вайрон кардани талаботи муқаррарнамудаи қонун рад кардан мумкин аст. Асосҳои радкунӣ инҳоянд: хилофи муқаррароти оинномa ба меъёрҳои қонун, нопурра будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, шабеҳ будани ном ба шахси ҳуқуқии мавҷуда, беэътимод будани маълумот дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, инчунин истифодаи нишонае, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ, шаъну шарафи миллӣ ё динӣ мухолиф аст. Ин маҳдудиятҳо ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муносибатҳои корпоративӣ нигаронида шудаанд.

Агар бақайдгирии давлатии ассотсиатсия ё иттифоқҳо рад карда шавад, дар ин бора ба аризадиҳандагон хаттӣ хабар дода мешавад. Дар огоҳинома бояд муқаррароти мушаххаси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки риоя накардани онҳо барои радкунӣ асос шуда буд, зикр карда шавад. Оид ба рад кардани бақайдгирӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат дубора пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ имкон дорад, лекин танҳо пас аз рафъи қонуншикание, ки боиси бори аввал рад намудани бақайдгирӣ гашта буд. Ҳамин тариқ, рад кардани бақайдгирӣ қатъӣ набуда, довталабонро аз ҳуқуқи муроҷиати дубора маҳрум намесозад.

Барои бақайдгирии давлатии ташкилоти ғайритиҷоратӣ (ассотсиатсия ва иттиҳодия) боҷи давлатӣ бо тартиб ва андозаи пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо ситонида мешавад [33] .

Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии баррасишванда, ғайр аз мухр ва бланкаҳои дорои ном, бояд нишони ҷойгиршавӣ дошта бошанд.

Номи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти онро бо иловаи калимаи «ассотсиатсия» ё «иттифоқ» дар бар гирад.

Мавриди зирк аст, ки иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аз рӯйи уҳдадориҳои аъзои худ ҷавобгар нестанд. Аъзоёни иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, баръакс, аз рӯйи уҳдадориҳои ассотсиатсия ба андоза ва тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинишуда, масъулияти субсидиарӣ доранд. «Шахсе, ки масъулияти субсидиарӣ дорад, дар назди кредитор дар

ҳамон асосе, ки қарздори асосӣ дорад, ҷавобгар аст» [132, с. 20-21].

Агар ассотсиатсия (иттифоқ) бо сабаби рад кардан, нокифоя будани молу мулк талаби кредиторро қонеъ карда натавонад, кредитор ҳуқуқ дорад ба аъзои худ талаби дахлдор пешниҳод намояд. Ин масъулияти муштараки аъзоёни ассотсиатсия хусусияти асосии вазъи ҳуқуқии онҳо буда, хусусияти муштараки уҳдадориҳои базиммагирифташударо таъкид мекунад.

Узви иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии баррасишаванда дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст аз он хориҷ карда шавад. Иштирокчии нав метавонад ба иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ танҳо ба шарте шомил шавад, ки агар уҳдадории иҷрои масъулияти иловагӣ аз рӯйи қарзҳо ва уҳдадориҳои иттиҳодияро, ки то дохил шуданаш ба миён омадаанд, ба зимма гирад [7]. Ассотсиатсия аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамояд.

Мавриди зикр аст, ки глобализатсия, равандҳои макроиқтисодӣ ва муҳити зудтағйирёбандаи рақобат, қисми зиёди ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро водор месозад, ки мавқеи худро дар бозор бо роҳи амалӣ намудани тағйироти трансформатсионӣ ва амалҳои стратегии иқтисодӣ, ки аксар вақт бо тағйири вазъи ҳуқуқии ташкилотҳо дар гардиши тиҷоратӣ алоқамананданд, пайваста мустаҳкам намоянд. Масъалаи азнавташкилдиҳӣ барои аксари шахсони ҳуқуқии ватанӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аҳаммияти стратегӣ ва ниҳоят заруриро касб намуда истодааст. Дар баробари ин, самаранокии татбиқи расмиёти азнавташкилдиҳӣ бештар аз танзими дурусти ҳуқуқии муносибатҳои дар ин ҷода бавуҷудмеомада вобаста аст.

Ҳангоми азнавташкилдиҳии ассотсиатсия, тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои ташкилоти мавҷуда, тибқи санади таҳвил ба ташкилоти навтаъсис мегузаранд.

Бояд таъкид кард, ки қонунгузорӣ тартиби азнавташкилдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҶДММ-ро нисбатан дақиқ танзим менамояд. Аммо дар мавриди иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ

(ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо), танзими қонунӣ номукаммал ва пароканда буда, дорои муқаррароти кухнашуда, таззод ва декларативӣ мебошад.

Азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ андешидани як қатор тадбирҳои дахлдорро дар назар дорад. Асосан азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) бо қарори муассисони (иштирокдорони) ё мақомоти дорои чунин ваколат мебошад, анҷом дода мешавад.

Тартиби азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо) бояд ҳамчун маҷмуи далелҳои ҳуқуқӣ баррасӣ карда шаванд.

Марҳилаҳои азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ ба вуҷуд меоянд ва аҳаммияти мустақили ҳуқуқии худро доранд, чунин муайян ва гурӯҳбандӣ мешаванд:

1) пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ (марҳилаи қонунигардонӣ);

2) татбиқи муносибатҳои ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ (марҳилаи татбиқ);

3) қатъи муносибатҳои ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ (марҳилаи ниҳоӣ).

Асоси ба вуҷуд омадани чунин муносибатҳо, маҷмуи пайвастаи фактҳои зерини ҳуқуқӣ мебошад:

1) қабули қарори мақомоти олии ассотсиатсия (иттифоқ) дар бораи азнавташкилдиҳӣ: дар бораи барҳам додан; тасдиқи шартҳои азнавташкилдиҳӣ ва лоиҳаи оиннома ё шартномаи таъсис; тасдиқи лоиҳаи санади интиқол ва ё тавозуни тақсимот; муқаррар намудани ҳайати комиссияи барҳамдиҳӣ ва комиссияи азнавташкилдиҳӣ, муқаррар намудани муҳлати конеъ гардондани талабҳои кредиторон;

2) огоҳиномаи мақомоти бақайдгирии давлатӣ дар бораи қабули қарор;

3) бақайдгирии давлатии азнавташкилдиҳӣ.

Ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ надорад аз номи худ фаъолияти соҳибкориро анҷом диҳад. Ҳамзамон даромади он метавонанд аз ҳисоби

иштирокчиён, даромади субъектҳои хоҷагидорӣ ва ширкатҳое, ки дар онҳо ассотсиатсия (иттифоқ) иштирок мекунад, хайрияҳое, ки донорҳо барои ташаккули сармояи иттифоқ медиҳанд ва он танҳо дар соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ, фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, санъат истифода мешаванд, ташаккул меёбад [109, с. 140].

Мувофиқи Кодекси мадании ҶТ «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо имконият доранд, ки сохтор, салоҳият, тартиби ташкил ва муҳлати ваколатҳои мақомоти идоракуниро мустақилона муайян кунанд» [7].

Мақомоти асосии роҳбарикунандаи ассотсиатсия одатан аз инҳо иборатанд:

– маҷлиси умумии иштирокчиён;
– шурои ассотсиатсия;
– комиссияи тафтишотӣ;
– комиссияи ҳалли низоъ;
– мақомоти иҷроия (раёсат).

Қарорҳои қабулнамудаи маҷлиси умумӣ ва шурои ассотсиатсия барои ҳамаи аъзоён ва роҳбарияти ташкилот ҳатмӣ мебошанд. Маҷлиси умумӣ ҳамчун мақомоти асосӣ бояд на камтар аз як маротиба дар як сол гузаронида шавад. Ба ваколатҳои он дохил мешаванд:

– қабул ва тағйир додани оинннома;

– интихоби раис ва муовин;

– таъсиси шуро, комиссияҳо, инчунин таъини аъзои онҳо;

– тасдиқи низомномаҳо;

– баррасӣ ва тасдиқи нақшаи солонаи фаъолият, смета ва сохтори вазифаҳо;

– тасдиқи ҳисоботи молиявии солона;

– ташкил ва идораи фондҳои рушд, захираҳои молиявӣ;

– муайян намудани тартиби қабули қарорҳо, овоздиҳӣ;

– танзими андоза ва тартиби пардохти ҳаққи аъзогӣ;

– баррасӣ ва тасдиқи ҳисоботи солонаи Шуро ва комиссияҳои дахлдор;

– қабули санадҳои меъёрии дохилӣ барои танзими фаъолияти ассотсиатсия;

– ҳалли масъалаҳои марбут ба азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ, қабул ва хориҷ намудани аъзоён.

Маҷлиси умумӣ дар сурате салоҳиятнок дониста мешавад, ки агар дар он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзоён ё вакилони ҳудудӣ иштирок дошта бошанд. Маҷлис бо иштирок ва роҳбарии раис ва дар сурати набудани ӯ аз тарафи ҷонишини раиси ассотсиатсия гузаронида мешавад.

Роҳбари ассотсиатсия ҳамзамон ба ҳайси роҳбари шуро фаъолият мекунад. Протоколи баъди маҷлис тартибдодашуда аз тарафи шахсе, ки дар маҷлис раисикунанда буд, имзо шуда, бо муҳри иттиҳодия тасдиқ карда мешавад ва бояд дар бойгонии иттиҳодия нигоҳ дошта шавад. Аъзоёни ассотсиатсия бояд аз сана, ҷой, вақти гузаронидани ҷаласа ва рӯзномаи он аз ҷониби шуро пешакӣ ба таври хаттӣ огоҳ карда шаванд.

Ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ надорад ба аъзои мақомоти олии идораи худ, ба истиснои ҷуброни хароҷоте, ки бевосита бо иштирок дар кори мақоми олии идора алокаманд аст, подош диҳад. Ассотсиатсия, инчунин мақомоти иҷроия дорад, ки роҳбарии фаъолияти ҷориро амалӣ менамояд ва ба маҷлиси умумии аъзоён итоат мекунад. Мақомоти иҷроия метавонад коллегиалӣ ва инфиродӣ бошад. Ба салоҳияти мақомоти иҷроия танҳо он масъалаҳое дохил шуда метавонанд, ки тибқи қонун ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии аъзоён дохил нашудаанд [90, с. 328].

Тибқи қонунгузорӣ, бояд дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ шартҳо оид ба ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии ассотсиатсия муқаррар карда шаванд. Роҳбари мақомоти инфиродии иҷроия директор, директори иҷроия, директори генералӣ ва президент унвонӣ мешавад.

Баъзан дар баробари мақомоти олии роҳбарикунандаи ассотсиатсия – маҷлиси аъзоёни он, боз як мақоми намояндагии «мобайнӣ» таъсис дода мешавад, ки онро баъзан дар адабиёти илмӣ «шуро» меноманд, ки ба шурои

ширкати тиҷоратӣ монанд буда, як қисми вазифаҳои маҷлиси аъзоёни ассотсиатсияро дар фосилаи байни ҷаласаҳо иҷро мекунад [135, с. 27-36]. Шурои ассотсиатсия мақоми машваратии ассотсиатсия буда, аз ҷониби маҷлиси умумӣ интихоб карда мешавад.

Оиннома таносуби салоҳияти маҷлиси умумии аъзоёни ассотсиатсия ва шуроро муайян намуда, онро тақсим менамояд, аммо салоҳияти истисноии маҷлиси умумиро тағйир дода наметавонад. Роҳбари мақомоти инфиродии иҷроя бо карори худ метавонад узви чунин шуро бошад.

Барҳам додани шахси ҳуқуқӣ боиси қатъ гардидани он бе гузаштани ҳуқуқу уҳдадориҳо ба шахсони дигар мегардад. Ассотсиатсияи (иттифоқи) дар марҳилаи барҳамхӯрӣ қарордошта, қобилияти ҳуқуқдории худро гум намекунад (аз ҷумла, вазифадор аст, ки андоз ва пардохтҳои пешбининамудаи қонунгузории андозро дуруст ва сари вақт ҳисоб ва пардохт намояд).

Бояд қайд намуд, ки Кодекси мадании ҶТ ду тартиби барҳамдиҳии ассотсиатсияҳоро (иттифоқҳоро) пешбинӣ менамояд, якум ихтиёрӣ ва дуюм маҷбурӣ. Барҳамдиҳии ихтиёрӣ бо қарори муассисон (ё мақомоти дорои чунин ваколат), бо сабаби ба охир расидани муҳлати таъсис ва ё расидан ба мақсадҳои гузошташуда сурат мегирад.

Барҳамдиҳии маҷбурии шахси ҳуқуқӣ тибқи қарори суд, мувофиқи даъвои мақомоти давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, дар робита бо вайронкунии қонун зимни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё иҷрои фаъолияти минбаъдаи он сурат мегирад [98, с. 85]. Барҳамдиҳии маҷбурӣ, инчунин барои вайронкунии дағалонаи қонунгузорӣ шудан сурат мегирад [91, с. 403]. Чунончӣ, мисоли барҳамдиҳии маҷбурӣ, Ҳалномаи суди ш. Душанбе 31 августи соли 2021 шуда метавонад, ки тибқи он ташкилоти ҷамъиятии «Маркази бозори озоди Тоҷикистон», ки дар асоси шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз санаи 10 январи соли 2014 таҳти рақами қайди ИҶ 1233 «б» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, барҳам дода шуд [181]. Зеро тавре муайян гардид, ташкилот дар ҷараёни

амалисозии фаъолияти худ ба қонунвайронкуниҳо ва риоя накардани талаботи оиннома роҳ додааст. Мувофиқи банди 4 оинномаи ташкилот тартиби ба узвият қабул ва хориҷ шуданро пешбинӣ менамояд. Ба узвият қабул ва хориҷ шудан дар асоси аризаи шаҳрванд ва бо қарори раёсат сурат мегирад. Дар ташкилот чор аъзо вуҷуд дошта тартиби оинномавии ба узвият қабул намудан риоя нашудааст. Мутобиқи банди 6 оиннома маҷлиси умумӣ мақоми олии роҳбарикунандаи ташкилот маҳсуб меёбад ва дар як сол як маротиба гузаронида мешавад. Гарчанде аз тарафи масъулини ташкилот протоколи маҷлиси умумӣ таҳия шуда бошад ҳам, вобаста ба масъалаҳои ба ваколати маҷлис дахлнадошта (интихоби директори ташкилот) қарор кабул намудааст. Тибқи зербандҳои 6.5., 6.6. ва 6.7. оиннома раёсат мақоми доимоамалкунандаи ташкилот мебошад, ки ҳайати он дар маҷлиси умумӣ ба муҳлати 2 сол интихоб ва маҷлисҳои он дар як моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Тартиби мазкур риоя нашудааст ва умуман ҳуҷҷати зарурӣ дар ин самт пешниҳод нагардидааст. Ташкилот дорои муҳр ва варақаҳои нишондор мебошад ва дар онҳо рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) вуҷуд надорад, ки ин хилофи талаботи қисми 8 моддаи 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рақами мушаххаси андозсупоранда бояд дар варақаҳо ва муҳри шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ сабт гардад. Инчунин Суди ноҳияи Исмоили Сомонӣ ш.Душанбе санаи 05 марти соли 2021 дар маҷлиси ошкорои судӣ даъворо баррасӣ намуда, маводҳои парвандаро омӯхта, баёноти тарафҳо ва шоҳидонро шунида, санҷида, ба делелҳои мавҷуда баҳои ҳуқуқӣ дода, ба хулоса меояд, ки Даъвои Вазорати адлияи ҶТ нисбати Намояндагии Ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалии Сейферворлд дар Тоҷикистон дар бораи барҳам додани ташкилот қонеъ карда шуда, фаъолияти Намояндагии Ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалии Сейферворлд дар Тоҷикистон, ки дар асоси шаҳодатнома дар бораи азнавбақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз санаи 11 октябри соли 2018 таҳти рақами қайди ИҶ 153 Ф/Н «А» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, барҳам

дода шавад [182]. Аз омӯзиши ҳалномаи мазкур дида мешавад, ки суд ҳангоми қабули ҳалнома  он ҳолатро ба инобат мегирад, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ ба қонунвайронкуниҳо ва риоя накардани талаботи низомномаи ташкилот роҳ додааст. Чунончи, директор, ки аз моҳи апрели соли 2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ҳайси директор таъин карда шуданаш қарори директори иҷроияи ширкатро вобаста ба таъин намудани ӯ ба сифати директори намояндагӣ надорад. Аз ин бармеояд, ки айни замон директор бе таъйин гардидани директори намояндагӣ, намояндагиро роҳбарӣ намудааст, ҳол он ки тибқи қ. 3 м. 56 Кодекси мадании  Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳукуқӣ таъин гардида, дар асоси ваколатномаи он амал менамояд. Роҳбари намояндагӣ бе роияи талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаи намояндагӣ фаъолият намуда, аз номи намояндагӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Инчунин ташкилот барои амалӣ намудани лоиҳаи «Таҳкими бехатарии муштарак (бехатарии ҷамъиятӣ) ва пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати занон дар Тоҷикистон» маблағҳо қабул намуда, аз соли 2019 ин лоиҳаро татбиқ намуда истодааст. Дар низомнома, ки фаъолияти онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад, амалӣ намуди фаъолият дар самти пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидааст. Аз ин бармеояд, ки муқарраротӣ низомнома риоя нагардида, талаботи онро вайрон намудааст.  Ҳамчунин санҷиши парвандахои шахсии кормандон муайян намудааст, ки масъулин, яъне кормандоне, ки пешбурди корҳои кадриро ба ухда доранд, ҳангоми ба кор қабул намудани кормандон талаботи қисми 4 моддаи 26 Кодекси меҳнатро ба инобат нагирифта, дар баъзе парвандаҳои шахсии кормандон маълумотномаи тиббӣ, маълумотномаи ҷойи истиқомат ва дар аксари парвандаҳои шахсии кормандон нусхаи билетӣ ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ вуҷуд надорад.

Азбаски номгӯи асосҳои барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун қоида

пӯшида нест, бинобар ин аз чунин амал дар ҳар вақт бо хоҳиши иштирокчиён истифода намудан мумкин аст.

Аъзоёни ассотсиатсия барои гирифтани бақияи амволи баъд аз барҳамдиҳиро ҳақ надоранд талаб кунанд. Молу мулки баъд аз қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон боқӣ мондааст, ба муассисони он дода мешавад, ки ба ин молу мулк ҳуқуқи моликият ё нисбат ба ин ташкилот уҳдадорӣ доранд, агар дар қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ истисноҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

Ассотсиатсия ва иттиҳодия, аз рӯзи ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намудани маълумоти дахлдор, барҳамхӯрда ба ҳисоб меравaнд. Ин ҳолат, инчунин барҳамдиҳиро аз азнавташкилдиҳӣ тафовут мебахшад, ки дар баъзе мавридҳо, масалан, ҳангоми ҷавобгарии муштараки ворисон, хатто баъди дар Феҳристи давлатӣ ворид намудани сабти дахлдор, ҳуқуқи кредиторонро ҳифз кардан мумкин аст.

Қонунгузории ватанӣ бояд имконияти ба ҷавобгарӣ кашидани шахсеро, ки гуфтушунидро бо нияти бад қатъ кардааст (аз ҷумла, баъд аз тасдиқи нияти бастани шартномаи таъсисӣ) барои зараре, ки ба тарафи дигар расонидааст, пешбинӣ намояд. Ин на танҳо барои софдилона амал намудани иштирокчиёне, ки нияти амалӣ намудани фаъолияти муштаракро доштанд ҳавасмандӣ хоҳад овард, балки дараҷаи баланди ҳуқуқии муносибатҳои онҳоро таъмин намуда, дар навбати худ ба беҳтар гардидани фазои сармоягузории кишварамон ва ба фаъолияти муштарак ҷалб намудани субъектҳои ҳуқуқи хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.

Мафҳуми шартномаи таъсиси иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба маънои васеъ (доктриналӣ) ва маҳдуд тавзеҳ дода мешавад. Ба маънои васеъ, шартнома дар бораи таъсиси иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, шартномаи байни ду ё зиёда шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ мебошад, ки бахри таъсис, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мадании онҳо оид ба таъсиси шаклҳои шартномавии иттиҳодияҳо нигаронида шудааст. Ба маънои маҳдуд бошад, шартнома дар бораи таъсиси

иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, шартномаи байни ду ё зиёда шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ташкили иттиҳодияи дорои доираи муайяни қобилияти ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки бо розигии иштирокчиёни он муайян карда мешавад. Шартномаи таъсисӣ намуди шартномаи фаъолияти муштарак маҳсуб ёфта, хусусияти консесуалӣ дорад, чунки асоси хосси муносибатҳое мебошад, ки имконияти ба вуҷуд омадан ва татбиқ намудани онҳо бевосита аз ҳосил шудани созиш оид ба ҳамаи шартҳои муҳим вобаста аст.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИҲОДИЯИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ВА ВОҚЕӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ ҳамчун асоси танзими ҳуқуқии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ

Ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, дар ҷомеа вазифаи муҳимро иҷро карда, ҳамчун воситаи ҳимоя ва пешбурди манфиати гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон ё ташкилотҳо баромад мекунанд. Онҳо ҳамчун механизми самарабахши иҷрои вазифаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ ва касабавӣ хизмат карда, барои ноил шудан ба мақсадҳои инфиродӣ ва коллективӣ мусоидат мекунанд. Танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо барои таъмини адолат, устуворӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои онҳо нақши асосиро мебозад. Қонунгузории амалкунанда қоидаҳоеро муқаррар намудааст, ки шаффофият, масъулият ва принсипҳои демократиро дар ҳаёти дохилиташкилии ассотсиатсияхо ва иттиҳодияхо таъмин мекунанд. Ин қоидаҳои муқарраргардида, тартиби қабули қарорҳо, ҳисоботи молиявӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар асоси меъёрҳои мазкур, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо метавонанд манфиатҳои аъзои худро самаранок намояндагӣ ва дар сурати пайдо шудани низоъ ва баҳсҳо, ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя кунанд.

Фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ба қонунгузорие, ки вазъи ин субъектҳо, ба амал баровардани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани онҳоро муайян мекунад, асос меёбад. Тавре М. З. Раҳимзода қайд мекунад «аз лиҳози назариявӣ мафҳуми қонунгузорӣ дар адабиёти ҳуқуқии Тоҷикистон ба маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад. Он дар маънои маҳдуд ҳамчун маҷмуи қонунҳо ва дар маънои васеъ бошад ҳамчун қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии

байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, фаҳмида мешавад» [137, с. 19].

Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими институтҳои демократӣ мусоидат мекунад. Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, сафарбар намудани шаҳрвандон ба иштирок дар равандҳои сиёсию ҷамъиятӣ нақши калон мебозанд. Танзими ҳуқуқӣ шаффофият ва қонунӣ будани фаъолияти онҳоро таъмин намуда, суйистифода ва коррупсияро пешгирӣ мекунад, ки ин ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ва назорати ҷамъиятӣ, мусоидат мекунад.

Самти муҳимми таҷдиди қонунгузорӣ дар бораи ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) васеъ намудани нақши танзимкунандаи Кодекси мадании ҶТ дар соҳаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошад. Ба низом даровардани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ба ҳам мувофиқ гардонидани онҳо ва рафъи зиддиятҳо, вазифаи муҳим аст. Ҳамоҳангкунии қонунҳои амалкунанда, инчунин бекор намудани меъёрҳои ҳуқуқии куҳнашуда ва бесамарро дар назар дорад, ки ба ташаккули заминаи ҳуқуқии мантиқан асосноктару амиқтари танзими ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мусоидат мекунад.

Рушди низоми қонунгузорӣ дар ин самт кам намудани шумораи умумии қонунҳо ва содагардонии худи танзимро бо роҳи зиёд кардани меъёрҳои КМ ҶТ вобаста ба мақоми шахсони ҳуқуқӣ қобили дастрас ва асоснок ба назар мерасад. Ҳамин тавр, навъҳои зиёди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки имрӯз вуҷуд доранд, бешубҳа ба ислоҳи мувофиқ ниёз доранд [129, с. 12].

Қайд намудан ба маврид аст, ки то қабули КМ ҶТ «дар давраи бозсозӣ ба таъсиси шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳо иҷозат дода шуда буд, иттиҳодияҳои ташкилотҳои гуногун бо ном ва мақоми гуногун таъсис дода шуданд» [135, с. 27-36].

Дар шароити низоми нақшавӣ хоҷагии комплексҳои азими саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ фаъолона ташкил карда шуданд, ки онҳо вазифаҳои

иттиҳодияҳои хоҷагиро иҷро мекарданд. Дар раванди гузариш ба модели бозорӣ чунин сохторҳо бо роҳи муттаҳидшавӣ якчанд субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳам алоқаманд, ки барои расидан ба мақсадҳои умумӣ саъй мекунанд, ташаккул меёбанд. Меъёрҳои қонунгузорӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин ба соҳибкорони инфиродӣ имкон медиҳанд, ки дар асоси шартнома ассотсиатсия таъсис диҳанд. Ин ба ҳамоҳангсозии самарабахши кори онҳо, инчунин таъмини ҳифзи моликият ва дигар манфиатҳои муштарак мусоидат мекунад.

Дар шароити имрӯзаи ҶТ фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро қонунгузорӣ танзим намуда, на он қадар мукаммал мебошад ва асосан аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ иборат мебошад, ки ба қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ҷудо мешаванд.

Асосҳои танзими қонунии фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба самти он иборат аст аз:

1) қонунҳое, ки мансубияти субъект ба шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунанд (масалан, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» ва ғайра) [17];

2) қонунҳое, ки татбиқи расмиёти маъмурӣ ва қабули санадҳои маъмуриро аз рӯйи натиҷаҳои онҳо дар муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ танзим мекунанд (масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»);

3) қонунҳое, ки қонунӣ будани фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

Гурӯҳи якуми қонунҳоро, ки мансубияти субъект ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунанд, мебояд муфассал баррасӣ намуд. Сарфи назар аз он ки мафҳуми «иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ» дар қонунгузории миллӣ ба таври васеъ истифода мешавад, аммо он аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муқаррар карда нашудааст, ки ба татбиқи қонун ва фаҳмиши ҳуқуқии ин мафҳум таъсири манфӣ мерасонад.

Баъзе хусусиятҳое, ки имконияти гирифтани мақоми ассотсиатсия ва шахси ҳуқуқиро муайян мекунанд, дар муқаррароти муайяни Кодекси маданӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавзеҳоти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ муайян карда шудаанд. Дар аввал, сухан дар бораи муқаррароте меравад, ки вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданиро пешбинӣ мекунанд, масалан, муқаррароти қ. 3 м.2 -и Кодекси мадании ҶТ, ки тибқи он, «шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ мебошанд. Инчунин, дар ин қисм нишон дода шудааст, ки «иштирокдорони муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда, инчунин нисбати муносибатҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ низ истифода мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» [7].

Мувофиқи моддаи 48 Кодекси мадании ҶТ, «шахси ҳуқуқӣ ташкилоте мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун таъсис ва ба қайд гирифта шудааст». Дар ин модда, ҳамзамон намудҳои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба тартиби таъсиси онҳо инъикос шудаанд [7].

Якум, шахсони ҳуқуқие, ки аъзоёнашон дар назди ташкилот уҳдадорӣ доранд ва ба онҳо ширкатҳои хоҷагидор, ширкатҳо ва кооперативҳо дохил мешаванд. Аъзоёни ин ташкилотҳо дар доираи фаъолияти худ уҳдадориҳои муайян мегиранд. Дуюм шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ба молу мулки онҳоро доранд. Корхонаю муассисаҳои давлатӣ аз зумраи онҳо мебошанд. Дар ин маврид, муассисон назорати молу мулки ба ташкилот додашударо дар ихтиёр доранд.

Шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон ҳуқуқи молумулкӣ нисбати онҳо надоранд, фондҳо, ташкилотҳои динӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо дохил мешаванд. Дар мавридҳои алоҳидаи пешбининамудаи қонун, ба ин гурӯҳ дигар намудҳои шахсони ҳуқуқӣ низ дохил шуда метавонанд.

Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аксар вақт дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа нақши муҳим доранд. Онҳо метавонанд манфиатҳои

соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, гурӯҳҳои касбӣ ё табақаҳои иҷтимоиро ифода намуда, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро ҳифз кунанд, инчунин ба фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди соҳибкорӣ, инноватсия, маориф ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият мусоидат намоянд. Танзими ҳуқуқӣ, устуворӣ ва пешгӯии фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳоро таъмин намуда ба иштироки онҳо дар рушди иҷтимоӣ ва ташаккули сиёсат мусоидат мекунад.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо барои таъмини ҳифзи манфиатҳои аъзои онҳо ва рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим аст. Меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ба таҳкими асосҳои демократӣ мусоидат намуда, заминаҳои ҳуқуқии суботи иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам оварда, шароити ташаккули низоми мутаносиби муносибатҳои ҷамъиятиро фароҳам меоранд. Ин механизми ҳуқуқӣ ҷузъи муҳимми таъмини принсипҳои адолат ва баробарӣ дар доираи фаъолияти бахши ғайритиҷоратӣ мебошад. Онҳо асоси фароҳам овардани механизмҳои одилона, устувор ва муассири иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) асосан тибқи қонунҳои кишваре, ки дар он ҷо онҳо фаъолият мекунанд, танзим карда мешавад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) пеш аз ҳама бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин меъёрҳои қонунгузории маданӣ оид ба шахсони ҳуқуқӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои локалии ин ташкилотҳо, амалӣ мегардад.

Заминаи аввали масъалаҳои танзими ҳуқуқии ассотсиатсия ва иттиҳодияҳоро қонунгузории миллӣ пешбинӣ менамояд. Масалан, тибқи м. 28 Конститутсияи ҶТ «шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд». Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад». Конститутсияи ҶТ озодии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро ба иттиҳодия кафолат медиҳад [1]. Шаҳрвандони Тоҷикистон на танҳо ҳуқуқи конститутсионии муттаҳид шудан

дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳуқуқи ба ҳар гуна иттиҳодия, аз ҷумла динӣ, тиҷоратӣ ва ғайра шомил шуданро низ доранд [79, с. 27].

Дар замони муосир аллакай ба таври умум эътироф шудааст, ки ҳуқуқи инсон новобаста аз он ки ӯ дар кадом кишвар зиндагӣ дорад, на танҳо тавассути қонунгузории миллӣ балки аз ҷониби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳифз карда мешавад [59, с. 9]. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 пешбинӣ мекунад, ки ҳар як инсон ба озодии пайвастан бо дигарон, аз ҷумла ба таъсиси иттиҳодияҳои касаба бо мақсади ҳифзи манфитаҳои худ ва ё шомил шудан ба онҳоро дорад [36]. Бояд қайд намуд, ки худи қонунгузории иттифоқҳои касаба ҳамчун механизми ҳимояи манфиатҳои қонунии намояндагони касбу кори алоҳида – кормандон ба вуҷуд омад. Дар баробари ташаккул ва рушди низоми қонунгузории меҳнат, қонунгузории иттифоқҳои касаба низ такмил ёфт [134, с. 80]. Мафҳуми ассотсиатсия (иттифоқ) муддати тулонӣ васеъ истифода мешуд.

Дар самти баррасишаванда, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санади асосии қонунгузорӣ эътироф мегардад.

Кодекси мадании ҶТ дар тафовут аз собиқ Кодекси граждании Тоҷикистон ғояҳои ҳуқуқи хусусиро эҳё намуда, усулҳои муносибати бозориро муқаррар кард, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии нав ё кайҳо аз ёдрафтаро мавриди такмил қарор дод»[66, с. 24]. Дар сохтори санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста ба ассотсиатсияҳо ва иттиҳодҳо танзим мекунанд, Кодекси мадании ҶТ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Кодекс як қатор муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ташкил, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдихии ассотсиатсияҳо ва иттиҳодҳо дар Тоҷикистонро бевосита танзим менамояд. Қоидаҳо дар бораи ассотсиатсия ва иттиҳодия дар м. 129 Кодекси мадании ҶТ, ки дар фасли «Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» ҷойгир карда шуданд, муқаррар гардидаанд [7]. Тибқи м. 129 Кодекси мадании ҶТ, «ассотсиатсия (иттифоқ) иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ мебошад, ки ба узвияти ихтиёрӣ ё дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ба узвияти ҳатмӣ асос ёфта, барои намояндагӣ ва

ҳимояи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла манфиатҳои касбӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ, инчунин дигар мақсадҳое, ки хилофи қонун нестанд ва хусусияти ғайритиҷоратӣ доранд, таъсис дода шудааст»[71, 989].

Ҳамин тавр, дар шароити муносибатҳои бозорӣ таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) яке аз механизмҳои муҳимми таъмини ин мақсаду вазифаҳо ба ҳисоб меравад [116, с. 144].

Қонунгузорӣ тартиби ташкил, бақайдгирӣ ва фаъолияти ассотсиатсияҳоро (иттифоқҳоро) танзим намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзоён, тартиби қабули қарорҳо, идоракунии молиявӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳимро муайян менамояд. Аслан ассотсиатсия иттиҳодияи шартномавӣ мебошад, ки бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои муштарак тавассути марказонидани як ё якчанд функсияҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ, иттиҳоди истеҳсолот, истеҳсолоти муштарак дар асоси иттиҳодшавии захираҳои молиявӣ ва моддии иштирокчиён баҳри қонеъ кардани талаботи иқтисодии аъзоёни худ таъсис дода мешавад.

Қоидаҳои асосии таъсис ва фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳоро Кодекси мадании ҶТ муқаррар месозад. Аз ҷумла, ин ба вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои онҳо, тартиби идоракунӣ ва ғайра низ taаллуқ дорад. Кодекси мадании ҶТ дар ташкил ва фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Тоҷикистон нақши асосиро мебозад. Кодекси мадании ҶТ вазъи ҳуқуқӣ, принсипҳои асосии фаъолият ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни чунин субъектҳои ҷамъиятиро муайян мекунад. Кодекси мадании ҶТ иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳоро дар асоси иттиҳодияи ихтиёрӣ бо мақсади ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои умумии онҳо таъсис дода шудаанд, муайян мекунад. Он мақсадҳо, сохтор, тартиби қабули қарорҳо ва дигар ҷанбаҳои муҳимми иттифоқҳоеро, ки дар асоси оинннома таъсис додан мумкин аст, муайян менамояд. Илова бар ин, тибқи Кодекси мадании ҶТ, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо қобилияти ҳуқуқдорӣ, яъне қобилияти соҳиби молу мулк

будан, амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва ба дӯш гирифтани уҳдадориҳоро доранд.

Фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи принсипҳои қонунгузории маданӣ, бояд амалӣ карда шавад. Яъне ассотсиатсияҳо уҳдадоранд дар асоси қонунҳо ва оинномa амал кунанд, манфиатҳои аъзои худро ҳифз, идоракунӣ ва ҳисоботи молиявии шаффофро ба роҳ монанд. Кодекс ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадориҳои аъзоёни чунин ассотсиатсия ва иттиҳодҳоро муайян мекунад. Аз ҷониби дигар, онҳо низ вазифадоранд, ки қоидаҳои оинномавиро риоя намуда, ҳаққи аъзогӣ супоранд ва дар татбиқи мақсад ва вазифаҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ширкат варзанд.

Ҳамин тавр, Кодекси маданӣ чунин қоидаҳои асосиро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дахл доранд, аз ҷумла:

– «ассотсиатсияро «ҳамчун иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ, ки ба узвияти ихтиёрӣ ё дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ба узвияти ҳатмӣ асос ёфта, барои намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла манфиатҳои касбӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ, инчунин дигар мақсадҳое, ки хилофи қонун нестанд ва хусусияти ғайритиҷоратӣ доранд, таъсис дода шудааст», муайян менамояд;

– намудҳои иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ё воқеиро баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ муайян мекунад (ассотсиатсияҳо як шакли фаъолиятест, ки дар он ташкилотҳо ё шахсони алоҳида кӯшишҳои худро барои ҳалли мушкилоти муайян муттаҳид мекунанд);

– тартиби иштирок дар ассотсиатсия ва иттифоқҳоро муқаррар менамояд;

– ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳоро муайян мекунад;

– сохтор ва салоҳияти мақомоти роҳбарикунандаи ассотсиатсияҳо ва иттиҳодҳоро, аз ҷумла ҷаласаҳои аъзоён, мақомоти иҷроия ва ғайраро танзим менамояд;

– тартиби қатъи фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо, аз ҷумла барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳиии онҳоро муайян месозад» [7].

Муқаррароти Кодекси мадании ҶТ ба танзими фаъолияти ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо мусоидат мекунад, аммо ҷанбаҳои дигари он муфассалтар бо дигар санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунҳои махсусе, ки намудҳои алоҳидаи фаъолият ё соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд, танзим карда мешаванд. Ҳар яке аз ин қонунҳо стандартҳо ва тартиби таъсиси ассотсиатсия ва иттиҳодияҳои ташкилоти ғайритиҷоратии ин ё он шакли ҳуқуқиро муқаррар мекунанд [79, с. 27]. Масалан, танзими муфассали вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун шакли алоҳидаи ташкилию ҳуқуқӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007 № 25 оварда шудааст [17]. Гарчанде қонуни мазкур меъёри мушаххас оид ба ассотсиатсияро (иттифоқҳоро) дар бар намегирад, аммо он ба таври умумӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавиро ба танзим медарорад.

Инчунин, оид ба баъзе намудҳои мушаххаси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ қонунҳои махсус қабул карда шудаанд. Аз ҷумла, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот» [19], «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [28], «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» [21], «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [15]. Тамоми қонунҳои дар боло зикргардида масъалаҳои мушаххаси таъсис, бақайдгирии давлатӣ, фаъолият ва барҳамдиҳии навъҳои дахлдори иттифоқҳои ҷамъиятӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ба таври кофӣ ва муфассал танзим мекунанд.

Ба ғайр аз ин, як қатор қонунҳои дигар низ мавҷуданд, ки дар онҳо ба фаъолияти шаклҳои алоҳидаи ташкилию ҳуқуқии иттиҳодҳо дар соҳаҳои дахлдори фаъолият, фаслҳои махсус бахшида шудаанд. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 29 марти соли 2012 № 290 [25], ки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиеро, ки амалиёти маблағгузории хурдро анҷом медиҳанд, танзим менамояд ё Қонуни ҶТ «Дар

бораи бозори коғазҳои қиматнок» аз 28 июни соли 2011, № 74 [18], «ки таъсиси биржаи фондиро ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар шакли ҷамъияти саҳомӣ, пешбинӣ менамояд».

Қонунҳои махсусе ҳастанд, ки ташкили ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои махсусгардонидашударо пешбинӣ мекунад, ки ба ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, намояндагии манфиатҳо ва ҳифзи ҳуқуқи моликияти иштирокчиён нигаронида шудаанд. Ассотсиатсияҳои мазкур шакли институтсионалии ҳамкории шахсони ҳуқуқӣ буда, механизмҳои ҳуқуқии ҳамкории самарабахши субъектҳои соҳибкорӣ дар доираи талаботи муқарраргардидаи меъёриро фароҳам меоранд, масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» [29].

Аҳаммияти Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [13] дар танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо дар он зоҳир мегардад, ки:

– «тартиби бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳоро муқаррар мекунад. Он талабот ба ҳуҷҷатҳо ва тартиби пешниҳоди аризаро барои бақайдгирӣ муайян мекунад, ки шаффофият ва қонунан таъсис додани чунин ташкилотҳоро таъмин менамояд;

– тартиби ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо, аз ҷумла тағйир додани ном, суроға, ҳайати мақомоти идоракунӣ ва дигар маълумоти заруририро танзим менамояд;

– тартиби барҳам додан ва азнавташкилдиҳии ассотсиатсияҳо ва иттиҳодҳоро муқаррар менамояд;

– пешбурди феҳристи расмии шахсони ҳуқуқии бақайдгирифтаро пешбинӣ мекунад;

– тартиби бақайдгирии давлатӣ, вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳоро таъмин менамояд ва ба онҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро тибқи қонун амалӣ намоянд»;

Инчунин, санадҳои қонунгузориеро низ қайд намудан мумкин аст, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти иттиҳодҳо ва ассотсиатсиҳоро танзим менамоянд. Тибқи м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонанд иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) ташкил намоянд. Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул шаванд. Фоида аз фаъолияти соҳибкории онҳо дар байни аъзо ё иштирокчиёни ин иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) тақсим шуда наметавонанд ва бояд танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавӣ истифода шаванд» [25].

Қайд намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» низ зарур аст. Қонуни мазкур, «ассотсиатсияи истифодабарандагони обро ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва худидораи ба узвият асосёфтаи истифодабарандагони об муайян мекунад, ки ба таври ихтиёрӣ дар минтақаи муайян бо мақсади истифодабарӣ ва нигоҳдории дастҷамъонаи шабакаи мелиоративии дохили минтақаи хизматрасонӣ, таъмини оби полезӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии онҳо таъсис дода шудааст» [28].

Тибқи м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ «новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ, ҳуқуқ доранд, дар асоси шартнома иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд» [24]. Қонунгузории амалкунанда ҳуқуқи иттиҳодияҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро барои таъсиси субъектҳои соҳибкорӣ ё иштирок дар онҳо бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон, ин иттиҳодияҳо мақоми

шахси ҳуқуқии мустақилро нигоҳ медоранд, зеро шахси ҳуқуқӣ доранд ва масъулияти худро аз рӯйи уҳдадориҳои аъзои онҳо дар назар намегирад. Хусусияти вазъи ҳуқуқии чунин ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) масъулияти субсидиарии иштирокчиёни онҳо мебошад, ки андоза ва тартиби онро ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайян мекунанд. Талабот ба ном зикри ҳатмии мақсади асосии таъсиси ассотсиатсия, рӯйхати аъзоён, инчунин истифодаи мафҳумҳои «ассотсиатсия» ё «иттифоқ»-ро дар бар мегирад, ки шаффофияти шакли ташкилию ҳуқуқии онҳоро таъмин менамояд. Ин муқаррарот ба муқаррар намудани мувозинати байни мустақилияти муассисаҳои таълимӣ ва масъулияти дастаҷамъии онҳо дар доираи фаъолияти муштарак нигаронида шудааст [24].

Таъсиси ассотсиатсияро (иттифокро), инчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» муайян намудааст, ки тибқи м. 33 «хоҷагиҳои деҳқонӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳояшон метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) ташкил намоянд» [27]. Инчунин, хоҷагии деҳқонӣ вазъи ҳуқуқии худро тағйир дода, метавонад ба ташкилот табдил ёбад, масалан, ба:

- ассотсиатсия, дар ҷамъияти саҳҳомӣ;
- ҷамъиятҳо бо истифодаи меҳнати кироя ва ғайра [31].

«Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Хоҷагиҳои деҳқоние, ки ба иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) дохил мешаванд, мустақилият ва ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи заминро нигоҳ медоранд. Маҷбуран ба иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) дохил намудани хоҷагии деҳқонӣ манъ аст» [119, с. 19-23].

Ҳуқуқи таъсис додани ассотсиатсиҳоро, инчунин бонкҳо низ доранд. Тибқи моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «ташкилотҳои қарзӣ метавонанд бо мақсади ҳимояи манфиатҳои худ иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ғайритиҷоратӣ таъсис диҳанд. Тавассути иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои қарзии аъзо метавонанд фаъолияти худро

ҳамоҳанг созанд, ба робитаҳои байни ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ мусоидат намоянд, дастовардҳои мутақобилаи илмӣ, иттилоотӣ ва касбиро дастраси ҳамдигар гардонанд, ба Бонки миллии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба фаъолияти бонкӣ тавсияҳо пешниҳод намоянд» [26].

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ ҳуқуқ доранд иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шуроҳои) иттиҳодияи ҷамъиятиро таъсис диҳанд[17].

Мутобиқи м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «иттиҳодияҳои ҷамъиятии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраргардида ассотсиатсияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиширо таъсис диҳанд. Ба чунин ассотсиатсия варзишгарони мустақил, федератсияҳои варзишӣ, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ ҳуқуқи дохил шуданро доранд. Муассисони ассотсиатсияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш метавонад мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар якҷоягӣ бо федератсияҳои варзишӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши бошанд» [23].

Тибқи моддаи 3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд иттифоқҳо (иттиҳодияҳо) таъсис диҳанд ва (ё) ба ҳайати онҳо дохил шаванд» [30].

Тавре дар м. 42. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қайд мегардад, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд ихтиёран ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳоро ташкил кунанд, ки онҳо метавонанд амалҳои зеринро анҷом диҳанд:

– *иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ,* аз ҷумла дар ташаккули талабот оид ба бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ иштирок намоянд. Ин имкон медиҳад, ки оид ба такмили стандартҳои соҳавӣ, ташаббусҳои қонунгузорӣ ва дигар механизмҳои танзимкунанда, ки ба ҳифзи

манфиатҳои истеъмолкунандагон ва иштирокчиёни бозор нигаронида шудаанд, пешниҳодҳо пешниҳод намоянд.

– *гузаронидани экспертизаи мустақил.* Ташкилотҳо ҳуқуқ доранд, ки аз рӯйи сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматрасониҳо экспертиза гузаронанд, ки онро метавон тавассути лабораторияҳои махсусе, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор аккредитатсия шудаанд ё бо фармоиши муштарӣ анҷом дод.

– *мониторинги риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон.* Иттиҳодияҳо метавонанд риояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва қоидаҳои савдо, маишӣ ва дигар хизматрасониро мавриди санҷиш қарор диҳанд. Онҳо, инчунин метавонанд манфиатҳои истеъмолкунандагонро ҳангоми санҷиш дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқашон намояндагӣ кунанд.

– *манзур намудани пешниҳодҳо барои беҳтар кардани сифат.* Иттиҳодияҳо метавонанд ба мақомоти давлатӣ ва ширкатҳо оид ба бехтар намудани сифати мол, кор ва хизматрасонихо, оид ба махсулоте, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва муҳити зист зарар мекунанд, пешниҳодҳо манзур намоянд.

– *иштирок ба назорати нарх ва тарифҳо.* Иттиҳодияҳо метавонанд якҷоя бо мақомоти давлатӣ татбиқи нархҳои танзимшавандаро назорат карда, ба тарифҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ мустақилона баҳо диҳанд.

– *ибрози эътироз* – Ассотсиатсияҳо ҳуқуқ доранд ба мақомоти ваколатдори давлатӣ, прокуратура ё мақомоти адлия бо дархост дар бораи боздоштан, бекор кардан ё беэътибор донистани санадҳои мақомоти давлатӣ, агар ин санадҳо хилофи қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон бошад, муроҷиат намоянд. Ин имконияти мурофиавӣ ба ассотсиатсияҳо имкон медиҳад, ки мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва инфиродӣ ба қонунгузории ҷорӣ таъмин карда, бо ин на танҳо манфиатҳои аъзои худ, балки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро низ ҳимоя кунанд. Ин механизм ҳамчун воситаи муҳимми назорати ҷамъиятӣ аз болои қонунӣ будани фаъолияти сохторҳои давлатӣ хизмат мекунад.

– *ҳифзи судии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон.* Ассотсиатсияҳо ҳуқуқ доранд барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла шумораи номуайяни шахсон, ба суд муроҷиат кунанд [30].

Ҳамин тавр, вобаста ба доираи фаъолият ва мақсадҳои иттиҳодияҳо, фаъолияти онҳоро метавон бо дигар қонунҳо, масалан, дар соҳаи фарҳанг, маориф, варзиш, ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ғайра танзим намуд.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонунии қабулнамудаи Президент ва Ҳукумати ҶТ ва дигар сохторҳо, мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Тибқи м. 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[22], Президенти ҶТ фармонҳо мебарорад, ки набояд ба қонунҳо мухолиф бошанд. Байни чунин фармонҳо қайд намудани фармонҳои Президенти ҶТ «Дар бораи таъсиси Хазинаи Президент оид ба тадқиқоти фундаменталӣ» аз 8 августи соли 2002 [41], «Дар бораи баъзе тадбирҳои татбиқи ҳуҷҷати стратегӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ» [39]; «Дар бораи ҷорӣ намудани китоби бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 марти соли 2001 аҳаммияти хосса доштанд, ки имкон доданд аз тафтиши беасос онҳоро нигоҳ доранд [40].

Инчунин қайд намудани Қарорҳои Ҳукумати ҶТ низ мумкин аст. Ин санадҳои зерқонунӣ ба масъалаҳои таъсис додан ва фаъолият намудани ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо робитаи мустақим ва ғайримустақим доранд, аз ҷумла Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тартиби ситонидан ва андозаи боҷи бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ» аз 31 марти соли 2001, ки ба шарофати он меъёри боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии чунин ташкилотҳо дар Тоҷикистон якбора коҳиш ёфт[9].

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки қабул намудани санади ягонаи вобаста ба танзими вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мубрам буда, он бешубҳа дар танзими фаъолияти чунин ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар ҶТ нақши муҳимро мебозад. Мавзуи танзими ин қонун, бояд муносибатҳои вобаста ба

таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) бошанд. Аз ҷумла, дар ин қонун бояд муқаррарот ҷой дода шавад:

– шаклҳои ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратӣ, мақсад, вазифаҳо, принсипҳои таъсис, фаъолият, мақомоти идоракунӣ, шартҳо, тартиби бақайдгирӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;

– вазъи ҳуқуқии аъзоён;

– тартиби қабули қарорҳо;

– тартиби баҳисобгирии муомилоти молиявӣ;

– тартиби барҳамдиҳӣ;

– механизмҳои назорати давлатӣ инчунин чораҳои ҷавобгарӣ дар ҳолати вайрон кардани қонунҳо.

Баъзе соҳаҳо метавонанд стандартҳои худтанзимкунӣ ва касбии худро дошта бошанд, ки қонунгузории умумиро пурра мекунанд ва фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳоро дар доираи як соҳа танзим менамоянд. Баъзе мақомоти давлатӣ ва танзимкунанда, инчунин метавонанд барои фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо қоидаҳо, бахусус вобаста ба фаъолияти молиявӣ, андозбандӣ ва шаффофияти фаъолияти онҳоро муқаррар намоянд.

Ҳамин тавр, мавҷуд набудани қонуни махсус, танзимнамоии фаъолияти ассотсиатсияро (иттифоқҳоро) душвор мегардонад. Ба андешаи мо, қабул намудани қонуни махсус дар соҳаи танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) воситаи муҳимми таъмини суботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Қабули қонунгузории дахлдор метавонист заминаи возеҳи ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсис додан, фаъолият намудан ва барҳамдиҳии ассотсиатсияҳо, муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, механизмҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар назди аъзоён ва тамоми ҷомеаро фароҳам созад.

Қонунгузории ин соҳа бояд гуногунии иттиҳодияҳо, аз ҷумла ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро ба назар гирифта, ба инкишофи

фаъолияти онҳо мувофиқи эҳтиёҷот ва мақсадҳои ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Муҳим он аст, ки қонун ҳуқуқҳои аъзои ассотсиатсияро ҳимоя намояд, шаффофият ва идоракунии мусоидро кафолат диҳад ва ба стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва демократия мувофиқат кунад. Қонунгузории махсус дар соҳаи танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои рушди онҳоро фароҳам оварда, ҳамкорӣ ва шарикии субъектҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ҳавасманд намуда, ба таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократия мусоидат мекунад.

Дар баъзе мавридҳо фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) метавонад тибқи шартномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ танзим карда шавад, агар онҳо аъзои ассотсиатсия ё ташкилотҳои байналмилалӣ бошанд.

Танҳо дар давоми понздаҳ соли истиқлолият, ҶТ ба санадҳои зерини байналмилалӣ ҳамроҳ гардид:

– «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» аз соли 1948;

– «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966»;

– Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ» аз соли 1966 ҶТ 13 ноябри соли 1998.

– Конвенсияи СБМ «Дар бораи озодии иттиҳодияҳо ва ҳифзи ҳуқуқи созмонҳо» аз 9 июли соли 1948, № 87;

– Конвенсияи СБМ «Дар бораи ҳуқуқи ассотсиатсия ва иттифоқи коргарон дар соҳаи кишоварзӣ» аз 25 октябри соли 1921, № 11;

– Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ (26 майи соли 1995);

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул ва эълон карда шуд. Сарфи назар аз бештар хусусияти декларативӣ доштани Эъломия аҳаммияти он дар муайян ва равшан кардани доираи озодии иттиҳодияҳо бориз аст. Эъломия ҳамагӣ аз муқаддима ва 30 модда иборат буда, бори аввал дар асри XX тавонист ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқи инсон ба озодии иттиҳодияҳоро ба таври муътадил ва возеҳ ифода кунад. Аз ҷумла, дар

моддаи 20-уми Эъломияҳо ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳои осоишта пешбинӣ шудааст ва ин тасмим бояд ба принсипи ихтиёрӣ асос ёбад. Санадҳои байналмилалӣ меъёрҳои сершумори марбут ба озодии иттиҳодияҳо дар бар мегиранд. Ин санадҳо озодии иттиҳодияҳоро кафолат медиҳад. Озодии иттиҳодияҳо пеш аз ҳама ҳуқуқи таъсис ва ҳамроҳ шудан ба иттиҳодҳоро дар бар мегирад. Ин озодӣ инчунин озодии интихоб ва ҳуқуқи узвият надоштан ба созмонро дар бар мегирад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки иттиҳодҳо инчунин озодии рад кардани шахсони алоҳидаро барои узвият доранд. Азбаски иттиҳодҳо аз ҷониби афроде таъсис дода мешаванд, ки ақидаҳо ва арзишҳои муайянро доранд ва ҳадафи расидан ба ҳадафҳои муштарак доранд, онҳо наметавонанд узвиятро ба онҳое, ки ақидаҳои мухолиф доранд, иҷоза диҳанд.

Пешниҳод менамоем, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» қабул карда шавад. Дар қонуни мазкур принсипҳои умумии таъсис, фаъолият ва қатъи фаъолияти чунин ташкилотҳо, вазъи ҳуқуқии намудҳои гуногуни онҳо, ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо, тартиби ба қайд гирифтан ва барҳамдиҳиии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба онҳо, инчунин ассотсиатсия ва иттифоқҳо дохил мегарданд, муайян карда шаванд. Ҳамин тариқ ин қонун дар танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо дар Тоҷикистон, таъмини қонуният, шаффофият ва риояи манфиатҳои ҷамъиятӣ нақши калидӣ хоҳад дошт.

*Ҳамин тавр, танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо дар Тоҷикистон вобаста ба самти он, ба чунин қонунҳо такя мекунад:*

*1) қонунҳое, ки мансубияти субъект ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунанд;*

*2) қонунҳое, ки татбиқи расмиёти маъмурӣ муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқиро танзим мекунанд.*

*Дар қонунгузорӣ истифода намудани мафҳуми «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» як навъ инъикоси сифати техникаи ҳуқуқӣ буда, ба муайян*

*кардани хусусиятҳои мақоми субъектҳои баррасишаванда таъсир намерасонад.*

## 2.2. Санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ

Санадҳои локалӣ, аз қабили фармонҳои роҳбар (директор), қарорҳои мақомотҳои дохилии идоракунӣ, ки ба масъалаҳои идоракунии корпоративӣ дахл надоранд, ба шумули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маънои қатъии ин мафҳум дохил намешаванд.

Масъалаи табиати ҳуқуқии санадҳои локалӣ ҳамеша баҳсбарангез буд ва боқӣ мондааст. Аввалин маротиба ин масъала дар доираи ҳуқуқи меҳнатӣ ба миён гузошта шуда буд, зеро маҳз дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ санадҳои дохилӣ бештар истифода мешаванд.

Истилоҳи «санади корпоративӣ» ҳоло ба таври васеъ истифода намешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ҳуҷҷатҳо (санадҳо), санадҳои локалӣ, санадҳои локалии меъёрӣ, санадҳои меъёрии дохилиташкилотӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номида мешаванд [108, с. 16-27].

Бархе аз муҳаққиқон санадҳои дохилиро як навъи махсуси сарчашмаи ҳуқуқи корпоративӣ дониста [74, с. 122], бо ҳамин далел ба тарафдории эътирофи ҳуқуқи корпоративӣ ҳамчун шохаи мустақил дар низоми ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Дар баробари ин, нуқтаи назари дигаре низ ҷой дорад, ки тибқи он санадҳои дохилӣ дар ҳуқуқи корпоративӣ моҳиятан ба санадҳои локалии ҳуқуқи меҳнат шабоҳат доранд [99, с. 620]. Моҳияти ҳуқуқии ин падидаҳо ҳамчунон мавзуи баҳси илмӣ боқӣ мемонад: баъзе тадқиқотчиён онҳоро ҳамчун уҳдадориҳои шартномавӣ (яктарафа ё бисёрҷониба) тасниф мекунанд, дар ҳоле ки олимони дигар онҳоро ҳамчун механизмҳои мустақили танзимкунанда муайян мекунанд, ки дар баробари сарчашмаҳои классикии танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ амал мекунанд.

Тавре ки С.Д. Могилевский қайд мекунад, ташаккули ирода ва ифодаи иродаи шахси ҳуқуқӣ иҷрои дурустро талаб мекунад, ки бо қабули санади

ҳуқуқии дахлдор таъмин мегардад [70, с. 120]. Чунин санад, – менависад муаллиф, – «ҳамчун ифодаи иродаи шахси ҳуқуқӣ дар асоси қонун фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор бо тартиби муқарраршуда таҳия ва қабул карда мешавад, дар шакли ҳуҷҷати махсус ба тасвиб мерасад, ба мақсади муқаррар намудани меъёрҳои дохилӣ ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ нигаронида шудааст, баҳри ноил шудан ба мақсадҳое, ки барои онҳо шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст, хизмат мекунад» [70, с. 245].

Санадҳои корпоративӣ дар м. 2. Кодекси мадании ҶТ сарчашмаи ҳуқуқ эътироф нагардидаанд, чунки дорои аломату хусусиятҳои онҳо нестанд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ ва санади корпоративӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқи корпоративиро дар бар мегиранд, падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳамзамон, ба санади корпоративӣ дар тафовут аз санади меъёрӣ, ҳамчун манбаи расмии ҳуқуқ, ҳамчун санади зерқонунӣ баҳо дода мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқии муосир омӯзиши моҳияти санадҳои корпоративӣ асосан бо маҳсуб донистани онҳо ҳамчун санадҳои меъёрии локалӣ амалӣ карда мешавад, аз ин рӯ, бештари хусусиятҳои онҳо дар мафҳуми санадҳои корпоративӣ инъикос меёбанд. Ба андешаи мо, бояд дар байни санадҳои корпоративӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии локалӣ тафовут гузошт. Аввалан, санадҳои корпоративӣ на ҳама вақт хусусияти санадҳои меъёрии локалиро доранд, бинобар ин, онҳоро мутлақо ба санадҳои меъёрии локалӣ баробар хондан нодуруст аст. Дуюм, мафҳуми «меъёрҳои локалӣ», одатан танҳо дар қонунгузории меҳнат маъмул аст, ки он аз қонунгузории корпоративӣ фарқ мекунад. Дар баробари ин, меъёрҳои корпоративӣ аз меъёрҳои локалӣ аз нигоҳи предметӣ фарқиятҳои куллӣ доранд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки меъёрҳои корпоративӣ, ба монанди меъёрҳои локалӣ, муносибатҳоро дар сатҳи дохилӣ танзим мекунанд, ба онҳо хусусиятҳои санадҳои локалӣ хос мебошанд (мазмуни иродавӣ, хусусияти дохилиидоравӣ, хусусияти тобеият, давомнокии мавҷудият, хусусияти ҳатмӣ доштан барои адресатҳои меъёрҳо),

аммо ҳамоно бар хилофи санадҳои локалӣ, мансубияти дигари соҳавӣ доранд.

Ҷудо намудани меъёрҳои корпоративӣ дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти он имконпазир аст, ки онҳо қоидаҳои рафторе мебошанд, ки ирода ва манфиатҳои аъзои ташкилотро ифода мекунанд, ба онҳо амали худро паҳн мекунанд, муносибатҳои дохилиташкилиро танзим менамоянд, иҷрои онҳо бошад, бо тадбирҳо барои ҳар як ташкилот хос таъмин мегарданд [80, с. 125].

Ҳамин тавр, мафҳумҳои «санади корпоративӣ» ва «санади меъёрии локалӣ»-ро комилан баробар ҳисоб кардан мумкин нест. Чунин ба назар мерасад, ки истилоҳи аз ҳама барои истифода дуруст, истилоҳи «санади корпоративӣ» мебошад, зеро он хусусияти махсуси корпоративӣ доштани санади мазкурро таъкид мекунад ва доираи татбиқи онро ба муносибатҳои корпоративӣ равшан нишон медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки мутаассифона Кодекси мадании ҶТ ягон муқаррарот вобаста ба тасдиқ намудани қоидаҳои дохилии ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисон муқаррар накардааст, новобаста аз он ки чунин ҳуқуқ дар назар дошта мешавад.

Аксари мутахассисон, санадҳои локалиро ҳамчун санадҳои ҳуқуқӣ ҳисобида, онҳоро ба манбаъҳои ҳуқуқ шомил медонанд. Дар низоми ҳуқуқӣ бошад ин масъала дар Кодекси меҳнати ҶТ мустақиман ифодаи худро ёфтааст: санадҳои локалӣ метавонанд дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ бошанд. Маҳз бо ҳамин сабаб, теъдоди зиёди ҳуқуқшиносони рус санадҳои локалиро расман ба сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф мекунанд.

Тибқи мавқеи онҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ воситаи ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии мустақил мебошанд, ки дар доираи салоҳиятҳои аз ҷониби давлат додашуда таҳия гардида, ҳамчун танзими ҳуқуқии хусусӣ амал мекунанд. Онҳо, ин гуна санадҳоро манбаъҳои ҳуқуқи меҳнатии хусусӣ ҳисобида, дар ин замина дар хусуси наздикшавии равишҳои ҳуқуқи табиӣ ва ҳуқуқи позитивӣ ибрози ақида менамоянд.

Дар асл давлат ба корфармо ҳуқуқи мустақилона қабул намудани санадҳои меъёрии локалиро надодааст, балки танҳо мавқеи онҳоро дар низоми умумии манбаъҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар Кодекси меҳнатӣ муайян намудааст. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки ҳуқуқи корфармо барои қабул намудани санадҳои локалӣ, ба истилоҳ «ҳуқуқи табиӣ бо тасдиқи позитивӣ» мебошад, яъне ҳуқуқи табииест, ки аз ҷониби қонунгузор дар шакли ҳуқуқи амалкунанда эътироф шудааст. Ба ин тартиб, сухан дар бораи як навъ табиати махсуси ҳуқуқ меравад: аз як ҷониб – он ҳуқуқ аст, аммо на ҳуқуқи маъмулӣ ва анъанавӣ, зеро ҳуқуқи табиӣ дар доираи фаҳмиши позитивистӣ на ҳамеша ба сифати ҳуқуқи комил шинохта мешавад.

Бо вуҷуди ин, олимони соҳаи ҳуқуқи меҳнат аксаран чунин санадҳоро ҳамчун як навъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд, ки баҳсро дар бораи табиати онҳо идома мебахшад [38, с. 70-71].

Дар соҳаи ҳуқуқи корпоративӣ низ назариёту равишҳои гуногун нисбат ба муайянсозии табиати ҳуқуқии меъёрҳои (санадҳои) корпоративӣ ба мушоҳида мерасад. Аксари муҳаққиқон бар онанд, ки ин меъёрҳо хусусияти ҳуқуқӣ доранд. Масалан, Т.В. Кашанина як назарияи мустақили «ҳуқуқи корпоративӣ ҳамчун ҳуқуқи дохилии ташкилот»-ро таҳия намудааст. Дар доираи ин назария, ӯ исбот менамояд, ки меъёрҳои корпоративӣ дорои ҳамаи нишонаҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд ва бояд маҳз ҳамчун чунин меъёрҳо шинохта шаванд [64, с. 33-36]. Назари монандро як қатор муҳаққиқони дигар низ ҷонибдорӣ мекунанд [121, с. 55-56].

Бо вуҷуди ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мешавад, ки қарорҳои идоракунӣ бояд ба ду гурӯҳ ҷудо шаванд, яъне ба санадҳои инфиродӣ ва санадҳое, ки қоидаҳои рафторро муқаррар мекунанд, яъне санадҳои меъёрии локалии мақомоти идоракунӣ.

Мафҳуми аҳд, аз ҷиҳати назариявӣ, танҳо нисбат ба санадҳои инфиродӣ татбиқшаванда мебошад, аммо ҳатто ин нуқтаи назар аз ҷониби баъзе муҳаққиқон зери шубҳа гузошта шудааст [127, с. 29].

Дар адабиёти ҳуқуқии муосир равише ифода ёфтааст, ки тибқи он қарори идоракунӣ ҳамчун далели мустақили ҳуқуқӣ шарҳ дода мешавад, ки намуди махсуси муносибатҳои ҳуқуқӣ – ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд меорад, ки берун аз асосҳои анъанавии шартномавӣ ба вуҷуд меоянд.

И.С. Шиткина, аз як тараф, меъёрҳои локалиро (санадҳои дохилӣ, тибқи таърифи ӯ) ҳамчун манбаъҳои ҳуқуқи корпоративӣ эътироф менамояд. Аммо аз ҷониби дигар, ҳангоми додани таъриф ба чунин ҳуҷҷатҳои дохилии корпоратсия, ӯ онҳоро ҳамчун «санад» мешиносад, вале аз истифодаи мафҳуми «санади ҳуқуқӣ» ба таври эҳтиёткорона худдорӣ мекунад, ки ин метавонад нишондиҳандаи як навъ номуайянии назариявӣ бошад [60, с. 80].

Д.В. Ломакин, сарфи назар аз зикри мулоҳизаҳои иловагӣ, дар ниҳоят ба чунин хулоса меояд, ки «ба оинномаҳои ташкилотҳо, нагуфта аз дигар ҳуҷҷатҳои муассисавӣ ва дохилӣ, мансуб донистани хусусияти санади меъёрии ҳуқуқӣ чандон асоснок ба назар намерасад – ҳатто агар онҳо хусусияти маҳдуди локалӣ дошта бошанд» [63, с. 139].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ақидаи аксари муҳаққиқон ба он майл дорад, ки санадҳои локалӣ дорои табиати ҳуқуқӣ мебошанд. Аммо онҳое, ки мансубияти ин санадҳоро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рад мекунанд, одатан дар нимароҳ таҳлили худро қатъ мекунанд, бе он ки ба таври амиқтар табиати воқеии чунин санадҳоро шарҳ диҳанд. Дар чунин ҳолат, саволи асосӣ ба миён меояд: агар санадҳои локалӣ санадҳои ҳуқуқӣ набошанд, аммо дорои хусусияти меъёрӣ бошанд – пас табиати ҳуқуқии онҳо дар чист?

Ба назар мерасад, ки иштибоҳи методологии аслӣ дар он аст, ки мафҳумҳои «меъёрӣ» ва «ҳуқуқӣ» бо ҳам баробар шуморида мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ аксаран чунин фарзия вуҷуд дорад, ки агар як санад хусусияти меъёрӣ дошта бошад, пас он ҳатман ҳуқуқист, дар ҳоле ки дар воқеият ин мафҳумҳо ҳаммаъно нестанд.

Санадҳои дохилиташкилотӣ (ё санадҳои дохилифирмавӣ, дохилӣ) санадҳои меъёрӣ мебошанд, ба истиснои санадҳои инфиродӣ, вале табиати ҳуқуқӣ доштани онҳо, яъне ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф шудани онҳо зери

шубҳа гузошта мешавад. Вазифаи асосии онҳо танзими фаъолияти дохилии ташкилот аст ва барои ҳамаи иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошанд, новобаста аз он ки ташкилот шакли корпоратсия дошта бошад ё муассиса. Дар айни замон, амали ин гуна санадҳо танҳо дар ҳудуди худи ташкилот маҳдуд мешавад ва берун аз он паҳн намегардад. Аз ин рӯ, онҳо ба гурӯҳи меъёрҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд, на ба меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Ин тарзи танзим ҳама гуна муносибатҳои дохилӣ-ташкилотиро фаро мегирад – хоҳ муносибатҳои корпоративӣ, хоҳ муносибатҳои меҳнатӣ ва ё дигар намудҳои муносибатҳои дохилӣ.

Аз ин нуқтаи назар, метавон гуфт, ки муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ бар асоси ҳуқуқи меҳнат танзим мешаванд. Аммо дар дохили ҳамин соҳаҳо низ намудҳои муносибатҳое мавҷуданд, ки на бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки бо меъёрҳои иҷтимоии дохилиташкилотӣ танзим мегарданд, ки мақоми санади ҳуқуқиро надоранд.

Ҳамин тавр, санадҳои корпоративӣ дар ташкил ва идоракунии фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Ин санадҳои дохилӣ, аз қабили оинномаҳо, низомномаҳо, қоидаҳо ва кодексҳои рафтор қоидаҳои ҳамкории байни иштирокчиёнро муқаррар, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро муайян намуда, раванди қабули қарорҳоро ба танзим медароранд. Санадҳои корпоративӣ шаффофият ва пешгӯии фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро таъмин мекунанд, ки ин ба коҳиш додани хатари муноқишаҳо ва баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ мусоидат мекунанд. Вазифаи муҳимтарини санадҳои корпоративӣ фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти ассотсиатсияҳо мебошад, хусусан дар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ тамоми паҳлуҳои фаъолияти онҳоро муфассал танзим намекунанд. Инчунин, санадҳои корпоративӣ ба таҳкими фарҳанги корпоративӣ ва интизом дар ассотсиатсияҳо мусоидат мекунанд. Қоидаҳои дақиқ муайяншудаи рафтор, механизмҳои ҳалли баҳсҳо ва системаҳои ҳисоботдиҳӣ сатҳи эътимодро байни иштирокчиён афзоиш медиҳанд ва

эҳтимолияти суйистифодаро кам мекунанд. Дар ниҳоят, санадҳои корпоративии хуб таҳияшуда на танҳо равандҳои дохилиро ба тартиб меоранд, балки мақоми ҳуқуқии созмонро мустаҳкам намуда, ба рушди устувору дарозмуддати он мусоидат мекунанд.

Гарчанде меъёрҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иқтидори назарраси танзимкунанда доранд, аммо заминаи назариявӣ ва методологии онҳо дар илми ҳуқуқ рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Вазифаи ягонагии истилоҳот дар ин соҳа махсусан муҳим буда, бояд инҳоро дар бар гирад: тафовути возеҳ байни мафҳумҳои «санади корпоративӣ» ва «санади меъёрии локалӣ»; таърифи санади корпоративӣ, рӯйхати пурраи онҳо ва аломатҳои фарққунадаи он аз дигар санадҳои дохилӣ муаян намудан дар қонун зарур мебошад.

Баҳри такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои корпоративӣ зарур аст, ки санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаҳои расмии ин зерсоҳаи ҳуқуқ эътироф карда шаванд. Бо ин мақсад зарур аст, ки дар м.2 Кодекси мадании ҶТ банди алоҳида бо муайян намудани ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ оид ба қабули санадҳои ҳуқуқии корпоративии дорои хусусияти зерқонунидошта пешбинӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки мақоми санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба таври расмӣ муқаррар карда шуда, бо ҳамин барои танзими мунтазами муносибатҳои корпоративӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, ягонагии амалияи татбиқи конун таъмин карда шавад. Аҳаммияти махсуси санадҳои корпоративӣ дар таъсири назарраси онҳо ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ ва таҳаввулоти заминаи қонунгузорӣ дар ин соҳа зоҳир мегардад.

Мавриди зикр аст, ки бо дарназардошти равандҳои ҳамгироӣ, зарур дониста мешавад, ки муносибатҳои корпоративӣ, ки дорои табиати ҳуқуқӣ – маданӣ мебошанд, ба низоми қонунгузории маданӣ, аз ҷумла ба м. 2 Кодекси мадании ҶТ ҳамчун навъи мустақили муносибатҳои маданӣ ворид карда шаванд.

Муҳимтарин санади дохилии иттиҳод оиннома мебошад, ки фаъолияти шахси ҳуқуқиро ба танзим медарорад ва қоидаҳои асосии фаъолияти онро муқаррар менамояд. Оиннома сарчашмаи мустакил ба шумор меравад, зеро дар он муқаррароти асосие, ки вазъи ҳуқуқии ассотсиатсия, тартиби идоракунии он, муносибатҳои байни иштирокчиён, сохтори мақомоти роҳбарикунанда ва тақсимоти ваколатҳоро дар дохили шахси ҳуқуқӣ муайян мекунанд, ифода ёфтааст. Муқаррароти Кодекси маданӣ нисбат ба масъалаҳое, ки дар оинномаи ассотсиатсия танзим нашудаанд, татбиқ карда мешавад.

Тибқи Оинномаи Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, «ассотсиатсия иттиҳодияи ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад, ки ба узвияти ихтиёрӣ асос ёфта, барои намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумии онҳо ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст». Мақсадҳои асосии Ассотсиатсия чунинанд:

– «намояндагӣ, ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқ ва манфиатҳои коллективии иштирокчиёни он;

– мусоидат ба такмили қонунгузории бонкӣ;

– иштирок дар ташаккули сиёсати ягонаи давлатии пулию қарзӣ;

– пурзӯр намудани таъсири институтҳои молиявӣ;

– фароҳам овардани шароити баробари рақобат барои ҳамаи ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо;

– мусоидат дар ташкили низоми баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ғайра мебошад.

Ҷиҳати татбиқи мақсадҳои асосии худ, Ассотсиатсия чунин вазифаҳоро амалӣ менамояд:

– ба Бонки миллӣ, Ҳукумати ҶТ ва мақомоти дигари давлатӣ оид ба фаъолияти бонкӣ тавсияҳо пешниҳод менамояд;

– ба аъзоёнаш кумаки ҳуқуқӣ ва машваратӣ мерасонад;

– иштирок дар таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– пешниҳоди таклифҳо баҳри такмили қонунгузории соҳаи фаъолият ба

қонунгузор;

– такмили ихтисоси кормандони аъзои Ассотсиатсияро ташкил мекунад ва дигар вазифаҳоеро, ки ба мақсаду вазифаҳои Ассотсиатсия мувофиқанд ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, иҷро менамояд ва ғ.

Мақсадҳои асосии Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, аз: «ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории аъзоён, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои молумулкии онҳо иборат мебошад.

Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба амал баровардан ва расидан ба мақсади оинномавӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– баланд бардоштани қобилияти рақобатии корхонаҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

– мусоидат ба тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию техникӣ;

– тараққӣ додани инфраструктураи бозор;

– мусоидат намудан баҳри муомилоти самараноки сармояи аъзоён;

– ба гардиши хоҷагӣ ҷалб намудани фонду иқтидорҳои истифодашудаи Ассотсиатсия;

– расонидани кумаки муштарак дар шароити рақобат;

– таҳия ва татбиқи ташаббус ва лоиҳаҳои якҷояи иҷтимоӣ ва илмию тадқиқотии аъзоён;

– намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон дар мақоми ҳокимият ва идораи давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

– ба роҳ мондани рушди алоқаҳо ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ бо соҳибкорони хусусӣ ва ташкилотҳо дар хориҷа, мусоидат намудан ба дипломатияи халқӣ;

– муҳайё намудани шароит ва таъминоти молиявию иқтисодӣ; кори тарбиявӣ барои соҳибкорӣ; таъмини бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони риштаҳои мухталиф;

– сарпарастӣ намудан ба ташкилотҳои фарҳангию маориф, омӯзондан бо усулҳои замонавии соҳибкорӣ;

– дастгирии молиявию иқтисодии кори тарбия, бозомӯзӣ ва таҷрибаҳосилкунии кадрҳо;

– ташкил намудани намоишгоҳу ярмаркаҳо, музоядаҳо (аукционҳо), инчунин семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳо баҳри рушд ва таҳкими ҳамкории амалӣ;

– ба роҳ мондани хизматрасонии маълумотӣ, илмию методӣ, машваратӣ ва рекламавӣ бо аъзоён; таъсис додани базаи моддию техникӣ ва иҷтимоию фарҳангии худ ва ғайра» [175].

Он тавре ки мебинем, дар байни ин вазифаҳо, вазифае, ки аз дахолат намудани ассотсиатсия ба фаъолияти хоҷагидории ташкилотҳои шомил ба онҳо шаҳодат медода бошад, вуҷуд надорад.

Дарҷ намудани чунин ҳадафҳои иттиҳодияҳо дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки иштирокчиёни иттиҳодияҳои номбурда принсипҳои озодии ирода, истиқлолияти бунёдӣ ва баробарҳуқуқро ба роҳ монда, барои ноил шудан ба онҳо иқдомоти муштарак меандешанд. Аз ин гуфтаҳо дар хусуси табиати шартномавӣ доштани муносибатҳои иштирокчиёни иттиҳодияҳо хулоса бардоштан мумкин аст.

Тибқи м. 130 Кодекси мадании ҶТ, «ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсисии аз ҷониби аъзои он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи он мебошад. Агар дар шартномаи таъсисӣ мақсадҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) ва шароити иштирок дар он муайян карда шавад, пас дар оиннома мақоми худи ассотсиатсия (иттифоқ) муайян карда мешавад» [7].

Шартномаи таъсисӣ, шартномаи бисёрҷонибаи ҳуқуқӣ-маданӣ мебошад, ки «тибқи он иштирокчиёнаш (муассисонаш) уҳдадор мешаванд, ки шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд ва тартиби фаъолияти муштаракро ҷиҳати таъсиси он, шартҳои ба он додани молу мулки худ, иштирок дар фаъолияти он ва идоракунии ин фаъолият, шароит ва тартиби тақсими фоида ва зиён дар байни худ, инчунин тартиби баромадан аз шахси ҳуқуқиро муайян кунанд» [122, с. 45-48].

Дар шартномаи таъсисии ассотсиатсия (иттифок), бояд нуктаҳои зерин возеҳ ва дақиқ баён карда шаванд:

– номи ассотсиатсия, ки шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва хусусияти фаъолиятро инъикос менамояд;

– шартҳо ва тартиби додани молу мулки муассисон ба моликияти ассотсиатсия (иттифоқ);

– тартиби қабули қарорҳо аз ҷониби мақомоти роҳбарикунанда ва низоми тақсими молу мулки пас аз барҳамхӯрии ассотсиатсия боқимонда;

– қоида ва расмиёти хориҷшавии аъзоён аз ассотсиатсия;

– ҳадаф ва вазифаҳое, ки барои онҳо ассотсиатсия (иттифоқ) таъсис дода мешавад;

– маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсия (нишонии расмии бақайдгирӣ);

– уҳдадориҳои муассисон дар робита ба таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ);

– тартиби ҳамкории муассисон дар ҷараёни таъсиси ассотсиатсия;

– ҳайат ва ваколатҳои мақомоти роҳбарикунандаи ассотсиатсия;

– шартҳои иштироки муассисон дар фаъолияти ассотсиатсия;

– сохтор ва тартиби идоракунӣ;

– ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзоён;

– иттилоот оид ба филиалҳо;

– тартиби ба аъзогӣ қабул ва хориҷшавӣ;

– тартиби ташаккули сармоя, тартиби вориди тағйирот ба ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, тартиби тақсимоти молу мулк ва дигар муқаррарот.

Ин муқаррарот шаффофият ва тартиботи фаъолияти ассотсиатсияро таъмин намуда, тамоми ҷанбаҳои фаъолият ва ҳамкории байни иштирокчиёни онро танзим мекунад.

Муассисон барои иҷро накардани шартҳои шартнома дар назди ҳамдигар ҷавобгар мебошанд [84, с. 107].

Оинномаи иттиҳодия муқаррароти асосии зеринро дар бар мегирад:

– номи ташкилот бо истифодаи ҳатмии истилоҳҳои «ассотсиатсия» ё «иттифоқ»;

– мақсад, вазифа, ҷойгиршавӣ, хусусияти фаъолият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ;

– принсипҳои фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилот ва ҳам аъзои он;

– қабул ва хориҷшавии аъзоёни нав;

– сохтор ва ваколатҳои сохторҳои роҳбарикунанда, инчунин тартиби таъин ва озод намудани роҳбарият.

– манбаъҳои ташаккули захираҳои молиявӣ ва моликият;

– тартиби даровардани тағйирот ба оиннома ва тартиби таъсиси филиалҳо ва намояндагиҳо;

– қоидаҳои ҷуброни зарари аз ҷониби ассотсиатсия ба аъзои он расонидашуда ё зарари аз ҷониби аъзо ба ассотсиатсия расонидашуда.

– шакл ва тартиби иштироки аъзоён дар ҳалли масъалаҳои умумии хоҷагӣ.

– тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодия ва дигар маълумотҳо. [31].

Илова бар ин, оиннома дар бар мегирад: маълумот дар бораи макони ҷойгиршавии ассотсиатсия (иттифоқ), мавзуъ ва ҳадафҳои фаъолият, ҳайат ва ваколатҳои мақомотҳои роҳбарикунанда, андоза ва тартиби масъулияти субсидиарии аъзоён аз рӯйи уҳдадориҳои ассотсиатсия, тартиби қабули қарорҳо, қоидаҳои тақсимоти молу мулк баъди барҳамхӯрӣ, маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳо, сарчашмаҳои ташаккули моликият ва ғайра.

# БОБИ 3. ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ АССОТСИАТСИЯҲО (ИТТИФОҚҲО)

## 3.1. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ-тиҷоратӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо

Ҳадафҳои асосии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ҳифзи манфиатҳои умумӣ, ҳамоҳангсозӣ, амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳои мақсаднок мебошанд. Ҳам шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ метавонанд иттиҳодия (иттифоқ, асотсиатсия) таъсис диҳанд ва ё дар ягон иттиҳоди аллакай мавҷудбуда иштирок кунанд. Чуноне П.З. Мирзозода қайд менамояд, «дар раванди иқтисодии кишвар тағйироти зиёд ба амал омада, дар самтҳои асосии муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла фаъолияти истеҳсолӣ-тиҷоратӣ, моделҳои нави идоракунӣ ва пешбурди хоҷагӣ амалӣ шудаанд» [69, с. 11]. Фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ бошанд, танҳо функсияи ҳамоҳангсозиро амалӣ менамоянд. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ низ чун қоида дорои вазъи ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ мебошанд [178]. Нисбат ба ташкилотҳои тиҷоратӣ, муаллифон ба он ақидаанд, ки «ташкилоти тиҷоратӣ» бояд васеъ шарҳ дода шавад. «Истифодаи истилоҳи «ташкилоти тиҷоратӣ» дар меъёрҳои қонунгузорӣ, соҳибкорони инфиродиро низ дар назар дошта метавонад, агар аз моҳияти муносибат ва меъёри қонун тартиби дигаре барнаояд»[43, с. 356].

Иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси принсипҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ба ҳамдигар фоиданок сохта мешаванд. Ба принсипҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ инҳоро дохил менамоянд:

– ихтиёрӣ будан;

–ба манфиатҳои умумии иқтисодӣ асос ёфтан;

– баробарҳуқуқии иштирокчиён;

– озодии интихоби шакли ташкилии иттиҳод;

– худидоракунии иштирокчиён ва иттиҳодия дар маҷмуъ;

– ташкили муносибатҳои байни иштирокчиён дар асоси шартнома [54, с. 192].

Иттиҳодҳои корпоративӣ ба таври шартӣ бо истилоҳи «гурӯҳи тиҷоратӣ» номгузорӣ карда мешаванд [174, с. 11]. Иттиҳодҳои корпоративӣ на танҳо маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин иттифоқҳои шахсони ҳуқуқии алоҳида мебошанд ва узвият дар ассотсиатсия ба шартнома ва созишномаҳои тарафайн асос меёбад.

Ҳамин тариқ, иттиҳод (ассотсиатсия) – иттиҳодияи ихтиёрии ташкилотҳои тиҷоративу ғайритиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ мебошад, ки ба дар асоси шартнома асос ёфта, мақсади он ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак дар асоси принсипҳои умумияти манфиатҳо, баробарӣ ва худидоракунӣ меебошад. Тамоми шаклҳои кори он бо қонунгузории амалкунанда қатъиян танзим карда мешавад.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки «ташкилотҳои тиҷоратӣ дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ таъсис дода мешаванд» (қ.2 м.50) [7]. Дар баробари ин, оид ба масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаву пешниҳодҳои гуногун ҷой дорад. Масалан, иброз шудааст, ки «дар шароити инкишофи иқтисоди бозаргонӣ, афзудани миқёси истеҳсолот, васеъ намудани доираи хизматрасонӣ, инчунин ҳамгироӣ ба иқтисоди байналмилалӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, бояд ба сатҳи баланди ташкили соҳибкорӣ гузаранд» [96, с. 359].

Таҳқиқотҳои муосир дар соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратиро ҳамчун шаклҳои пешрафтаи пешбурди тиҷорат, ки дорои механизмҳои оптималии фаъолияти иқтисодӣ мебошанд, таъкид мекунанд. Дар ҷомеаи илмӣ баҳсҳои фаъол оид ба моҳияти ҳуқуқӣ, заминаҳои ташаккул ва мушаххасоти вазъи ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳои корпоративӣ идома доранд, ки табиати мураккаби ҳуқуқӣ ва аҳаммияти онҳоро дар низоми иқтисодӣ инъикос мекунанд [52].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ дар худтанзимкунии бахши соҳибкорӣ нақши муҳим доранд. Чунин ассотсиатсияҳо нақши муҳимми ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои

соҳибкории хурду миёнаро иҷро намуда, ҳамчун пайванди байни соҳибкорон ва сохторҳои давлатӣ амал мекунанд. Ин модели ҳамкорӣ махсусан дар кишварҳое, ки иқтисодиёти онҳо дар марҳилаи гузариш қарор дорад ва равандҳои ташаккули бозори мутамаддин ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар иқтисодиёт ҳанӯз дар ҳолати рушд аст, муҳим мебошад. Дар чунин шароит, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ба василаи асосии таъсиррасонӣ ба сиёсати давлатӣ табдил ёфта, ба ташаккули муҳити мусоид баҳри рушди соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии пешрафти иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат дар ҳама сатҳ метавонад ба рушди соҳибкорӣ ё кумак расонад ё ба он монеа шавад. Масалан, дар давлатҳои рӯ ба инкишоф, монеаҳои маъмурӣ ба соҳибкорон имкон намедиҳанд, ки тамоми имкониятҳои тиҷоратро истифода намоянд.

Истилоҳи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ васеъ буда, шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо соҳибкорон ё ширкатҳо ҷиҳати ҳамкорӣ ё расидан ба мақсадҳои умумӣ муттаҳид мегарданд.

Тавре ки дар адабиёти илмӣ зикр шудааст, дар шароити иқтисоди нақшавӣ комплексҳои истеҳсолӣ ва хоҷагии бузург ба таври васеъ таъсис дода шуда буданд, ки ҳамчун иттиҳодияҳои хоҷагӣ фаъолият мекарданд. Бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ, дар натиҷаи ҳамгироии ду ё зиёда субъектҳои хоҷагии ба ҳам алоқаманд ва дорои ҳадафҳои муштарак, ба вуҷуд меоянд.

Қонунгузории ҷорӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин ба соҳибкорони инфиродӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳати таъсиси иттиҳодияҳо шартнома банданд. Мақсади асосии чунин иттиҳодияҳо ҳамоҳангсозии амалиёти муштарак, инчунин ифода ва ҳифзи манфиатҳои умумӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои судманд мусоидат мекунад [54, с. 208].

Дар қонунгузории хориҷӣ шаклҳои иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратии ба қонунгузории Тоҷикистон хос набуда, ба монанди гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, холдингҳо, иттиҳодияҳо пешбинӣ гардидаанд. Дар

робита ба ин, иштирокчиёни бозор шаклҳои аз ҳама пурсамари муттаҳидшавиро меҷӯянд, ки ин раванд дар садсолаи охир идома дорад. Ҳамин тавр, дар поёни қарни XX ба шаклҳои маъмули консортсиумҳо, конгломератҳо, картелҳо, синдикатҳо ва трестҳо, шаклҳои шарикии стратегӣ зам гардиданд, ки теъдоди онҳо дар як давраи нисбатан кӯтоҳ – даҳаи охири асри гузашта аз 1050 то ба 8419 адад расид, яъне зиёда аз 8 маротиба афзудааст [50, с. 5].

Ассотсиатсияҳои ташкилотҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ баромад мекунанд ва дорои қобилияти махсуси ҳуқуқӣ мебошанд. Чунин ассотсиатсияҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ассотсиатсияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. Ассотсиатсияҳои сохторҳои соҳибкорӣ шакли ҳамкории субъектҳои соҳибкорӣ мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои басташуда ҳамкорӣ намуда, якҷоя фаъолияти тиҷоратиро анҷом медиҳанд.

Ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ яке аз намудҳои шарикии байни ташкилотҳо мебошанд. Онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:

– муттаҳидшавии иштирокчиён ва сармоя;

– баланд бардоштани устувории ширкат дар бозор ва кам кардани хавфҳои молиявӣ аз ҳисоби тафриқа ва тақсимоти онҳо;

– баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозор (ба шарикон табдил додани рақибон);

– мусоид намудан ба идоракунӣ;

– кушодани самтҳои қарзӣ бо мақсади дастрас намудан ва кам кардани арзиши захираҳои қарзӣ.

Дар айни замон, қонунгузории ҶТ як шакл – ассотсиатсияи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад, иттифоқ бошад, ҳамчун муродифи истилоҳи ассотсиатсия фаҳмида мешавад.

Ҷанбаи асосии омӯзиши табиати ҳуқуқии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ таҳлили ҳамаҷонибаи сохторҳои мақсадноки онҳо, сохтори ташкилӣ ва

салоҳияти мақомоти идоракунӣ мебошад. Ин унсурҳо аҳаммияти асосӣ доранд, зеро ваколатҳои функсионалии субъектҳои роҳбарикунандаи ташкилотҳои тиҷоратӣ – иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошудаи соҳибкорӣ бевосита муайян мекунанд: механизми идоракунии иттиҳодияҳои корпоративии навтаъсис; хусусиятҳои фаъолияти соҳибкории онҳо; дастурҳои рушди дарозмуддат. Илова бар ин, онҳо хусусияти фаъолият ва ҳадафҳои стратегии худро муайян мекунанд. Ин равиш, инчунин имкон медиҳад, ки ба қобилияти ҳуқуқдории як иттиҳодияи мушаххаси соҳибкорӣ ва хусусияти фаъолияти он дар чаҳорчӯби қонун баҳо дода шавад.

Таснифи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ аз рӯйи якчанд меъёрҳо гузаронида мешавад.

Фаъолияти чунин иттифоқҳо дар асоси шартномаи таъсисӣ сурат мегирад ва онҳо ҳамчун сохтори ғайритиҷоратӣ амал мекунанд. Сарфи назар аз он ки иттифоқ метавонад ташкилотҳои тиҷоратиро муттаҳид кунад, он дорои мақоми шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мебошад.

**Ассотсиатсияҳои хоҷагидорӣ** – шакли иттиҳодияи сохторҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки ба ҳамоҳангсозии фаъолияти истеҳсолии иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Чунин иттиҳодияҳо имконият доранд, ки бо мақсади рушд ва густариши фаъолияти худ ширкатҳои нав таъсис диҳанд ё шарикии иловагии тиҷоратӣ ташкил кунанд.Тавре Т.В.Кашанина қайд менамояд: «дар ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ, дар тафовут аз иттифоқҳо, вазифаҳои асосӣ на намояндагӣ, балки истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошанд» [53, с. 233].

**Консернҳо** яке аз шаклҳои мураккабтарин ва калонмиқёси иттиҳодияи шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон нақши асосӣ доранд. Онҳо сохторҳои бузурги тиҷоратӣ мебошанд, ки таҳти роҳбарии худ ширкатҳои зиёдеро муттаҳид месозанд ва аксар вақт дар соҳаҳои мухталиф фаъолият мекунанд. Ҳадафи асосии консернҳо ба даст овардани самараи синергетикӣ тавассути ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо, оптимизатсияи захираҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозор мебошад. Баръакси шаклҳои

одии ассотсиатсияҳо, аз қабили иттиҳодияҳо ё иттифоқҳо, ба консернҳо дараҷаи баланди мутамарказии идоракунӣ ва сохтори возеҳи иерархӣ хос мебошад.

Консернҳо бо сохтори мураккаби ташкилӣ, ки ширкати асосӣ (холдинг) ва бисёр ширкатҳои фаръиро дар бар мегирад, фарқ мекунанд. Ширкати асосӣ идоракунии стратегиро амалӣ намуда, самтҳои асосии рушдро муайян ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни консернро назорат мекунад. Ширкатҳои фаръӣ дар навбати худ дар идоракунии оперативӣ дараҷаи муайяни мустақилиятро нигоҳ медоранд, вале вазифадоранд стратегияи умумии таҳиякардаи холдингро риоя кунанд. Хусусияти муҳимми консернҳо доштани қобилияти диверсификатсияи хатарҳо тавассути кор дар соҳаҳои гуногун мебошад. Масалан, консерн метавонад ҳамзамон ба истеҳсоли мошинҳо ба таҳияи нармафзор ва истихроҷи маъдан машғул бошад. Ин имкон медиҳад, ки талафот ҳангоми буҳрон дар яке аз соҳаҳо кам, устувории нишондиҳандаҳои молиявӣ бошад, таъмин карда шавад. Идоракунии консернҳо сатҳи баланди касбӣ ва ҳамоҳангиро талаб мекунад. Консернҳои ҳозиразамон, масалан, Siemens AG, Volkswagen аз рӯйи принсипи диверсификатсия кор мекунанд, вақте ки ба як консерн корхонаҳое дохил мешаванд, ки дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт машғуланд [112, с. 118].

Айни замон, консернҳо бо мақсади муттаҳид сохтани кӯшишҳо барои дарёфти фармоишҳо ва иҷрои муштараки онҳо таъсис дода мешаванд. Ин гуна ҳамкорӣ бо бастани шартномаи махсус ба расмият дароварда мешавад.

Картелҳо бошанд, як шакли иттиҳодияи шартномавии озоди шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳадафи асосии онҳо ба даст овардани фоидаи муштарак тавассути маҳдуд ё танзим кардани рақобат миёни аъзоёни худ ва коҳиш додани фишори рақобати беруна мебошад.

Сарфи назар аз манфиатҳои эҳтимолӣ барои иштирокчиён, картелҳо аксар вақт ҳамчун падидаи манфӣ ҳисобида мешаванд, зеро онҳо принсипҳои бозори озодро вайрон мекунанд, интихоби истеъмолкунандагонро маҳдуд менамоянд ва метавонанд боиси ба таври сунъӣ баланд шудани нархҳо

шаванд. Дар бисёр кишварҳо таъсиси картелҳо тибқи қонунҳои зиддиинҳисорӣ мамнуъ мебошад. «Бо вуҷуди он, картелҳо дар шаклҳои гуногун вуҷуд доранд ва шакли муосири онҳо гурӯҳои молиявӣ-саноатӣ мебошанд, ки баҳри пешгирии монополизатсияи бозор таъсис дода мешаванд» [131, с. 99].

Трестҳо як шакли иттиҳодияе мебошанд, ки дар он якчанд ширкатҳо мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии худро комилан аз даст дода, тамоми дороиҳо ва идоракуниро ба як мақоми ягона месупоранд. Баръакси дигар шаклҳои ассотсиатсияҳо, ба мисли картелҳо ё синдикатҳо, трестҳо муттаҳидшавии пурраи иштирокчиёнро дар бар мегиранд, ки ин барои идоракунии мутамаркази равандҳои истеҳсолӣ, тақсимоти захираҳо ва маркетинги маҳсулот имкон медиҳад. Ин сохтор сатҳи баланди назорат ва ҳамоҳангиро таъмин намуда ба баланд шудани самаранокӣ ва рақобатпазирӣ дар бозор мусоидат мекунад. Аммо трестҳо аксар вақт барои ба вучуд омадани монополияҳое, ки ракобатро махдуд, нархро муайян намуда, шароити истеъмолкунандагонро бадтар карда метавонанд, боис мегарданд. Вобаста ба ин, дар бисёр кишварҳо фаъолияти трестҳо бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ танзим карда мешавад, ки баҳри нигоҳ доштани муҳити солими рақобат нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, трестҳо як ҷузъи муҳимми таърихи иқтисодӣ боқӣ мемонанд ва ба моделҳои муосири тиҷорат таъсир мерасонанд, алахусус дар соҳаҳои сармояталаб, ки миқёси калонро талаб мекунанд. [124, с. 200].

**Ширкати холдингӣ** як шакли иттиҳодест, ки дар он як ё якчанд шахсони ҳуқуқӣ (одатан корпоратсияҳо ё ширкатҳо) ё дороиҳои дигарро назорат ва идора мекунанд. Он метавонад баҳри идоракунии филиал ё дигар намуди дороиҳо, аз ҷумла молиявӣ, истеҳсолӣ ё тиҷоратӣ таъсис дода шавад. Ҳадафи асосии ширкати холдингӣ аксар вақт оптимизатсияи идоракунии дороиҳо ва тақсимоти хавфҳо мебошад. Фаъолияти самарабахши сохторҳои холдингӣ системаи муфассали идоракуниро, аз ҷумла муайян кардани зинанизоми, ҷудокунии салоҳиятҳо байни сатҳҳои идоракунӣ ва

механизмҳои шаффофи ҳамкории байни иштирокчиёнро талаб мекунад. Чунин ташкилот шарти муҳимтарини ҳифзи манфиатҳои ҳамаи субъектҳои хоҷагӣ мебошад. Унсури асосии ин система раванди дурусти қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки мавҷудияти як маркази ягонаи идоракунии стратегиро бо нигоҳ доштани чандирии назорати оперативӣ аз болои ширкатҳои фаръӣ пешбинӣ мекунад.

Истилоҳи «холдинг» калимаи англисии «Hold» буда, маънои «дар бар гирифтан»-ро дорад [139, с. 101]. Мафҳуми «холдинг» дар қонунгузории миллӣ ҷой надорад. Чунин ташкилот шахси ҳуқуқӣ эътироф гардида, ҳуқуқ дорад қарори қабулкардаи ҷамъияти фаръиро муайян намояд. Тибқи Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «ҷамъияти холдингии ташкилоти қарзӣ – шахси ҳуқуқие мебошад, ки ташкилоти қарзӣ ба ӯ тааллуқ дорад ё аз ҷониби ӯ назорат карда мешавад» [26]. Холдингҳо метавонанд дар ҷараёни хусусигардонии корхонаи давлатӣ, азнавташкилкунӣ, дар асоси шартнома ё дигар асосҳо ба вуҷуд оянд [155].

Ширкати холдингӣ ташкилоте мебошад, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба таркиби сармояи он саҳмияҳои дигар корхонаҳо дохил мешаванд. Корхонаҳое, ки саҳмияҳои назоратии онҳо як қисми дороиҳои ширкати холдингӣ мебошанд, минбаъд «ширкатҳои фаръӣ» номида мешаванд [111, с. 19-28]. Вазифаи асосии ширкати холдингӣ идоракунии самараноки корхонаҳои тобеи он мебошад.

Ташкили холдинг ба ҳамбастагии корхонаҳои вобаста ва татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи сармоягузорӣ ва фурӯш мусоидат мекунад. Сохтори холдинг имкон медиҳад, ки ба тобеонаш таъсири мақсаднок расонида шавад. Дар баробари ин, намудҳои гуногуни таъмини алоқаи байни ширкати идоракунанда ва объекти идорашаванда (тобеъ) мавҷуд мебошанд. Вариантҳои имконпазири ин пайвастшавӣ тавассути ба даст овардани ҳуқуқи воқеӣ ва ҳатмӣ нисбат ба объекти идорашаванда амалӣ карда мешаванд.

Холдинг ҳамчун иттиҳодияи тиҷоратӣ, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дорад.

Ҷиҳатҳои мусбати холдинг инҳо мебошанд:

– ширкати холдингӣ метавонад тавассути муттаҳид кардани захираҳо, харидорӣ ва тақсими иқтидори истеҳсолӣ байни ширкатҳои худ, сарфаи назаррас ба даст орад.

– дар якҷоягӣ бо соҳиби якчанд ширкатҳо дар соҳаҳои гуногун, як ширкати холдингӣ метавонад хатарҳои марбут ба тағирёбии шароити бозорро дар ҳама гуна соҳаи мушаххас коҳиш диҳад.

– идоракунии як гурӯҳи ширкатҳо тавассути як ширкати холдингӣ, метавонад ба самаранокии бештар дар идоракунӣ, стандартизатсия ва оптимизатсияи равандҳои тиҷорат оварда расонад.

– холдинг метавонад барои маблағгузории амалиёти худ аз воситаҳои гуногуни молиявӣ, аз қабили қарзҳо истифода барад ва инчунин метавонад бо роҳи беҳсозии сохтори худ уҳдадориҳои андозро кам кунад.

– агар холдинг дороиҳо ва ширкатҳои худро дуруст идора кунад, ин метавонад боиси афзоиши арзиши саҳмияҳо ва дар натиҷа афзоиши сармоя гардад.

Ҷиҳатҳои манфии холдинг бошад, чунинанд:

– идоракунии миқдори зиёди ширкатҳо метавонад мураккаб бошад ва ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати молиявӣ захираҳои назаррасро талаб кунад;

– ширкатҳои гуногун дар дохили як ширкати холдингӣ метавонанд стратегияҳо ва ҳадафҳои гуногун дошта бошанд, ки ин метавонад ҳамоҳангсозии амалҳои онҳоро душвор гардонанд ва бархӯрди манфиатҳоро эҷод кунад;

– афзоиши тадриҷии миқдори ширкатҳо дар як ширкати холдингӣ, метавонад боиси аз даст додани саҳмдорони аслӣ аз болои ширкати ҳолдингӣ ва филиалҳои он гардад.

– агар яке аз ширкатҳои холдинг ба мушкилот дучор шавад, ин метавонад ба эътибори тамоми холдинг ва ширкатҳои дигари он таъсири манфӣ расонад.

– ширкатҳои фаръӣ метавонанд дар фаъолияти худ бинобар қоидаҳо ва сиёсатҳои муқаррарнамудаи ширкати холдингӣ, ба маҳдудиятҳо дучор шаванд.

Ба ҷиҳатҳои манфӣ, инчунин сохтори мураккаби идоракунӣ, майли суиистифода намудан аз функсияҳои назорату идоракунӣ, аз ҳисоби корхонаҳои фоидаовар нигоҳ доштани корхонаҳои зарраровар, ғайриимкон будани аниқ муайян намудани тақсимоти маблағ байни корхонаҳо дохил мешаванд [133, с. 199].

Холдингҳо имкон медиҳанд, ки қисми зиёди сектори корпоративиро назорат кунанд, ки ин боиси монополизатсияи иқтисодиёт ва ба вуҷуд омадани кланҳои олигархӣ мегардад. Илова бар ин, холдингҳо ба қадри кофӣ самаранок нестанд ва ин имкон намедиҳад, ки захираҳо нисбат ба он, ки дар бозори озоди молиявӣ ҷой дорад, беҳтар тақсим карда шаванд.

Сохтори идоракунии холдингро ба таври зерин ифода кардан мумкин аст:

– идоракунӣ тавассути татбиқи ҳуқуқҳои бо саҳмияҳои коллективӣ идорашаванда додашуда;

– идоракунӣ бо роҳи ба даст овардани вазифаҳои мақомоти ягонаи иҷроияи коллективӣ идорашаванда;

– идоракунии корхонае, ки ба сифати маҷмааи молу мулк гирифта шудааст.

Одатан, сохторҳои холдингӣ аз субъектҳои хоҷагидории ҳуқуқӣ иборатанд, ки бинобар маҳдудиятҳои зиддииинҳисорӣ ва хоҳиши ҷудо кардани гардиши молӣ бо мақсади кам кардани андозбандӣ, ба ҳам алоқаманд нестанд. Аз ин ҷост, ки бесамар будани идоракунӣ, инчунин душвориҳои ҷалби сармоя ба холдинг ва робитаи ҳуқуқии ҳамаи пайвандҳои онро исбот кардан ғайриимкон аст.

Гурӯҳи молиявию саноатӣ чунин иттиҳодияи корхонаҳо, бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ ва дигар ташкилотҳоест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии иқтисодӣ якҷоя кор мекунанд [172, с. 13]. Хусусияти

асосии гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, ҳамгироии сармояи молиявӣ ва саноатӣ мебошад, ки барои тақсимоти самараноки захираҳо, кам кардани хатарҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии иштирокчиёни бозор имконият медиҳад. Дар доираи чунин гурӯҳ, корхонаҳои саноатӣ ба маблағгузорӣ, сармоягузории зарурӣ ва технологияҳои муосир ва муассисаҳои молиявӣ бошанд, ба манбаъҳои устувори даромад ва самтҳои нави сармоягузорӣ дастрасӣ пайдо мекунанд. Дар маҷмуъ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ як воситаи тавонои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани устувории тиҷорат дар шароити рақобати ҷаҳонӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки иттиҳодҳои калонтарини молиявию саноатӣ дар асоси созиши якчанд оила ё гурӯҳ дар охири асри XIX ва аввали асри XX арзи вуҷуд намудаанд. Дар аввали солҳои 90 асри XX дар ИМА 30 гурӯҳ, дар Британияи Кабир ва Фаронса 10 гурӯҳ ва дар Ҷопон 7 гурӯҳи молиявӣ фаъолият мекарданд. Соли 2011 олимони Институти федералии Сюрих 43000 ширкати фаромиллиро мавриди таҳқиқот қарор доданд. Дар натиҷа маълум шуд, ки ҳамагӣ 147 нафар олигарх 60 дарсади маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро дар даст доранд. Фақат дар қисмати куҳнаи шаҳри Женева, ки дар он ҷо бонкҳои қадимтарини дунё ҷойгиранд, 4,4 трлн доллар ё 3 дарсади пулҳои ҷаҳон дар амонат ва гардиш мебошанд [180].

Тибқи Низомнома дар бораи гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ва тартиби таъсиси онҳо, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 21 октябри соли 1997 № 467 тасдиқ шудааст [10], гурӯҳи молиявию саноатӣ, гурӯҳи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои молиявию қарзӣ ва фондҳои сармоягузорие эътироф мешавад, ки тибки Низомномаи мазкур ба қайд гирифта шудаанд ва дар асоси якҷоякунии сармояи иштирокчиёни он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ, таъсис ва рушди робитаҳои технологӣ ва кооперативӣ, ба даст овардани фоида, таҳия ва татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои марбут ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсис дода мешаванд. Гурӯҳи молиявию саноатӣ бо мақсади муттаҳид намудани

захираҳои моддию молиявии аъзоёнаш ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии истеҳсолот, ба вуҷуд овардани робитаҳои оқилонаи технологӣ ва кооперативӣ, афзун намудани иқтидори содиротии давлат, рушди илмию техникӣ, зиёд намудани иқтидори кории корхонаҳо ва ҷалби сармоя ташкил карда мешавад.

Ҳангоми таҳлили ин масъала байни иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва ассотсиатсияи соҳибкорон фарқияти дақиқ гузоштан муҳим аст. Охирин иттиҳоди ихтиёрии ду ё зиёда субъектҳои хоҷагидорӣ (аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо) мебошад, ки барои ҳифзи манфиатҳои коллективӣ, ҳамоҳангсозии амалҳо ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак таъсис дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимми иттиҳодияҳои соҳибкорон ҳимояи манфиатҳои аъзои ассотсиатсия ва фароҳам овардани шароити бештар мусоид барои рушди соҳибкории онҳо мебошад. Аз тарафи дигар, ин ташкилотҳо дар баробари ҷаҳду талош барои беҳтар намудани шароити тиҷоратии аъзоёни худ, ҳамчун «ҳимоятгари» манфиатҳои тамоми иттиҳод, ба андозае баромад карда метавонанд, ки ин манфиатҳо ба беҳтар намудани вазъи умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқлими иқтисодӣ дар як кишвар алоқаманд бошанд. Сиёсатмадорон ва тоҷирон дар саросари ҷаҳон тадриҷан ба хулосае омадаанд, ки амалияи тиҷорати софдилона барои ҳама – аз саҳмдорон то истеъмолкунандагон фоида меорад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқие, ки дар шакли ассотсиатсия (иттифоқ) таъсис ёфтаанд, субъектҳои мустақили фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намегарданд, яъне онҳо наметавонанд фаъолияти мустақилонаи тиҷоратӣ анҷом диҳанд. Аз ин рӯ, аз гурӯҳи иттиҳодияҳои хоҷагидоре, ки ба фаъолияти тиҷоратиашон иҷозат дода шудааст, ассотсиатсияҳоеро, ки тибқи шартномаи шарикии одӣ таъсис дода шудаанд, хориҷ кардан лозим аст.

Ҳамзамон, асотсиатсия метавонад фаъолияти соҳибкориро ба шарте анҷом диҳанд, ки агар чунин фаъолият ба мақсадҳои таъсис доданашон мувофиқат кунад.

Пешбурди фаъолияти соҳибкории иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ду ҳолат маҳдуд мегардад [126]:

– аввалан, агар даромад барои мақсадҳои ғайриоинномавии он сарфа шавад;

– дуюм, агар даромад ба мақсадҳои оинномавии иттиҳодия мувофиқ набошад ва самти фаъолияти он берун аз вазифаи оинномавӣ бошад.

Даромад байни аъзо ё иштирокчиёни ассотсиатсия тақсим намешавад. Аммо ҳуқуқҳои амалан бемаҳдуди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба он мусоидат мекунад, ки фоидаи воқеан бадастоварда аз ҷониби муассисон аз худ карда мешавад, ки онҳо имкони қонунан тақсим намудани онро надоранд [117, с. 54]. Аксар вақт даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ ба музди меҳнати кормандон, пардохти ҳаққи хидматрасонии ширкатҳои якрӯза равона карда мешавад, на ба мақсадҳои фоиданоки ҷамъиятие, ки баҳри онҳо ташкилоти ғайритиҷоратӣ таъсис дода шудааст.

Ба иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ иҷозат додани фаъолияти соҳибкорӣ баҳри ноил шудан ба ҳадафҳое, ки барои онҳо таъсис ёфтаанд, боиси вайрон шудани баробарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-мадании мегардад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқии расмӣ, дағалона риоя накардани чунин муқаррарот, принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои маданиро, ки дар қисми 1 моддаи 1, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, вайрон мекунад. Масъалаи танзими ҳуқуқӣ-мадании вазъи ҳуқуқии шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ва дигар шахсони ғайрисоҳибкор норавшан боқӣ мемонад [117, с. 54]. Дар натиҷа, ба муомилоти тиҷоратӣ шахсоне ворид мешаванд, ки на таҷрибаи касбӣ ва на захираҳои лозим барои пешбурди фаъолияти соҳибкориро доранд ва на молу

мулкеро, ки манфиатҳои кредиторонро таъмин намояд. Ин ҳолат хавфҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба миён оварда, метавонад ба оқибатҳои ногувори молиявӣ ва ҷамъиятӣ оварда расонад.

Илова бар ин, таҳлили назариявию амалии вазъияти ба иттиҳодҳои тиҷоратӣ вобаста, имкон медиҳад қайд намоем, ки дар ҳакикат мутаносибан ду намуди фаъолият ба вуҷуд омадааст. Яке барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ бо тамоми маҷмуи хусусиятҳои дар м. 2 Кодекси мадании ҶТ пешбинӣ гардида ва дигар, барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. Ақидаи мазкур аз он иборат аст, ки «қонунгузорӣ имкони пешбурди фаъолияти соҳибкориро бо мақсадҳои дигар, яъне ба ғайр аз гирифтани фоида муқаррар кардааст» [123, с. 34].

Дар асоси таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ, ки мазмун ва ҳадди фаъолияти соҳибкории иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратиро муқаррар менамоянд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин масъала дар сатҳи ҳуқуқӣ ба таври пурра равшан нагардида, боиси ихтилофот шудааст [126, с. 27-30]. Барои ҳалли он тафовути байни шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро ба инобат гирифтан зарур аст.

Ба андешаи мо, суръати пасти инкишофи қонунгузорӣ, инчунин мавҷуд набудани таҳаввулоти зарурии консептуалию назариявӣ ва лоиҳаҳои қонунгузории дахлдор, метавонад дар соҳаи танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оқибатҳои ҷиддии манфиро ба бор орад. Ин махсусан ба масъалаҳои ташкил ва ҷорӣ намудани механизмҳои нави амалӣ гардондани ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ тааллуқ дорад. Дар чунин шароит, роҳи асосии ҳал метавонад муттаҳид кардани сармоя, иқтидори иқтисодӣ ва захираҳои идоракунӣ дар сохтори ягонаи корпоративӣ бошад. Ин имкон медиҳад, ки амалиёти шахсони ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд ҳамоҳанг карда, ба ҳадафҳои тиҷоратӣ самаранок ноил гарданд. Истифодаи механизмҳои ҳуқуқии якҷоянамоии сармоя, иқтидори иқтисодӣ ва идоракунӣ барои мақсадҳои соҳибкорӣ, ба даст овардани иқтидори нави ҳуқуқӣ (имкониятҳо) аз ҷониби ташкилоти асосӣ ба вуҷуд меорад.

Ин пеш аз ҳама дар зиёд шудани доираи қобилияти ҳуқуқии чунин чунин шахсони ҳуқуқӣ ифода меёбад. Имкониятҳои ҳуқуқии онҳо аз ҳисоби дохил намудани вазифаҳо ва ваколатҳои ташкилотҳои тиҷоратие, ки дар асоси шартнома ё мувофиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба ассотсиатсияи тиҷоратӣ муттаҳид шудаанд, васеъ мегардад.

Ташкилоти асосӣ на танҳо ба манфиати худ, инчунин ба манфиати бегона низ амал мекунад. Васеъ гардидани имкониятҳои ҳуқуқии субъект на танҳо бо амали худ, балки тавассути таъсир расонидан ба ҳуқуқҳои субъективии шахсони дигар низ ба даст меояд. Чунин муносибат барои пурратар амалӣ шудани қобилияти ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, зеро он имкон медиҳад, ки тавассути ҳамкорӣ бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ аз доираи маҳдудиятҳои инфиродии ҳуқуқӣ берун равад. Дар баробари ин, хусусиятҳои сохторҳои ҳуқуқӣ, вазифаҳои ташкилоти асосӣ, асосҳои иҷрои амалҳои ташкилкунандаи ҳуқуқӣ, механизмҳои ташаккули ирода ва ифодаи ирода хусусияти хоси аслии ҳуқуқии ин ташкилотро доранд. Онҳоро ҳамчун муносибатҳои вобаста ба идоракунии ба боварӣ асосёфта тасниф кардан мумкин нест, чунки онҳо на танҳо аз шартнома, балки аз қонун ба вуҷуд омада метавонанд. Инчунин онҳоро ҳамчун муносибатҳо вобаста ба пешбурди фаъолияти умумӣ низ (масалан, шарикии одӣ) тасниф кардан мумкин нест, зеро принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки барои иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷорати шартномавӣ хос аст, татбиқ намегардад,

Тавре қайд намудем, аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ дар айни замон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ду шакли муттаҳид намудани сармоя ва иқтидори идоракуниро барои мақсадҳои соҳибкорӣ муқаррар мекунад: холдингҳо ва гурӯҳҳои молиявию саноатӣ. Дар баробари ин, эҳтиёҷоти иқтисодии муосир зарурати таъсиси иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ бо дигар вазифаҳо ва таъминоти дахлдори ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Қобилияти ҳуқуқдории соҳибкории худи ташкилотҳои вобаста умумӣ набуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ташкилоти асосӣ танзим карда

мешавад. Ба ин мазмун, дохил шудан ё дохил намудани ташкилоти тиҷоратӣ ба гурӯҳи холдинг ё гурӯҳи молиявию саноатӣ ногузир сабаби маҳдуд гардидани қобилияти ҳуқуқдории он дар давраи дохил шудан ба иттиҳоди мазкур мегардад.

Холигии ошкоро дар қонунгузории танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, мавҷуд набудани механизмҳои муайян кардани «миллат»-и ташкилоти асосӣ мебошад. Ин масъалаи муқаррар намудани ҳудуди татбиқи қобилияти умумии ҳуқуқии ҳам худи ташкилоти асосӣ ва ҳам ташкилотҳои тобеъро ба миён меорад. Масъалаи муқаррар намудани ҷойи ҳуқуқҳои субъективии «умумӣ (тақсимнашаванда)», ки аз тарафи ташкилоти асосӣ ба манфиати тамоми иштирокчиёни иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ба даст оварда ё амалӣ мегардад, ба миён меояд.

Норасоиҳо ва мухолифатҳо дар танзими ҳуқуқӣ барои суйистифода аз ҷониби субъектҳои соҳибкории беинсоф шароит фароҳам меоранд, ки дар саркашӣ аз пардохти андоз ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо зоҳир мешаванд. Баҳри муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб таҳия намудани меъёрҳои дақиқи маҳдуд кардани ваколатҳои иштирокчиёни субъектҳои соҳибкорӣ, муқаррар намудани он ки доираи татбиқи ҳуқуқҳои коллективӣ дар маҳали бақайдгирии ҷамъияти асосӣ, ки дороиҳои умумиро идора карда, фаъолияти тамоми гурӯҳи корпоративиро ҳамоҳанг месозад, ҷамъ оварда мешавад, ба мақсад мувофиқ аст. Аз ин рӯ, бояд «миллати» тамоми ташкилотҳои тиҷоратие, ки ширкати асосӣ ба манфиатҳои онҳо амал мекунад, муайян карда шавад. Ин хулоса бо мавҷудияти механизми расонидани таъсири назаррас аз ҷониби ташкилоти асосӣ ба шахсони ҳуқуқии тобеъ тавассути амалҳое, ки тартиби пешбурди фаъолияти муштарак ва тақсимоти масъулиятро аз рӯйи уҳдадориҳои умумӣ муайян мекунанд, асоснок мегардад.

Муттаҳид намудани сармоя ва иқтидори идоракунӣ аз ҷониби иттиҳодҳои тиҷоратии вобаста, инчунин тамаркузи онҳо дар ташкилоти асосӣ, қобилияти деликтии онҳоро қатъ намекунад. Иштирокчиёни

ассотсиатсия аз рӯйи уҳдадориҳои худ дар назди шахсони сеюм, ки ба низоми идоракунии корпоративӣ ҷалб нашудаанд, тавассути ширкати асосӣ масъулияти амволро нигоҳ медоранд. Ин механизми ҳуқуқӣ ҳимояи манфиатҳои шахсони сеюм, нигоҳ доштани мувозинати байни мустақилияти иштирокчиёни субъекти хоҷагидорӣ ва устувории муомилоти маданиро таъмин менамояд.

Муттаҳидшавии институтсионалии сармоя ва захираҳои истеҳсолӣ тавассути иштирок дар сохторҳои холдингҳо ва гурӯҳҳои молиявию саноатӣ намуди мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро ба вуҷуд меорад. Дар ин низом ҷамъияти асосӣ дар доираи ваколатҳои ба он додашуда амал карда, на танҳо ба манфиати худ, балки ба манфиати ҳамаи иштирокчиёни иттиҳодия вазифахои идоракуниро ба амал мебарорад. Ҳамзамон, вай ваколати муайян кардани вектори татбиқи қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳои вобастаро пайдо мекунад, ки системаи идоракунии мутамаркази корпоративиро ба вуҷуд меорад. Ин фаъолияти намояндагӣ ё комиссионӣ намебошад.

Қонунгузор ташкилотҳои тиҷоратиро уҳдадор менамояд, ки якҷоя амал намоянд ва барои уҳдадориҳои маҷмуӣ масъулияти муштарак дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои ташкили муносибатҳои иерархӣ байни ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки дар шакли ширкати холдингӣ ё гурӯҳи саноатии молиявӣ муттаҳид мекунанд, уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқии вобастаро оид ба иҷрои амалҳое, ки аз ҷониби ташкилоти асосӣ вобаста карда мешавад, ба вуҷуд меорад. Тибқи чунин модели идоракунии корпоративӣ, ширкатҳои вобаста ба хатарҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ба таври назаррас бад шудани вазъи молиявии онҳо ва таҳдиди муфлисшавӣ аз сабаби зарурати риояи дастурҳои ҳатмии иштирокчии назоратӣ дучор меоянд.

Дар робита ба ин, зарур аст, ки бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ ба таври қонунӣ муқаррар намудани принсипи масъулияти субсидиарии шахси назораткунанда аз рӯйи уҳдадориҳои қарзии ташкилотҳои вобаста ба мақсад мувофиқ аст. Ин тадбир

махсусан дар ҳолатҳое муҳим мегардад, ки ихтиёрдории нодурусти дороиҳои якҷоя сабаби оғоз намудани парвандаи муфлисшавӣ нисбати як ё якчанд субъектҳои гурӯҳи корпоративӣ мегардад. Дар баробари ин вазъияти дигаре низ имконпазир аст, ки ташкилоти асосӣ аз доираи тавакали оқилонаи тиҷоратӣ ба манфиати умумии тамоми аъзоёни иттифоқ берун баромада, уҳдадор гардид, ки масъулияти молумулкиро ба зимма гирад.

Ба андешаи мо, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррароте ворид карда шавад, ки тибқи он аъзоёни иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ барои амалҳои беасоси ташкилоти асосӣ бо молу мулки худ, ки барои мақсадҳои умумӣ муттаҳид карда нашудаанд, танҳо дар ҳолате ҷавобгар мебошанд, ки молу мулки ширкати асосӣ барои пӯшондани қарзҳо нокифоя бошад. Татбиқи масъулияти субсидиарӣ нисбат ба ғайрифаъоли қарздорон мутаносибан ба саҳмҳои молумулкии онҳо ба сармояи оинномавӣ амалӣ карда мешавад. Чунин механизми тақсимоти уҳдадориҳо муайян кардани андозаи масъулияти ҳар як аъзои ширкатро вобаста ба андозаи ҳиссаи ӯ дар моликияти муштарак пешбинӣ мекунад.

Аксар вақт маҷмуи сармоя ва иқтидори идоракунии ташкилотҳои тиҷоратӣ хусусияти ғайришартномавӣ дошта, дар асоси дигар факти ҳуқуқии пешбининамудаи қонун ба вуҷуд меояд.

Дар асоси шартнома таъсис додани ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ хеле кам ба назар мерасад. Аммо мавҷудияти шароитҳои ҳатмӣ, ки боиси вобастагии иқтисодии чунин ташкилотҳо аз ширкати асосӣ мегарданд, метавонад барои суиистифодаи назаррас аз қудрат ва захираҳои он, инчунин вайрон кардани талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ гардад.

Муносибатҳои иерархии мураккаби ташкилии байни иштирокчиёни иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ба номуайянӣ дар муайянсозии дақиқи мақоми ҳуқуқии аъзои онҳо сабаб мегарданд. Илова бар ин, қонунгузорӣ дорои зиддиятҳо ва нофаҳмиҳои меъёрие мебошад, ки метавонанд ба таъбири гуногуни муқаррарот ва татбиқи ноустувори онҳо оварда расонад.

Ғайр аз ин дар қонунгузорӣ ин масъала ба таври бояду шояд танзим

нагардидааст ва новобаста аз мавҷудияти чунин иттиҳодҳо, мавзуи ҳуқуқии онҳо номуайян боқӣ мемонад.

Бинобар ин, қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурӯҳҳои молиявӣ ва саноатӣ»-ро мувофиқи мақсад медонем.

Омилҳои асосии қабули қонуни мазкур инҳоянд:

1). Гурӯҳҳои молиявию саноатӣ захираҳои назарраси молиявӣ ва истеҳсолиро ғун мекунанд, ки ин метавонад ба бартарии бозор оварда расонад. Қонунгузорӣ дар бораи гурӯҳҳои саноатии молиявӣ метавонад ба пурзӯр намудани назорати рафтори монополистии онҳо мусоидат намояд.

2). Танзим ба пурзӯр намудани ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва сармоягузорон ба сиёсати нархгузории монополистӣ мусоидат мекунад.

3). Маҳдуд кардани бартарияти гурӯҳҳои саноатии молиявӣ метавонад рақобатро дар бозор афзоиш диҳад, ки ин дар навбати худ метавонад навовариҳоро ҳавасманд кунад ва сифати маҳсулотро беҳтар созад.

4). Чунин қонун метавонад муқаррароте дошта бошад, ки ба пешгирии бухронҳои молиявии марбут ба фаъолияти чунин гурӯҳҳо ва таъмини суботи молиявӣ дар иқтисодиёт нигаронида шуда бошанд;

5). Танзими қонунӣ метавонад талабот оид ба гузоришдиҳӣ ва шаффофияти фаъолияти онҳоро дар бар гирад, ки ин ба идоракунии хавфҳо мусоидат мекунад ва эътимоди сармоягузорон ва ҷомеаро дар маҷмуъ баланд мебардорад. Ин ва дигар ҷиҳатҳоро метавон ба қонунгузорӣ дар бораи гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ворид кард, то фаъолияти устувор ва самараноки иқтисодиёт таъмин карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки ширкати асосии дар асоси шартнома таъсисёфта метавонад ташкилоти тиҷоратӣ бошад ва ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро дошта бошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки табиати ҳуқуқии онҳо ба муносибатҳои идоракунии корпоративӣ монанд мебошад.

Ҳамин тавр, қайд намудан мумкин аст, ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти аъзои гурӯҳи корпоративӣ тартиби ягонаи қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон татбиқ карда мешавад, ки механизми шабеҳи ҳамкорӣ

бо шахси назораткунанда оид ба масъалаҳои пардохти уҳдадориҳои иҷронашударо пешбинӣ менамояд. Ин равиш муттасилии ҳуқуқӣ ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Аз ҷумла, ташкили комиссия барои қатъи фаъолият, таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷат дар бораи анҷоми кор, вале бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои фаъолияти иттиҳодияи тиҷоратӣ. Ин равиш мутобиқсозии равандҳои барҳамдиҳии стандартиро ба шароити ягонаи фаъолияти муштараки иқтисодӣ, кам кардани хатарҳои мунокишаҳои ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

Қонунгузории амалкунанда, ки тартиби қатъи фаъолияти иттиҳоди тиҷоратиро танзим менамояд, имкон медиҳад, ки чунин фаъолияти ассотсиатсия бо нигоҳ доштани ташкилотҳои тиҷоратие, ки ба ҳайати он дохиланд, катъ карда шавад.

Шакли дигари иттиҳоди соҳибкорон ширкати одӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи моддаи 1058 Кодекси маданӣ, «ширкати одӣ иттиҳоди ду ё зиёда шахсоне мебошад, ки уҳдадор мегарданд ҳиссаҳои худро муттаҳид намуда, якҷоя, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, амал кунанд» [7]. Иштирокчиёни он соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки ихтиёран дар асоси шартнома фаъолияти худро ба роҳ мемонанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – тиҷоратӣ яке аз шаклҳои камшумори ташкилотҳо дар Тоҷикистон мебошанд, ки нисбат ба онҳо ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст. Тибқи м. 11 Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» «онҳо ҳуқуқ доранд «иттифоқи (ассотсиатсияи, шурои) иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъсис диҳанд. Ба чунин иттифоқҳо (ассотсиатсияҳо, шуроҳо) шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ ҳуқуқи шомил шудан доранд» [17]. Мақсади ассотсиатсия (иттифоқ) дар м. 129 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда

шудааст, ки барои «намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла манфиатҳои касбӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ, инчунин дигар мақсадҳое, ки хилофи қонун нестанд ва хусусияти ғайритиҷоратӣ доранд, таъсис дода шудааст» [7].

Ба ақидаи баъзе олимони ҳуқуқшинос, барои иттиҳодҳои тиҷоратӣ танҳо имкони ҷойгир кардани захираҳои молиявии худро дар ташкилотҳои қарзӣ, дар коғазҳои қиматнок, ба иҷора додани молу мулк ё истифоданашуда нигоҳ доштан лозим аст, зеро чунин фаъолият аслан соҳибкорӣ нест, инчунин таъсиси шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ба онҳо вогузор намудани пешбурди фаъолияти соҳибкориро ҳангоми зарурат [119, с. 8]. Аммо ин гуна муносибат ба баъзеи онҳо имкон намедиҳад, ки вазифаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ фоиданоки худро иҷро намоянд. Баъзе муаллифон барои ҳар як шакли иттиҳоди тиҷоратӣ зарур мешуморанд, ки дар сатҳи қонунҳо ё дигар санадҳои меъёрӣ рӯйхати тахминии намудҳои иҷозатдодаи фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар карда шавад [162, с. 15].

Муаллифони дигар, баръакс, тартиб додани чунин номгӯйро бемаънӣ мешуморанд, зеро самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла самтҳои фаъолияти иттиҳодҳоро танҳо муносибатҳои бозорӣ муайян мекунанд ва набояд онро қонун маҳдуд созад. Онҳо роҳи ҳалли масъаларо дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дохил кардани номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебинанд, ки иттиҳодияи ҳуқуқӣ машғул шудан ба онҳоро надорад [87, с. 38] ва ё баръакс, нишон додани соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки ҳуқуқ дорад анҷом диҳад [58, с.178].

Ба андешаи мо, ба ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо бояд ваколати пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дода шавад. Ин хулоса бо он асоснок карда мешавад, ки ассотсиатсия (иттифоқҳо) ташкилотҳое мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории аъзои онҳо нигаронида шудааст, яъне қонунгузорӣ муносибати ассотсиатсияҳоро (иттифоқҳоро) ба фаъолияти соҳибкорӣ бевосита пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки ба қисми 1, моддаи 129 Кодекси мадании ҶТ иловаи зерин

ворид карда шавад: «Ассотсисатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба мақсадҳои ассотсиатсия (иттифоқ) таъсисдодашуда мувофиқ аст, машғул шавад».

Ташкилотҳои тиҷоратӣ ассотсиатсия ташкил карда, бо ҳамин ба он фаъолияти соҳибкориро дар шакли ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории худ, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молу мулкии аъзоёни ассотсиатсия вогузор мекунанд. Чунин иттиҳодия бояд дар шакли ҷамъияти хоҷагидорӣ ё ширкат бо салоҳияти мақомоти идоракунӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайян шудааст, таъсис дода шавад.

Самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ бояд ба мақсадҳои таъсиси ин ташкилот мувофиқат кунанд ва дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинӣ карда шаванд. Аз ҷумла, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, зеро ин ба ҳадафҳои таъсиси онҳо мувофиқат мекунад [144, с. 43-55]. Ҳангоми муқаррар кардани ин қоида, қонунгузор то андозае таҷрибаи хориҷии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла созмонҳои хайриявиро, ба назар гирифтааст. Масалан, дар Британияи Кабир фаъолияти тиҷоратии созмони хайриявӣ, ки ба ҳадафҳои умумии судманди ин ҷамъият алоқаманд нест, наметавонад бештар аз 10% аз ҳаҷми умумии фаъолияти созмони хайриявӣ бошад. Илова бар ин, «созмони хайриявӣ ҳуқуқ надорад ба чунин тиҷорат бевосита машғул шавад: қонун талаб мекунад, ки бо ин мақсад он бояд такшилоти тиҷоратиро таъсис диҳад» [68, с. 95].

Номуайянии ҳуқуқии мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ», инчунин амалияи фаъолияти тиҷоратӣ дар Тоҷикистон, бо як мафҳуми умумӣ ифода намудани онҳоро, ки бояд – «Иттиҳодияи ғайритиҷоратии шахсони ҳуқуқӣ» номгузорӣ шавад, мувофиқи мақсад мегардонад. Ин сохторҳо шаклҳои мустақили ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, аз ҳамдигар тафовут надоранд. Зери мафҳуми «Иттиҳодияи ғайритиҷоратии шахсони ҳуқуқӣ», иттиҳодияи ихтиёрии ду ё зиёда ташкилоти ғайритиҷоратӣ бояд фаҳмида шавад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои барои ҷамъият муфид

таъсис дода шуда, аз ҷумла ба тавсеаи фаъолияти хайриявӣ, рушди илм, фарҳанг, инчунин ба муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мусоидат мекунад, талаботи маънавӣ ва дигар талаботи ғайримоддии ҷамъиятро қонеъ мегардонад».

Чунин иттиҳодияҳо метавонанд дар ҳалли баҳсҳо, расонидани кумаки ҳуқуқӣ ва дигар лоиҳаҳое, ки ба беҳтар кардани сифати зиндагӣ ва таҳкими арзишҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, машғул шаванд. Фаъолияти онҳо ҳамеша ба маҳсади расидан ба манфиати ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, на ба мақсади ба даст овардани фоида.

Ҳадафҳои иттиҳодия, инчунин метавонанд ҳифз намудани манфиатҳои тиҷоратии ҳар як субъекти соҳибкорӣ дар мақомоти давлатӣ ва маъмурӣ, иштирок дар таҳияи лоиҳаи қонунҳои ба манфиати ташкилотҳои аъзои ассотсиатсия дахлдошта бошанд.

Тибқи қ. 2. м. 129 Кодекси мадании ҶТ «агар бо қарори иштирокдорон ба зиммаи ассотсиатсия (иттифоқ) амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шавад, чунин ассотсиатсия (иттифоқ) бояд бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ба ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ, ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад ҷамъияти хоҷагӣ таъсис диҳад ё дар онҳо иштирок намояд» [7].

Аҳдҳое, ки иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ берун аз доираи қобилияти махсуси ҳуқуқиашон анҷом додаанд ва аҳдҳояшон, ки ба талаботи қонун мувофиқат намекунанд, беэътибор дониста мешаванд. Масъалаи ба қобилияти махсуси ҳуқуқдории он мувофиқ будани ахди анҷомдодаи ассотсиатсия (иттифоқ) аз тарафи суд аз рӯйи ҳар як парвандаи мушаххас ҳал карда мешавад. Дар ҳолате ки, агар ассотсиатсия (иттифоқ) мунтазам фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигареро анҷом диҳад, ки хилофи ҳадафҳои ойинномавии он аст, ташкилоти мазкур бояд барҳам дода шавад (м. 62 Кодекси мадании ҶТ).

Қонунгузор, дар баробари он ки ба ассотсиатсияҳо мақоми ташкилоти ғайритиҷоратӣ диҳад, ба онҳо аз номи худ машғул шудан бо фаъолияти

тиҷоратиро низ махсусан манъ кардааст. «Шояд ин аз он сабаб бошад, ки ташкилкунандагони ин сохтори ҳуқуқӣ вазифаи ин сохторро дар пеш бурдани кори байни аъзоёне, ки ба ин мақсад ҳисса гузоштаанд, беҳтар намоянд, на ин ки баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии дастгоҳи идоракунии мақоми иҷроияи он [120, с. 32-37].

Бар хилофи ташкилотҳои тиҷоратӣ, нисбат ба ассотсиатсияҳо, қонунгузор истилоҳҳои «сармояи оинномавӣ» ва «фонди оинномавӣ»-ро умуман татбиқ намекунад. Вобаста ба таркиб ва андозаягон талаботи ҳатмӣ муқаррар намекунанд. Бинобар ин, бо мақсади таъмини манфиатҳои кредиторони ассотсиатсияҳое (иттифоқҳо), ки фаъолияти хочагидориро анҷом медиҳанд, бо назардошти имконияти муфлисшавии (муфлисшавии) ассотсиатсияҳои (иттиҳодияҳои) дар моддаи 66 Кодекси мадании ҶТ пешбинигардида, талабот нисбат ба миқдори камтарини молу мулки худро таъминкунанда ба мақсад мувофиқ аст.

Ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) ташкилотҳои тиҷоратиро хизматрасонӣ намуда, дар фаъолитяи тиҷоратии онҳо нақши муҳимро иҷро мекунанд. «Ассотсиатсияҳои миллӣ метавонанд ба дарки қонунгузории пешниҳоднамудаи Комиссияи Аврупо, тавассути пешниҳоди арзёбии оқибатҳои онҳо барои вазъи саноат ва шуғл дар кишварҳои худ таъсир расонанд[102, с. 73].

Масъалаи дигари муҳим, ин ҷавобгарии ҳуқуқӣ-мадании ассотсиатсия ва иттиҳодиҳо мебошад. Тавре В.А. Ойгензихт дуруст қайд менамояд «ҷавобгарӣ – ин як категорияи муҳимтарине мебошад, ки бе он ташкили ҷамъият бемаъно аст» [76, с. 6]. «Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ин оқибатҳои ногувори хусусияти молумулкидошта мебошад, ки аз ҷониби давлат ба зиммаи субъекти дахлдор вогузошт карда мешавад» [97, с. 313].

Танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои молу мулкӣ, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ҳама вақт ба молу мулки субъект зарар мерасонад. Вобаста ба ҷавобгарии ҳуқуқии иттиҳодҳои тиҷоратӣ, бояд қайд намуд, ки асоси воқеии

татбиқи чораҳои ҷавобгарии маданӣ, содир намудани кирдори ғайриҳуқуқӣ мебошад.

Тартиби татбиқи чораҳои ҷавобгариро КМ ҶТ муқаррар менамояд. Ҳамин тавр, ташкилоти асосии холдингӣ бо ташкилотҳои фаръии худ барои аҳдҳое, ки бо супориши ташкилоти асосӣ баста шудаанд, масъулияти муштарак доранд. Муфлисшавии ҷамъияти фаръӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти ташкилоти асосӣ ба вуҷуд омадааст, боиси масъулияти субсидиарии ҷамъияти асосӣ аз рӯйи қарзҳои ташкилот вобаста мегардад.

Бояд қайд намуд, ки байни механизми ҷавобгарии гурӯҳи молиявию саноатӣ ва ширкати холдингии бонкӣ тафовути аёнӣ ҷой дорад. Ташкилоти ибтидоии гурӯҳи молиявию саноатӣ ба ғайр аз вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ, инчунин салоҳияти амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратиро дорад, аз ин рӯ, ҷавобгарӣ муштарак буда, метавонад нисбати ҳар як иштирокчии гурӯҳи молиявию саноатӣ татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, ҷавобгарӣ метавонад хусусияти муштарак дошта бошад, ки барои муносибатҳои тиҷоратӣ, ки дар он субъектҳои баробарҳуқуқ иштирок мекунанд, ғайримуқаррарӣ мебошад.

Хусусияти масъулияти ассотсиатсияхо (иттифоқҳо) дар он аст, ки иштирокчиёни онҳо уҳдадориҳоро мустақилона ба зимма мегиранд. Ин тақсимоти масъулиятро барои зарари эҳтимолӣ шарҳ медиҳад: ҳар як иштирокчӣ барои амали худ масъул аст, ки ин хатарро барои дигар аъзоёни ассотсиатсия кам мекунад.

Аъзоёни чунин ассотсиатсия барои ноил шудан ба ҳадафҳое муттаҳид мешаванд, ки бо фоида алоқаманд нестанд, ҳатто агар он дар байни муассисон тақсим карда нашавад. Ҳамин тавр, аз эҳтимол дур нест, ки иштироки ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ дар уҳдадориҳои ҳуқуқӣ боиси ҷавобгарии молумулкӣ шуда метавонанд,.

Аммо нисбат ба уҳдадорихои худи ассотсиатсия қоидаи масъулияти муштараки муассисони он амал мекунад. Ин маънои онро дорад, ки агар қарз ё дигар уҳдадориҳо ба миён оянд, тамоми иштирокчиён масъулияти муштарак доранд.

Ҳатто агар фаъолияти ассотсиатсия хусусияти соҳибкорӣ надошта бошад ҳам, ин намуди ҷавобгарӣ нисбати он ҳолатҳое низ татбиқ мешавад, ки ассотсиатсия ё иттиҳодия ҳамчун субъекти фаъолияти тиҷоратӣ баромад мекунад.

Ҳамин тавр, вобаста ба ҷавобгарии ассотсиатсия ва иттифоқҳо бояд қайд намуд, ки ташаббуси ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда на танҳо ба мақомоти давлатӣ, балки ба тарафи зарардида низ мебошад. Инчунин нисбат ба иттифоқи ташкилотҳои тиҷоратӣ ҷавобгарии соҳибкорӣ як қатор хусусиятҳо пайдо мекунад. Сохтори ташкилию ҳуқуқии субъекти хоҷагидорӣ имкони татбиқи ҳам масъулияти муштарак ва ҳам масъулияти муштараки барои муносибатҳои ҳуқуқии тиҷоратӣ анъанавӣ ва масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ), ки асосан ба сохторҳои устувори корпоративии дорои низоми пешрафтаи назорати дохилӣ хос аст, пешбинӣ менамояд. Ғайр аз ин, хусусиятҳои сохтори ташкилии иттиҳодияҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла мавҷудияти ташкилотҳои идоракунанда ва тобеи он метавонад боиси пайдоиши ба истилоҳ масъулияти берунии шартӣ барои фаъолияти соҳибкории ҳар як иштирокчӣ гардад. Дар баробари ин, мумкин аст муҷозоти дохилии корпоративӣ, ки ба пешгирии қарорҳои ғайриқонунии идоракунӣ ё амалҳои ғайриқонунии роҳбарияти ҷамъияти асосӣ нигаронида шудаанд, татбиқ карда шаванд. Чунин тадбирҳо ба нигоҳ доштани тартибот ва риояи стандартҳои корпоративӣ мусоидат мекунанд. Ба андешаи мо дар сатҳи қонунгузорӣ, ягона кардани қоидаҳои ҷавобгарии иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ зарур аст. Танзими диспозитивии масъалаҳои ҷавобгарии иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ ба талаботи амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯ нест.

*Ҳамин тавр дар натиҷаи баррасии масъалаи зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:*

1. Муттаҳидшавии институтсионалии воситаҳои асосӣ ва захираҳои истеҳсолӣ тавассути ташкили гурӯҳҳои молиявию саноатӣ низоми махсуси муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро ба вуҷуд меорад. Дар доираи ин низом ширкати асосӣ ваколатҳои қонунӣ муқарраргардидаро ба даст меорад ва ба

вай имкон медиҳад, ки на танҳо қобилияти ҳуқуқии худро амалӣ намояд, балки инчунин ба ҳамоҳангсозии татбиқи қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳои иштирокчии ассотсиатсия имконият медиҳад. Ин фаъолияти намояндагӣ ё комиссионӣ намебошад.

2. Иттиҳоди тиҷоратӣ зарурати гузаронидани як қисми қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти деликтии ҳар кадоми онҳоро ба ширкати асосӣ ба вуҷуд меорад. Ширкати асосӣ қобилияти анҷом додани амалҳоеро дорад, ки иродаи умумии тамоми ташкилотҳои тиҷоратиро, ки ба иттиҳодияи соҳибкорӣ дохил гардидаанд, таҷассум мекунад.

3. Қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи гурӯҳҳои молиявию саноатӣ» зарур мебошад.

4. Номуайянии ҳуқуқии мафҳумҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ», ба мақсад мувофиқ будан бо як мафҳуми умумӣ, яъне «Иттиҳодияи ғайритиҷоратии шахсони ҳуқуқӣ» мебошад.

5. Пешниҳод менамоем, ки ба қисми 2 моддаи 129 тағйирот бо мазмуни зайл ворид карда шавад: «Ассотсисатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба мақсадҳои таъсис додашудаи он мувофиқ аст, машғул шавад».

7. Ҳамин тавр, вобаста ба ҷавобгарии ассотсиатсия ва иттифоқҳо бояд қайд намуд, ки ташаббуси ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда на танҳо ба мақомоти давлатӣ, балки ба тарафи зарардида низ мебошад. Инчунин нисбат ба иттифоқҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ҷавобгарии соҳибкорӣ як қатор хусусиятҳо пайдо мекунад. Масалан, хусусиятҳои ташкилию ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ имкони татбиқи ҳам масъулияти муштарак (хусусияти уҳдадориҳои умумии тиҷоратӣ) ва ҳам масъулияти субсидиарӣро (асосан дар сохторҳои устувори корпоративӣ истифода мешаванд) муайян мекунанд. Моҳияти иерархияи чунин ассотсиатсияҳо, ки мавҷудияти маркази идоракунӣ ва ташкилотҳои тобеъро пешбинӣ мекунад, барои васеъ кардани масъулияти фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Дар баробари ин, механизмҳои махсуси корпоративӣ, аз

ҷумла муҷозоти пешгирикунанда, ки ба ҳадди ақал кам кардани хатарҳои қабули қарорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби мақомоти роҳбарикунандаи ташкилоти ибтидоӣ нигаронида шудаанд, амал мекунанд. Чунин тадбирҳо ба нигоҳ доштани тартибот ва риояи стандартҳои корпоративӣ мусоидат мекунанд. Ба андешаи мо дар сатҳи қонунгузорӣ, ягона кардани қоидаҳои ҷавобгарии асотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ зарур аст. Танзими диспозитивии масъалаҳои ҷавобгарии иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ ба талаботи амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯ нест.

## 3.2. Ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо

Мақсади таъсис додани ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз мақсадҳои таъсиси ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои), ташкилотҳои тиҷоратӣ ба куллӣ тафовут дорад. Дарк намудани ин нуқта хеле муҳим аст. Агар ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ баҳри расонидани кумак дар зиёд намудани даромади муассисони худ таъсис дода шаванд, ассотсиатсияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд [109, с. 140].

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тибқи қонунгузорӣ метавонанд иттиҳодияҳои худро таъсис диҳанд, ки ассотсиатсия ва иттифоқҳо номгузорӣ шудаанд [82, с. 170]. Феълан аксарияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис ёфта, бештари ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро амалӣ, ҳифз ва қонеъ мегардонанд. Маҳз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон нақши асосӣ дошта, дар байни аҳолӣ, мақомоти давлатӣ ва корфармоён ҳамчун миёнарав баромад мекунанд. Онҳо дар муҳофизати ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, коллективҳои меҳнатӣ ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ, риояи манфиатхои қонунии онҳо фаъолона иштирок мекунанд. Чунин иттиҳодияҳо тавассути фаъолияти худ ба таҳкими муколамаи ҷомеа ва ҳукумат мусоидат намуда,

механизмҳои ҳалли низоъҳо ва баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандонро фароҳам меоранд.

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ як ташкилоти ихтиёрӣ, худидоракунанда ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои мушаххас, ки дар оинномаи он муайян шудаанд, таъсис дода мешавад. Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ мебошанд [65, с. 534].

Дар таҷрибаи танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, истифодаи истилоҳи «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» нисбат ба мафҳумҳои шабеҳи маъмул дар кишварҳои ғарбӣ асосноктар ба ҳисоб меравад.

Аммо, дар таҷрибаи хориҷӣ мафҳуми «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» аксаран бо фаъолияте алоқаманд дониста мешавад, ки савдо, тиҷоратро истисно мекунад, ки ин боиси нофаҳмиҳо дар мазмуни истилоҳот гашта, раванди танзими тиҷорати муосирро мушкил мегардонад.

Яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, масъалаи имкони иштироки онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мутлақо ҳадафҳои иҷтимоӣ, хайрия, таълимӣ ва дигар ҳадафҳои фоиданоки иҷтимоиро доранд. Аммо дар асл ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз фаъолияти иқтисодӣ комилан барканор нестанд. Қобилияти ҳуқуқдории онҳо, гарчанде маҳдуд бошад ҳам, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба соҳибкорӣ машғул шаванд, аммо танҳо ба андозае, ки барои расидан ба ҳадафҳои оинномавии онҳо мусоидат мекарда бошад.

Фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ пеш аз ҳама ба манфиати тамоми ҷамъият ё як қисми он нигаронида шудааст. Барои ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияташ бахри ноил шудан ба ҳадафҳои муфиди иҷтимоӣ нигаронида шудааст, низоми ҳуқуқӣ бояд имтиёзҳои бештари ҳавасмандкунандаи давлатро пешбинӣ намояд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ташкилотҳои дорои узвияти доимӣ (ташкилотҳои баузвиятасосёфта) ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии дорои узвияти ғайримуқаррарӣ (ташкилотҳои ғайриузвиятӣ) ҷудо карда мешаванд.

Ба ташкилотҳои ғайритиҷоратии баузвиятасосёфта одатан танҳо пас аз тасдиқи ҳатмии расмии иштироки шахсон дар ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои дар назди ташкилоти ғайритиҷоратӣ гузошташуда, аъзо мешаванд. Узвияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ташкилоти ғайритиҷоратӣ на танҳо тибқи мақсад ва вазифаҳои оинномавии он, балки бо пардохти ҳаққи дохилшавӣ ё узвият, иштироки бевосита дар фаъолияти ин ташкилот ва ғайра тасдиқ карда мешавад. Дар ин хусус созишномаи одӣ бо нишон додани ҳадафҳо ва вазифаҳои муштараки ташкилоти ғайритиҷоратӣ кифоя аст.

Дар қонунгузории маданӣ таснифоти низомноки шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ бо номгӯи нопурраи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо инъикос шудааст. Номгӯи нопурраи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар шаклҳои дигаре, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис диҳанд,

Дар КМ ҶТ шаклҳои зерини ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешбинӣ шудаанд:

1. Кооперативи ғайритиҷоратӣ;
2. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ;
3. Фондҳо;
4. Муассиса;
5. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ).

Кооперативи ғайритиҷоратӣ шакли ташкилию ҳуқуқие мебошад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои дастаҷамъӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ё дигар соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим таъсис дода шудааст, ба истиснои гирифтани фоида ҳамчун ҳадафи асосии фаъолият. Баръакси кооперативҳои тиҷоратӣ, ки барояшон ба даст овардани даромад ва тақсими он дар байни аъзоён мақсади асосӣ мебошад, кооперативи ғайритиҷоратӣ

захираҳои худро барои иҷрои вазифаҳое равона мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати зиндагии аъзоёнаш ё умуман ҷомеа мусоидат мекунанд.

Фаъолияти кооперативи ғайритиҷоратӣ ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарӣ ва ёрии ҳамдигарӣ асос меёбад. Аъзоёни кооператив қувваю воситаҳои худро барои ҳалли мушкилотҳое, ки як худашон онҳоро ҳал кардан наметавонанд, муттаҳид мешаванд. Яке аз хусусияти муҳимми кооперативи ғайритиҷоратӣ, қобилияти доштани машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, вале танҳо ба андозаи барои расидан ба ҳадафҳои оинномавии кофӣ. Даромади бадастомада дар байни иштирокчиён таксим карда намешавад, балки барои инкишоф додани фаъолияти кооператив ва ичрои вазифааш сарф мешавад.

Кооперативҳои ғайритиҷоратӣ дар мустаҳкам намудани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, ривоҷ додани ҳамбастагии ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани дараҷаи боварии аҳолӣ саҳми калон мегузоранд. Онҳо тавассути дастгирии ташаббусҳое, ки ба баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, барои рушди устувор шароити мусоид фароҳам меоранд. Фаъолияти онҳо ба ташаккули ҳамфикрии ҷамъиятӣ ва ҳавасманд гардондани иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонад. Фаъолияти онҳо бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад, ки қоидаҳои таъсис, фаъолият ва назорати чунин ташкилотҳоро бо мақсади таъмини шаффофият ва мутобиқати онҳо ба ҳадафҳои пешбинишуда, муқаррар менамояд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ унсурҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар татбиқи ҳадафҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва дигар мақсадҳои аз лиҳози иҷтимоӣ мухим, нақши асосӣ доранд. Онҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд ва доираи васеи соҳаҳо – аз ҳифзи ҳуқуқи инсон то ташаббусҳои экологиро фаро гиранд.

Ташкилотҳои динӣ дар навбати худ одамонро дар асоси эътиқоди шахсӣ ва эътиқоди умумии маънавӣ, муттаҳид менамоянд. Фаъолияти онҳо ба қонеъ гардонидани талаботи динии шаҳрвандон, баргузории маросимҳои динӣ,

ҳифзи анъана ва мероси фарҳангӣ, инчунин ба роҳ мондани корҳои хайрия ва тарбиявӣ равона карда шудааст. Ташкилотҳои динӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ нақши муҳим дошта, дар таҳкими солимии маънавии ҷомеа саҳмгузор мебошанд.

Ҳарду намуди ташкилотҳо, сарфи назар аз фарқияти ҳадафҳо ва усулҳои кор, бо табиати ғайритиҷоратӣ муттаҳид мешаванд. Онҳо дар назди худ на мақсади гирифтани фоидаро мегузоранд, балки ҷидду ҷаҳди худро баҳри қонеъ намудани манфиати ҷамъиятӣ равона месозанд. Фаъолияти онҳо бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад, ки озодии иттиҳодияҳо ва динро кафолат дода, шаффофият ва назорати фаъолияти онҳоро таъмин менамояд.

Фонд ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои барои ҷамъият фоиданок, аз ҷумла хайрия, тарғиби маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон таъсис ёфтааст. Хусусияти фарққунандаи фонд, ин тарзи ташаккули захираҳои он мебошад, ки ба хайрияҳои ихтиёрӣ, бурсҳо, саҳмгузориҳо ва дигар манбаъҳои маблаггузорӣ, ки бо фоида алоқаманд нестанд, асос меёбад. Ин ба фонд имкон медиҳад, ки мустақилиятро нигоҳ дорад ва ба ноил шудан ба ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммияти ҷиддидошта, ҷаҳд намояд.

Ин маблағҳо баҳри татбиқи ҳадафҳои оинномавӣ, ки метавонанд маблағгузории лоиҳаҳо, расонидани кумак ба ниёзмандон, дастгирии ташаббусҳои ҷамъиятӣ ё рушди инфрасохтор дар соҳаҳои гуногунро дар бар гиранд, равона карда мешаванд. Фондҳо сохтори аниқи идоракуниро доранд, ки ба он муассисон, шурои парасторон ва мақомоти иҷроия дохил мешаванд. Шурои сарпарастон дар муайян намудани стратегияи рушди фонд ва назорати истифодаи маблағҳо нақши асосиро мебозад. Фаъолияти фондҳоро қонун танзим мекунад, ки ин шаффофияти кори онҳо ва боварӣ ба ҷамъиятро таъмин менамояд. Хусусияти муҳимми фонд мақоми ғайритиҷоратӣ доштани он мебошад, ки тақсими фоидаро байни муассисон ё иштирокчиён истисно мекунад. Ҳамаи маблағҳои бадастомада танҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишудаи он равона карда мешаванд.

Муассисаҳо як намуди махсуси ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд. Онҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шаҳракҳо, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ таъсис дода шаванд ва аз ҳисоби муассис, инчунин аз ҳисоби даромад аз фаъолияти худ, агар ин дар қонун пешбинӣ шуда бошад, маблағгузорӣ карда шаванд. Мақсади асосии муассисаҳо расонидани хизмат ба манфиати ҷамъиятӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ё дастгирии иҷтимоӣ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки иштирокчиёне, ки ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо) дохил мешаванд, қобилияти ҳуқуқдории худро гум накарда, мустақилият, озодии амал ва ҳуқуқи интихоби шакли ташкилию ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Чунин ташкилотҳо дорои тамоми хусусиятҳои шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла тавозуни мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, мухр, сохторҳои идоракунӣ ва молу мулки зарурӣ мебошанд, ки ба онҳо имкон медиҳад самаранок фаъолият намуда, мақсадҳои оинномавиашонро амалӣ намоянд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи қонунгузории ҷорӣ, ассотсиатсияҳои шахсони воқеӣ метавонанд бо доштани мақоми шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шаванд, масалан, иттифоқи адвокатҳо, ки намунаи барҷастаи ассотсиатсияҳои шарикӣ мебошад.

Адвокатҳо ҳуқуқ доранд, ки иттифоқҳои ҷамъиятии адвокатиро таъсис диҳанд ё мутобиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба иттифоқҳои мавҷуда шомил шаванд. Чунин иттиҳодияҳо баҳри ҳимояи манфиатҳои касбии адвокатҳо, мусоидат ба беҳтар шудани сифати ёрии ҳуқуқӣ ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҷомеа даъват шудаанд. Фаъолияти адвокатҳо ба принсипҳои асосӣ, аз ҷумла қонуният, мустақилият, таъмини сатҳи баланди ёрии ҳуқуқӣ, баробарии ҳамаи адвокатҳо, роҳ надодан ба дахолат ба фаъолияти касбии онҳо асос ёфтааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми адвокатура узвияти ҳатмии адвокатҳо дар Иттифоқи адвокатҳо мебошад. Ин талабот баҳри нигоҳ доштани стандартҳои касбӣ, таъмини назорат аз болои сифати хизматрасонӣ ва фароҳам овардани фазои ягонаи ҳамкорӣ ва табодули таҷриба байни мутахассисони ҳуқуқ нигаронида шудааст. Иттифоқи адвокатҳо дар танзими фаъолияти касбӣ,

ҳимояи ҳуқуқҳои адвокатҳо ва баланд бардоштани тахассуси онҳо нақши муҳим доранд, ки ин дар ниҳоят ба таҳкими эътимод ба низоми ҳуқуқӣ дар маҷмуъ мусоидат мекунад. Адвокат ба таври инфиродӣ ё дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ҳатман бояд узви Иттифоқи адвокатҳо бошад [12].

Мақоми иттифоқи адвокатҳо ба таври меъёри муқарраргардида мебошад, ки доираи салоҳият, мақсад, вазифа ва вазифаҳои фаъолияти онро, инчунин хусусиятҳои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии адвокатҳоро муайян менамояд.

Иттифоқи адвокатҳо хусусиятҳои асосии худро дорад, ки чунинанд:

1) ягонагии ташкилӣ;

2) молу мулки мустақил ;

3) иштирок аз номи худ;

4) қобилияти доштани уҳдадориҳои молумулкӣ;

5) қобилияти даъвогар ё ҷавобгар будан.

Ба иттифоқи адвокатҳо чуниин хусусиятҳои мушаххас хосанд:

1) мақсади таъсис – таъмини иҷрои вазифаҳои худидоракунии адвокатҳо;

2) мақсади фаъолият – муттаҳид намудани ҳуқуқшиносони ватанӣ барои иҷрои вазифаҳои муқарраргардида;

3) вазифаҳо – самтҳои фаъолият;

4) узвияти ҳатмӣ;

5) мақоми истисноӣ – ягона иттиҳодияи адвокатҳо дар Тоҷикистон будан.

Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ягона, мустақил, ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии касбӣ буда, дар асоси узвияти ҳатмии адвокатҳо ташкил карда мешавад. Ҳадафи асосии таъсиси Иттифоқи адвокатҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолии кишвар, инчунин ташкили дастгирии ройгон ба шахсони воқеӣ мебошад. Иттифоқи адвокатҳо вазифаҳои муҳим, аз ҷумла намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои адвокатҳоро дар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият иҷро мекунад. Илова бар ин, Иттифоқи адвокатҳо омодагии касбии адвокатҳоро назорат карда, баланд бардоштани тахассуси онҳоро пеш мебарад. Фаъолияти Иттифоқи адвокатҳо баҳри таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон нигаронида шудааст. Иттифоқ тавассути фаъолияти худ ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии ҳуқуқӣ, таҳкими эътимод ба низоми ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти босамари касбӣ, адвокатура ҳамчун институти муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ, мусоидат мекунад.

Функсияҳои Иттифоқи адвокатҳо аз муттаҳид намудани тамоми адвокатҳои миллӣ, таъмини иҷрои вазифаҳои худидоракунии адвокатҳо, мусоидат ба рушд ва таҳкими институти адвокатура дар Тоҷикистон, баланд бардоштани накш ва нуфузи адвокатҳо дар ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии адвокатҳо иборат мебошад.

Иттифоқи адвокатҳо метавонад дар асоси шартнома адвокатҳои дигарро низ ҷалб намояд. Ҳамзамон Иттифоқи адвокатҳо вазифадор аст, ки риояи ҳуқуқҳои касбии адвокатҳо ва кафолатҳои фаъолияти ҳуқуқии онҳоро таъмин намояд. Умуман, адвокат шахси воқеист, ки тибқи асосҳо ва тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 № 1182 (Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1237, аз 14.05.2016 № 1311, аз 24.02.2017 № 1391, аз 04.07.2020 № 1704, аз 03.01.2024 № 2023, аз 11.02.2025, №2145) ба фаъолияти адвокатӣ машғул аст. Аз ин рӯ, Иттифоқи адвокатҳо иттиҳодияи шахсони воқеӣ мебошад, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Иттифоқи адвокатҳо ҳуқуқ надорад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад.

Муддати тулонӣ мақоми ҳуқуқии иттиҳодияи корфармоён дар сатҳи қонунгузорӣ номуайян боқӣ монда буд. 17 майи соли 2004 № 32 Қонун «Дар бораи иттиҳодияи корфармоён» қабул гардид. Тибқи ин қонун

«иттиҳодияҳои корфармоён – ташкилоти ғайритиҷоратиест, ки корфармоён ихтиёрона барои намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои аъзои худ дар доираи шарикии иҷтимоӣ таъсис медиҳанд» [16]. Дар Тоҷикистон чунин иттиҳодияҳо дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта таъсис ёфтаанд. Дар шароити иқтисодиёти мутамарказ накшавӣ, ки пеш аз ҳама ба моликияти давлатӣ асос ёфта буд, зарурат ба ташкил кардани иттиҳодияҳои корфармоён набуд. Танҳо оғози дигаргунсозиҳои куллии иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ, ислоҳоти муносибатҳои моликиятӣ, инкишофи кооператсия ва дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун табақаи иҷтимоӣ рӯйи кор омадани соҳибкорон, имконият ва зарурати муттаҳидшавии онҳоро ба миён овард.

Бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияи корфармоён» аз 17 майи соли 2004 № 32, масъалаи иттиҳодшавии корфармоён ба таври қонунӣ танзим ва мақоми ҳуқуқии ташкилотҳои корфармоён ва ассотсиатсияҳои онҳо муайян карда шуд.

Аввалин бор тибқи ин қонун корфармоён ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар асоси ихтиёрӣ иттиҳодияҳои худро бо мақсади муаррифии манфиатҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои худ дар муносибати байниҳамдигарӣ бо иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти дигари намояндагии кормандон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ таъсис диҳанд.

Тибқи м. 9 ин Қонун, муассисони иттиҳодияи корфармоён на кам аз се корфармо ё се иттиҳодияи корфармоён шуда метавонанд. Ҳуқуқи корфармоён ба иттиҳодия, як ҳуқуқи мураккаб (ҳамбастагӣ) буда, ваколатҳои зеринро дар бар мегирад: муттаҳид шудан дар созмонҳои корфармоён; озодона шомил шудан ба ин созмонҳо ва тарки ин созмонҳо, дар фаъолияти онҳо мувофиқи шарту тартиби муайянкардаи оинномаҳо иштирок намудан.

Ассотсиатсияҳои саноатчиён ва соҳибкорон, ассотсиатсияҳо (иттифоқҳои) корфармоён, иттиҳодияҳои истеҳсолӣ ва ғайра дар аксар мамлакатҳои собиқ Шуравӣ таъсис дода шудаанд [4, с. 38].

Дар кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ раванди ташаккули созмонҳои корфармоён дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта оғоз шудааст. Масалан, дар Лаҳистон ду намуд иттиҳодияҳои корфармоён фоъолият менамоянд – якум, Конфедератсияи корфармоёни Лаҳистон, ки соли 1989 таъсис ёфта, корфармоёни хусусӣ, директорони корхонаҳои давлатӣ ва аъзои шуроҳои корхонаҳои давлатиро муттаҳид мекунад. Дуюм, Иттиҳодияи Конвенсияи корфармоён, тоҷирон ва истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, ки корфармоёни корхонаҳои хурду миёнаи хусусиро муттаҳид мекунад [104, с. 223].

Дар ибтидои солҳои 2000-ум. 950 ассотсиатсияи корфармоён ва 300 ширкати фаромиллӣ дар Брюссел барои ҳамкорӣ бо мақомоти аврупоӣ дар сатҳи Иттиҳоди Аврупо, намояндаи худро доштанд [138, с. 65].

Дар баъзе кишварҳо ду намуди ташкилотҳои корфармоён вуҷуд доранд: якум, танҳо дар соҳаи иқтисодӣ; дуюм, дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ (масалан, Олмон, Швейтсария ва ғайра) [56, с. 234]. Дар Британияи Кабир, Фаронса, Италия ва Белгия ташкилотҳои корфармоён вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию меҳнатиро иҷро мекунанд [136, с. 55-61].

Дар ИМА ва Ҷопон фаъолияти ассотсиатсияҳои корфармоён бо соҳаи сиёсат алоқаманд аст, дар ҳоле ки дар Олмон, Фаронса, Италия ва кишварҳои Скандинавия ин созмонҳо, инчунин дар самти ғайрисиёсӣ иштирок мекунанд.

Дар Ҷопон чаҳор ассотсиатсия мавҷуд аст: Никкерей, Кейданрен, Кумитаи рушди иқтисодӣ ва Палатаи савдо ва саноати Ҷопон (Ниссе). Никкерей аз 54 иттиҳодияи саноатӣ ва 47 иттиҳодияи минтакавӣ иборат аст, ки қариб ҳамаи корхонахои хусусӣ, ғайр аз хоҷагии кишлок ва ҷангалро намояндагӣ мекунад. Теъдоди корпоратсияҳое, ки ба ин иттиҳодияҳои минтақавӣ ва саноатӣ шомиланд, тақрибан 30 ҳазорро ташкил медиҳад ва тақрибан 1/3 шумораи умумии соҳибкорони Ҷопонро фаро мегирад [46, с. 153].

Ба ақидаи муҳаққиқони англис Д.Н. Виндмюллер ва А. Гладстон, хусусияти ассотсиатсияҳои корфармоёни шарикони иҷтимоӣ, бевосита дар вазифаҳои гуногуни онҳо мебошанд. Онҳо аз як тараф, барои қабули қарорҳои ташкилотҳои истеҳсолӣ, аз тарафи дигар барои иҷрои онҳо масъуланд. Азбаски ин вазифаҳо аз ҳисоби воситаҳои истеҳсолоти худӣ, инчунин сармояи дохилӣ ва ё қарзи гирифтаашон иҷро карда мешаванд, дар муносибат бо иттифоқҳои касаба, масъалаи самаранок истифода бурдани онҳо ба миён меоянд. Азбаски ки фурӯши сармоя зарурати таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҷалби қувваи кориро ба миён меорад, соҳибкорон на ҳамчун идоракунандагони сармоя, балки ҳамчун корфармоён амал карда, масъалаҳои бо кор таъмин кардан, таъмини шароити меҳнат ва музди корро, ки бо онхо иттифоққхои касаба машғул мешаванд, ҳал мекунанд [107, с. 38]. Вазифаҳои асосӣ муттаҳид кардан ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ассотсиатсияҳо барои таъмини рушди мутаносиб ва бартараф кардани зиддиятҳо байни меҳнат ва идоракунӣ (сармоя), таҳкими ҳамбастагӣ ва баланд бардоштани меъёрҳои ахлоқии корфармоён, барқарор кардани муносибатҳои қонунии инсонӣ дар дохили корпоратсияҳо ва мусоидат ба рушди иҷтимоӣ тавассути фаъолияти корпоратсияҳо мебошанд.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар як қатор кишварҳо иттиҳодияҳои корфармоён дар соҳаи тиҷорат ба расонидани хидматрасониҳо шуруъ кардаанд (мубодилаи иттилоот, дастрасии васеъ ба маблағгузорӣ ба корхонаҳои ғайрирасмӣ ва хурд, суғурта, технология ва малакаҳои соҳибкорӣ) [86, с. 62].

Ассотсиатсияҳои корфармоён ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи корпоративӣ вазифаи дугонаро иҷро мекунанд: якум, онҳо дар муколама бо мақомоти давлатӣ ҳимояи манфиатҳои иқтисодии коллективии аъзоёни худро таъмин мекунанд, дуюм, дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, аз ҷумла механизмҳои хуқуқи инсон фаъолияти намояндагӣ мекунанд. Ин мақоми ҳуқуқӣ накши онҳоро ҳамчун институти шарикии иҷтимоӣ, ба ҳам пайвастани ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои ҷомеаи

соҳибкорӣ инъикос мекунад. Онҳо дар муколамаи иҷтимоӣ, таъмини мувозинати манфиатҳои байни корфармоён, кормандон ва давлат нақши калидӣ мебозанд, ки ин ба фароҳам овардани фазои устувору одилонаи корӣ мусоидат мекунад.

Қобилияти ҳуқуқдории иттиҳодияи корфармоён ба сифати шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи қайди давлатии он пайдо мешавад [95, с. 74]. Қобилияти ҳуқуқии иттиҳодияҳои корфармоён ё иттиҳодияи ташкилотҳои корфармоёнро ҳамчун қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунӣ баррасӣ кардан бамаврид аст. Қобилияти ҳуқуқдории ташкилоти корфармоён ё ассотсиатсияи ташкилотҳои корфармоёнро ҳамчун қобилият барои доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ки дар меъёрҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, баррасӣ карда мешавад. Қобилияти амалкунии ташкилоти корфармоён ё иттиҳодияи ташкилотҳои корфармоён ҳамчун қобилияти ба воситаи сохторҳои худ ба даст овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсис ва қонун амал кардани онҳо фаҳмида мешавад. Ҳуҷҷати таъсисотии иттиҳодияҳои корфармоён оинномa аст.

Вазифаҳои асосии иттиҳодияҳои корфармоён иборатанд аз:

– иштирок дар музокирот, таҳия ва бастани созишномаҳо;

– намояндагӣ дар мақомоти доимоамалкунандаи низоми шарикии иҷтимоӣ;

– назорат ва ташкил намудани иҷрои уҳдадориҳои қабулнамуда;

– иштирок дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои коллективии меҳнатӣ;

– саҳмгузорӣ дар таҳия ва ташхиси лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин барномаву нақшаҳо;

– таъмини аъзои иттиҳодияҳо бо иттилоот ва дастури методӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти аъзои иттиҳодияҳо барои ҳалли самараноки масъалаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ.

Ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо аз лаҳзаи бақайдгирӣ таъсисёфта маҳсуб шуда, мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо мекунанд. Бо мақсади фароҳам овардани қобилияти махсус барои ташкилотҳои

корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо дар муносибатҳои меҳнатии коллективӣ, махсусан ҳамчун иштирокчии гуфтушунидҳои дастаҷамъӣ оид ба бастани шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо дар сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва ҳудудӣ, онҳо бояд ҳамчун намоянда эътироф карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки ассотсиатсияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо аз рӯйи уҳдадориҳои худ ҷавобгаранд, на аз рӯйи қарзҳои аъзоёни худ. Дар баробари ин, аъзоёни чунин иттиҳодияҳо метавонанд аз рӯйи уҳдадориҳои худ ба таври иловагӣ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, агар ин дар қонунгузории ҷорӣ ё дар ҳуҷҷатҳои таъсиси онҳо пешбинӣ шуда бошад. Ин имкон медиҳад, ки мувозинат байни мустақилияти иштирокчиён ва масъулияти дастаҷамъӣ дар дохили ассотсиатсия нигоҳ дошта шавад.

Шарт, ҳаҷм ва тартиби чунин ҷавобгарӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳо муқаррар мегардад. Ҳамзамон, иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ вазифадоранд, ки талаботи қонунгузории зиддииттиҳодиро риоя намуда, аз бастани созишномаҳои мухолиф ба он худдорӣ намоянд.

Принсипи ихтиёрӣ, асоси муносибатҳои аъзоёни иттифоқҳоро ташкил медиҳад. Шакли ҳуқуқии татбиқи он, шартномаи таъсис ва оинннома мебошад, ки онхоро иттифоқҳо тасдиқ мекунанд. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттиҳодия) на танҳо сохтори асосии ташкилотро танзим мекунанд, балки ҳайат ва салоҳияти мақомоти роҳбарикунандаи он, тартиби қабули қарорҳо, аз ҷумла ҳолатҳои тасдиқи якдилона ё аксарияти овозҳоро талаб мекунанд. Ғайр аз ин, онҳо механизмҳои тақсимоти молу мулки баъди барҳам хӯрдани иттиҳодия боқимондаро муқаррар мекунанд, ки ин дар тамоми марҳалаҳои мавҷудияти он кафолати ҳуқуқро таъмин мекунад. Диққат додани иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ ба фаъолияти асосии худ, ҳаргиз маънои онро надорад, ки натиҷаҳои кори онҳо ҳамеша ройгон ё бо нархи паст пешниҳод мешуда бошад. Дар шароити муосир, бисёр ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, махсусан дар бахшҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг, хизматрасониҳо ва маҳсулоти худро аз рӯйи нархномаҳои муқарраршуда пешниҳод менамоянд.

Дар ҳар сурат, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ даромади худро бояд барои иҷрои рисолати худ истифода намоянд, на ба мақсади ғанигардонии буҷаи муассисон ва дигар иштирокчиёни ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо.

Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳангоми ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, аз амалигардонии фаъолияти асосии худ дур нашавад ва фоидаи имконпазирро баҳри иҷрои мақсадҳои оинномавии худ равона созад.

Хориҷ кардани аъзо аз ассотсиатсия бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муқарраргардида, дар асоси қарори иштирокчиёни боқимонда сурат мегирад. Дар баробари ин, аъзоёни ҳозира ҳуқуқ доранд, ки иштирокчии навро дар сурати мавҷуд будани ризоияти умумӣ, ки дар доираи қоидаҳои муқарраршуда таҷдиди динамикии ҳайати ташкилот таъмин менамояд, қабул кунанд. Ба ассотсиатсия (иттифоқ) шомил шудани иштирокчии нав метавонад бо қабули масъулияти иловагӣ аз рӯйи уҳдадориҳое, ки то лаҳзаи ҳамроҳ шудан ба миён омадаанд, алоқаманд бошад, ки ин муттасилӣ ва адолатро дар тақсими уҳдадориҳо дар байни ҳамаи аъзоёни иттиҳодия таъмин менамояд. (м. 130 Кодекси мадании ҶТ).

Уҳдадории асосии аъзоёни ассотсиатсия аз пардохти ҳаққи аъзогӣ бо тартиби муқарраршуда мебошад. Маблағи ҳаққи пардохташуда дараҷаи иштироки аъзоро дар иҷрои дигар уҳдадориҳои моддӣ, аз ҷумла имконияти ба зимма гирифтани масъулияти иловагиро аз рӯйи уҳдадориҳои иттиҳодия муайян мекунад [178].

Баъзе категорияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ бо маҳдудиятҳои қонунӣ дучор меоянд. Аз ҷумла, агар иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ дар бораи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ қарор қабул кунад, ӯ вазифадор аст бо тартиби муқарраргардида тартиби ба ширкат ё ҷамъияти хоҷагидорӣ табдил додани онро оғоз намояд. Ин талабот баҳри риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таъмини мутобиқати шакли ташкилию

ҳуқуқӣ ба хусусияти фаъолияти онҳо нигаронида шудааст (қ. 2 м.129 Кодекси мадании ҶТ).

Масъалаи гуногуншаклии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ айни замон муҳим ва ҳалнашуда ба назар мерасад. Дар даҳсолаҳои охир дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва истифодаи қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи назаррас андӯхта шудааст, ки аз фароҳам оварда шудани заминаҳои муассир баҳри танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, зиёд шудани теъдод ва гуногуншаклии иттиҳодҳои ғайритиҷоратӣ, рушди намудҳои гуногуни фаъолияти онҳо, муносибати нав ба танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳоро тақозо мекунад. Баъд аз 15 соли мавҷудияти қонунгузории асосӣ, фурсати таҳлили самаранокии он ва ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба он, ба миён омадааст.

Мувофиқи таснифоти гуногун, ба иттиҳодҳои ғайритиҷоратӣ аз 13 то 18 шакли ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ рост меояд. Ин гуногунрангӣ ба он вобаста аст, ки дар тафовут аз ташкилотҳои тиҷоратӣ, номгӯи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии иттиҳодҳои ғайритиҷоратӣ бо Кодекси мадании ҶТ маҳдуд нагардидааст. Бисёре аз муҳаққиқон пешгӯӣ мекунанд, ки ин рақам афзоиш хоҳад ёфт. Фаъолияти қисми зиёди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо қонунҳои алоҳида танзим карда мешаванд, ки дар давраҳои гуногун қабул шудаанд ва аз баъзе ҷиҳатҳо ба ҳамдигар комилан мувофиқ нестанд. Инчунин, мунтазам дар қонунгузорӣ намудҳои нави иттиҳодияҳо сабт мешаванд, ки ин ҳолат тартиб додани рӯйхати пурраи онҳоро хеле душвор мегардонад. Низоми ягонаи танзими ҳуқуқии шаклҳои ташкилию ҳуқуқии иттиҳодияҳо вуҷуд надорад ва худи қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодҳо ва ассотсатсияҳо аз камбудиҳо, такрорҳо ва зиддиятҳо холӣ нест. Ба андешаи мо, айни замон зарурати таҳияи Консепсияи рушди қонунгузорӣ оид ба ассотсиатсия ва иттиҳодияҳо пеш омадааст.

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар ҶТ», «кооператсяи матлуботи Тоҷикистон

ташкилоти ғайридавлатии ҷамъиятию хоҷагии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки онҳо бо мақсади пурратар қонеъ намудани талаботи худ ба молҳо ва хизматрасонӣ дар асоси ихтиёрӣ муттаҳид мегарданд» [19]. Кооперативи матлуботӣ метавонад корхонахо, ташкилотҳо, муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳои таълимиро дар бар гирад, ки мақсадҳои оинномавии кооперативро дастгирӣ мекунанд.

Фаъолияти кооперативяи матлубот ба иҷрои панҷ вазифаи асосӣ нигаронида шудааст:

– таъмини талаботи моддию маишӣ иштирокчиён;

– нав кардан ва такмил додани инфраструктураи кооператив;

– тараққиёти маҳаливу соҳавии ҳаракати кооперативӣ;

– ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои истеъмолии аъзоёни кооператив;

– тартиб додан ва амалӣ гардондани программахои стратегии сохаи истеъмоли кооперативӣ.

Ҳамаи ин вазифаҳо қатъиян мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷро карда мешаванд. Кооператсияи матлубот ба ташкили савдои чакана, яклухт ва комиссионӣ, хизматрасонии хуроки умумӣ, харидани маҳсулоти хоҷагии қишлок, ашёи хом ва дигар молҳо машғул аст. Он, инчунин ба инкишофи бозорҳо, хоҷагиҳои ёрирасон ва истеҳсоли молҳои сермасриф мусоидат мекунад. Кооператив дар расонидани хизмати гуногун, гузарондани чорабинихои маданию варзишӣ, ташкил ва дастгирӣ намудани муассисаҳои таълимӣ, тайёр кардани кадрҳо ва баланд бардоштани ихтисоси онҳо фаъолона иштирок мекунад. Ғайр аз ин, кооператив метавонад ба фаъолияти иктисодии берунӣ машғул шавад, ки ин имконият ва таъсири онро васеъ мекунад. Вазифаи муҳимми кооператсияи матлубот ривоҷ додани ислоҳоти иҷтимоӣ дар деҳот, ёрӣ расондан ба ташкил ва тараққӣ додани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), инчунин хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мебошад.

Кооператсия барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли озуқаворӣ ва дигар молҳои сермасриф фаъолона кор мебарад, ки ин дар беҳтар шудани сифати

хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва баланд шудани сатҳи некуаҳволии он ёрӣ мерасонад.

Ба он диққати махсус додан лозим аст, ки иттиҳодияи ҷамъиятӣ ташкилоти ихтиёрӣ, худидоракунанда ва ғайритиҷоратиест, ки шаҳрвандон онро дар асоси манфиатҳои умумӣ баҳри ноил шудан ба мақсадҳои дар оинномa пешбинишуда таъсис медиҳанд. Чунин иттиҳодияҳо дар амалӣ гардондани ташаббусҳои шаҳрвандон ва мустаҳкам намудани робитаҳо бо омма нақши калон мебозанд.

Тибқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодҳои ҷамъиятӣ», «қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таъсис додан, фаъолият намудан, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад» [17]. Тибқи м. 17, «шаҳрвандоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шуда метавонанд, агар Қонуни мазкур дигар тартибро муқаррар накарда бошад». Он бо ташаббуси на камтар аз се нафар шахс таъсис дода мешавад. Қарорҳо оид ба таъсис, тасдиқи оинномa ва ташкил намудани мақомоти роҳбарикунанда ва назоратӣ дар маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисӣ қабул мешаванд. Аз лаҳзаи қабули ин қарорҳо, иттиҳодия расман таъсисёфта ба ҳисоб меравад.

Иттиҳодияи ғайритиҷоратӣ дар асоси қарори муассисон ташкил карда мешавад. Масалан, муассисони ассотсиатсияи истифодабарандагони об шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ шуда метавонанд. Аз ҳисоби муассисон ва дигар иштирокчиён кумитаи ташаббускор ташкил карда мешавад, ки он дар ҷараёни вохӯриҳо мақсад, вазифа ва принсипҳои ташкилот, вазифа ва уҳдадориҳои аъзоҳоро фаҳмонда медиҳад. Дар ҷараёни фаъолияти кумитаи ташаббускор, дар ҷамъомади ғайрирасмӣ аз зумраи иштирокчиён гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи оинномa таъсис дода мешавад. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи таҳияшудаи оинномаи иттиҳодияи ғайритиҷоратиро барои муҳокима ва қабул ба маҷлиси умумии

муассисон пешниҳод менамояд. Ассотсиатсия аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ тибқи Қонун «**Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**»[13] фаъолият менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамчун иттиҳоди ҷамъиятӣ, иттиҳодияи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дорои ҳуқуқ ва вазифаҳои муайян мебошад, онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии худ амалӣ месозад.

Ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҷамъият бо ташаббус муроҷиат намояд ва вобаста ба ташаккули сиёсати ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, пешниҳодҳо намояд. Он, инчунин метавонад аз мақомоти давлатӣ маълумоти барои иҷрои вазифаҳои худ заруриро талаб намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин маҳдудиятҳо дар қонун пешбинӣ шудаанд.

Ассотсиатсия дар доираи фаъолияти худ ҳуқуқ дорад бо амалкарди истеҳсолӣ ва хоҷагидорие машғул шавад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии он мусоидат мекунад, аз ҷумла ҷалби ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки барои ин мақсадҳо таъсис дода шудаанд. Ғайр аз ин, иттифоқ метавонад дар хусуси ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун шартномаҳо бандад, лоиҳаҳо ва барномаҳои муҳимро мавриди баррасӣ қарор диҳад ва дар кори комиссияҳои муштарак барои муҳокимаи онҳо ширкат варзад, агар чунин фаъолият дар оинномаи он пешбинӣ шуда бошад. Он, инчунин дорои ваколатҳои дигаре мебошад, ки қонун муқаррар кардааст.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хайриявӣ торафт васеъ паҳн шуда, мувофиқан дар доираи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкилотҳои хайрия ташкил карда шуданд. Танзими ҳуқуқии онҳо дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» амалӣ карда мешавад. Мутобиқи қонуни мазкур, «ташкилоти эҳсонкорӣ – ташкилоти ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратие мебошад, ки ба мақсадҳои иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ таъсис дода шуда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи чунин ташкилот набояд байни муассисон тақсим шавад. Мутобиқи қонун, фаъолияти эҳсонкорӣ ба дастгирии иҷтимоӣ

ва ҳифзи шаҳрвандон, аз ҷумла беҳтар намудани вазъи моддии табақаҳои камбизоат, мусоидат ба офиятбахшии иҷтимоии беморон, маъюбон ва дигар шахсоне, ки бо сабабҳои ҷисмонӣ, руҳӣ ё дигар ҳолатҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро мустақилона амалӣ карда наметавонанд, нигаронида шудааст.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки даромадҳоро аз фаъолияти соҳибкорӣ қатъиян ба татбиқи мақсадҳои оинномавии ташкилот равона кунанд. Дар баробари ин, қонунгузорӣ ба чунин иттиҳодияҳо ҳуқуқ медиҳад, ки ҳатто дар сурати мавҷуд набудани муқаррароти дахлдор дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ фаъолияти эҳсонкорӣ анҷом диҳанд. Ин муқаррарот хусусияти дугонаи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро инъикос намуда, истифодаи мақсадноки маблағҳоро бо имкони васеъ намудани вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок пайваст менамояд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ташкилотҳои корпоративӣ ва унитарӣ тақсим мешаванд. «Ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба даст овардани фоидаро ҳадафи асосии фаъолияти худ намегузоранд ва онро дар байни иштирокчиён тақсим намекунанд, муассисони (иштирокчиёни) ташкилотҳои корпоративӣ ҳуқуқи иштирок (узвият) дар онҳоро пайдо мекунанд ва мақоми идоракунии онҳоро ташкил медиҳанд» [169, с. 119].

Ташкилотҳои воҳиди ғайритиҷоратӣ шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки ба даст овардани фоида мақсади асосии онҳо намебошад, муассисонашон бошанд, иштирокчиёни онҳо гардида, ҳуқуқи узвиятро дар онҳо ба даст намеоранд [169, с. 119]. Ба чунин ташкилотҳо шахсони ҳуқуқии зерин дохил мешаванд:

– фондҳо;

– ширкатҳои оммавӣ-ҷамъиятӣ;

– ташкилотҳои динӣ;

– муассисаҳо;

– корпоратсияҳои давлатӣ.

Аммо, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, яке аз мушкилоти асосӣ ҳам барои ташкилотҳои унитарӣ ва ҳам корпоративӣ, набудани захираҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ мебошад. Сабабҳои асосии ин ҳолат майлу кӯшиши гирифтани грантҳо (бурсҳо) аз донорҳои хориҷӣ ва нодида гирифтани сарчашмаҳои миллӣ, тахассуси пасти кормандони ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, манбаъҳои маблағгузории диверсификатсияшуда, худдории соҳибкорон аз маблағгузорӣ ба барномаҳо ва лоиҳаҳо, нобоварии аҳолӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Дар натиҷа ҳаҷми молҳо, корҳо ва хизматҳо ба аҳолӣ кам мешавад, ки ин даромади иттиҳодро коста месозад.

Тибқи қ.4. м. 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо то ҳадде ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст» [7]. Ҳамзамон даст кашидан аз истифодаи мафҳуми «фаъолияти соҳибкорӣ» нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва пешбинӣ намудани имкони «фаъолияти даромаднок» ба андозаи маҳдуди он зарур аст. Зеро тафовутҳои зиёд байни мафҳумҳои «фаъолияти соҳибкорӣ» ва «фаъолияти даромаднок» ҷой доранд.

Молу мулки ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун як навъи кафолат барои кредиторони он хизмат мекунад. Равшан аст, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар ҷараёни пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳояш ба маблағи бештар аз арзишҳои молумулки худ ҷавобгар аст.

Ҳамин тавр, дар аксари ҳолатҳо барои баргардонидани қарзи кредиторон танҳо молу мулки он кофӣ намебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда, ҳаҷми ҳадди ақали молу мулк барои пешбурди фаъолияти даромаднок бо арзиши бозории на камтар аз ҳаҷми ҳадди ақали сармояи оинномавии барои ҷамъиятҳои саҳомии давлатӣ пешбинишуда, муқаррар карда шавад.

Таҳлили қонунгузории марбут ба ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти даромадноки иттиҳодияи ғайритиҷоратӣ нишон медиҳад, ки тақрибан

тамоми ташкилотҳои ғайритиҷоратии дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии мавҷуда таъсисёфта, ҳуқуқ доранд, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом диҳанд [110, с. 41].

Аксари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба кумаки иловагии молиявӣ ниёз доранд, ки гирифтани он аз муассисон ниҳоят душвор аст. Маҳз ҳамин ҳолат сабаби иштироки фаъолонаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ гардид. Дар ин ҷода савол ба миён меяд, ки кадом намуди фаъолияти соҳибкорӣ ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дастрас аст, ё кадом маҳдудиятҳо барои татбиқи ин фаъолияти ёрирасон ҷой доранд, аз ҷумла дар муқоиса бо фаъолияти асосӣ ва ғайра [128, с. 252].

Қонунгузорӣ, инчунин маҳдудиятҳои муайянеро барои иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ дар иҷрои уҳдадориҳои алоҳида муқаррар намудааст. Масалан, иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд танҳо ҳамчун миёнарави молиявӣ тибқи шартномаи молиякунонӣ бо даст кашидан аз талаботи пулӣ, ё ба сифати ҷонибҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ ва шартномаи идоракунии боэътимод фаъолият намоянд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои дигареро барои фаъолияти соҳибкории иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ пешбинӣ менамояд, ки ҳадафи онҳо пешгирии дуршавии онҳо аз мақсадҳои оинномавӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои мазкур имкони иштироки фаъолонаи иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар муомилоти хоҷагӣ ва иқтисодӣ монеъ намешаванд.

Қобилияти ҳуқуқдории иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ дар масъалаи анҷом додани аҳдҳо, аз қобилияти ҳуқуқдории иттиҳодияҳои тиҷоратӣ тафовуте надорад. Молу мулк ва даромаде, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз фаъолияти соҳибкории худ ба даст меоранд, одатан ба моликияти онҳо дохил мешавад ва дар тавозуни онҳо сабт мегардад. Даромаде, ки муассисаҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст меоранд, ба ихтиёри мустақилонаи онҳо гузашта, дар тавозуни алоҳида нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамаи иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ, ба истисnoи муассисаҳо, уҳдадориҳои худро бо молу мулке, ки дар моликияти онҳо қарор дорад, таъмин менамоянд.

Даромаде, ки муассисаҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст меоранд, ба моликияти онҳо дохил мешавад, вале танҳо молик ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ намудани онро дорад. Ҳуқуқи мустақилона идоракунии даромадҳои бадастомада аз фаъолияти иқтисодии иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ, як ҳуқуқи махсуси моликиятӣ мебошад, ки на ба ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ва на ба ҳуқуқи моликиятӣ дохил карда намешавад.

Ҳангоми пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, муассиса ҳуқуқи мустақилонаи идоракунии даромад ва молу мулки ҳосилшударо дар доираи ваколатҳои махсуси хоҷагидорӣ ба даст меорад. Бо вуҷуди ин, даромад ва молу мулки бадастовардашуда ҳамоно дар доираи ҳуқуқи оперативии идоракунии муассиса боқӣ мемонанд.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки:

1. Иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ аз рӯйи уҳдадориҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти даромад танҳо аз ҳисоби дороиҳое, ки дар рафти чунин фаъолият ташаккул ёфтаанд, масъулияти амволӣ доранд. Ҳангоми барҳам хӯрдани ташкилот амволи боқимонда баъди қонеъ гардонидани талаботҳои кредиторон бояд мувофиқи мақсадҳои оинннома тақсим карда шавад, ё барои эҳтиёҷоти хайрия равона карда шавад, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

2. Ба ширкати асосӣ қисман гузаронидани қобилияти деликтии ҳар як ширкати фаръии иттиҳодияи тиҷоратӣ ба назар дуруст мерасад. Ҳамзамон ширкати асосӣ ҳуқуқи қабули қарорҳои барои тамоми иштирокчиёни он ҳатмӣ, аз номи онҳо амал карданро, ки иродаи умумии гурӯҳро ифода мекунад, нигоҳ медорад.

3. Агар дар шартномаи таъсис тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ташкилотҳои тиҷоратӣ аз рӯйи уҳдадориҳо мутаносибан ба ҳисса дар сармояи оинномавӣ масъулияти амволӣ доранд. Дар ин маврид андозаи

масъулияти ҳар як иштирокчй тибқи шартҳои созишномаи байни тарафҳо ва меъёрҳои қонунгузории амалкунанда муайян карда мешавад. Дар ин маврид, дараҷаи гуноҳи иштирокчӣ, ки кирдораш боиси ба вуҷуд омадани уҳдадориҳое, гардид, ки бояд аз ҳисоби молу мулки умумӣ иҷро карда шаванд, ба назар гирифта мешавад. Тартиби ҷавобгарии муштараки иштирокчиёни иттиҳодияи тиҷоратӣ нодуруст ба назар мерасад.

4. Вобаста ба ҷавобгарии ассотсиатсия ва иттифоқҳо, бояд қайд намуд, ки ташаббуси ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшударо ғайр аз мақомоти давлатӣ, аз ҷониби зарардида зоҳир карда метавонад. Чунин ҷавобгарӣ як қатор хусусиятҳои фарққунанда дорад. Ба андешаи мо, дар сатҳи қонунгузорӣ ягона кардани қоидаҳои ҷавобгарии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ зарур аст. Танзими диспозитивии масъалаҳои ҷавобгарии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ бошад, ба талаботи амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯ нест.

# ХУЛОСА

Дар танзими вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ Кодекси мадании ҶТ аҳаммияти асосӣ дорад, зеро ба таври комплексӣ дар як санади меъёрии ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) муқаррар карда нашудааст, ва ин боиси мушкилиҳои зиёд дар танзимнамоии онҳо мегардад. Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ шакли хеле маъмули шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ дар муомилоти молумулкӣ буда, имкон медиҳад, ки манфиатҳои гуногуни аъзои он таъмин карда шаванд. Аммо амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар шароити муосир баъзе камбудиҳои танзими ҳуқуқии мақоми онҳо ва бесамар будани як қатор меъёрҳои ҳуқуқи маданиро ошкор менамояд.

Ба рафъи ин вазъият бояд асосан таҳияи Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Дар воқеъ, ин Консепсия ба танзими мақоми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқие, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ иштирок мекунанд, кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ бо иштироки ташкилотҳои гуногун, ба низом даровардани низоми ин ташкилотҳо ва ғайра равона гардидааст. Самти афзалиятноки танзими ҳуқуқии вазъи шахсони ҳуқуқӣ бояд пурзӯр намудани нақши низомсози муқарраротi умумии КМ ҶТ бошад. Бо ин мақсадҳо меъёри императивиро, ки мутобиқати ҳатмии қонунгузории махсусро дар бораи шахсони ҳуқуқӣ ба принсипҳои асосии КМ ҶТ муқаррар менамояд, муттаҳид кардан лозим аст. Ба субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дуализми дорои хусусияти ҳуқуқӣ хос аст: аз як тараф, онҳо барои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии иштирокчиён таъсис ёфтаанд, аз тарафи дигар, онҳо вазифаи механизми институтсионалии ҳамоҳангсозии фаъолияти тиҷоратии ташкилотҳои якхеларо иҷро мекунанд. Ин хусусият мавқеи махсуси онҳоро дар системаи шахсони ҳуқуқӣ муайян мекунад.

Имконияти ташкили ин гуна иттидодияҳо ба ин ё он дараҷа дар меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла дар ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ шудааст.

Хусусияти ҳуқуқии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ аз он иборат аст, ки онҳо субъектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ ё идоракунии самараноки ташкилотҳое, ки ба намудҳои шабеҳи фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, таъсис дода шудаанд. Имконияти таъсиси чунин иттиҳодияҳо қисман дар қонунгузории ҷорӣ, аз ҷумла дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа пешбинӣ шудааст. Чун қоида, чунин иттиҳодияҳо аз шахсони ҳуқуқии мустақил иборатанд, ки дараҷаи муайяни мустақилияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Аммо гуногунии шаклҳои иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ на ҳамеша дар қонунгузорӣ инъикос меёбад, ки ин боиси камбудиҳои назаррас дар танзими ҳуқуқӣ мегардад. Яке аз мушкилоти асосӣ, номуайян будани вазъи ҳуқуқӣ ва қобилияти ҳуқуқии чунин ассотсиатсияҳо мебошад.

Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки дар меъёрҳои қонунгузории маданӣ барои аксари чунин ассотсиатсияҳо таърифи аниқи мақомоти шахси ҳуқуқӣ муқаррар карда нашудааст. Дар баробари ин, дар амалияи татбиқи ҳуқуқ аксар вақт мақоми онҳоро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эътироф менамояд, ки дар танзими фаъолияти онҳо ихтилоф ва норавшаниро ба вуҷуд меорад. Ин холигии қонунгузорӣ мушкилоти зиёдеро ба миён меорад, аз ҷумла дар идоракунӣ, номуайянии тақсимоти уҳдадориҳо дар назди кредиторон ва ғ. Барои рафъи ин мушкилот ба қонунгузорӣ тағйироти дахлдор ворид кардан лозим аст, ки онҳо тавонанд қоидаҳои возеҳи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, шаффофияти фаъолияти онҳоро таъмин намоянд ва манфиатҳои тамоми ҷонибҳои ҳавасмандро ҳимоя кунанд.

Дар айни замон ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон ба маънои пурраи ин истилоҳ дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ нестанд, зеро онҳо аломатҳои муайяни асосӣ аз ҷумла моликияти алоҳидаро

надоранд. Иттиҳодияҳои номбурда дорои қобилияти ҳуқуқӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, ки бо мақсади таъини онҳо – муттаҳид намудани иқтидори истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, фурӯшӣ, наклиётӣ, меҳнатӣ ва дигар иқтидори захираҳо муайян карда мешавад. Ин хусусият ба онҳо афзалиятҳои рақобатӣ ва самаранокии амалиётро дар бозорҳои мол, меҳнат ва хизматрасонӣ медиҳад. Ҳамин тариқ, ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ дар иқтисодиёт нақши муҳим мебозанд ва барои муттаҳид кардани захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии тиҷорат кумак мекунанд. Аммо барои фаъолияти бомуваффақияти онҳо зарур аст, ки норасоиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ бартараф карда шуда, заминаи возеҳи қонунгузорӣ таъсис дода шавад, ки субот ва пешгӯии фаъолияти онҳоро таъмин намояд.

Қонун таъсис додани ассотсиатсияҳои (иттиҳодияҳои) тиҷоратии фаромиллиро иҷозат медиҳад ва ҳангоми муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии онҳо нақши асосиро ҷойгиршавии ташкилоти ибтидоӣ мебозад, ки назоратро аз болои корпоратсияҳои фаръӣ амалӣ менамояд. Агар маҳалли ҷойгиршавии иттиҳодияи ташкилотҳои тиҷоратӣ ба таври возеҳ нишон дода нашавад, шакли чунин иттиҳодияро, ки дараҷаи муттаҳидшавии ташкилоти асосӣ (волӣ) ва ҷамъиятҳои фаръиро муайян мекунад, ба назар гирифтан лозим аст. Ин имкон медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии ҳар як ташкилоте, ки ба иттиҳодия дохил мебошад, дурусттар муайян карда, манфиатҳои онҳо дар доираи қонунгузории амалкунанда риоя карда шаванд.

Раванди таъсиси шахсони ҳуқуқиро танҳо бо бақайдгирии давлатии онҳо маҳдуд кардан мумкин нест. Чунин хусусиятҳои ташаккули иттиҳодҳои тиҷоратиро муайян намудан мумкин аст. Пайдоиши ин субъектҳо бо он тавсиф мешавад, ки он якчанд марҳиларо тай мекунад. Марҳилаи аввал, ташаккули корпоратсияҳо мебошад, ки минбаъд ба ин ё он шаклҳои иттиҳодияҳои соҳибкорон муттаҳид мешаванд. Марҳилаи дуюм ва муҳимтарин таъсиси иттиҳодияи тиҷоратӣ мебошад. Хусусияти марҳилаи дуюми мавҷудияти иттиҳодҳои тиҷоратӣ дар он аст, ки ташкили баъзе шаклҳои иттиҳодияҳои соҳибкорӣ мувофиқати иродаи муассисони иттиҳодро

талаб намекунад. Дар баъзе мавридҳо, аз ҷумла ҳангоми таъсиси ширкати холдингӣ раванди таъсиси иттиҳодия на характери аҳди ихтиёрӣ, балки маҷбурӣ дорад. Ба андешаи мо, қонунгузории Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи иттиҳодҳоро аз чунин таъсир бояд ба таври муфассалтар танзим кунад.

*Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзуи баррасишаванда чунин хулосаҳои илмӣ пешниҳод карда мешаванд:*

1. Ассотсиатсия (иттифоқ), шакли шахси ҳуқуқиест, ки шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии дорои манфиатҳо, мақсадҳо ва хусусиятҳои умумидоштаро муттаҳид мекунад. Мақсади ассотсиатсия метавонад ҳимояи манфиатҳои аъзои он, пешниҳоди захираҳо ва хидматҳои муштарак, мубодилаи дониш ва таҷриба, ҳимояи манфиатҳои мақомоти давлатӣ ва ғайра бошад. Ассотсиатсияҳо метавонанд манфиатҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз иттиҳодияҳои касабавӣ ва тиҷоратӣ то ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ намояндагӣ кунанд. Онҳо ҳуқуқ доранд баҳри татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ҷамъияти хоҷагӣ таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд ва дар асоси қонунҳо, оинномаҳо ё қоидаҳое, ки фаъолият ва муносибатҳои онҳоро бо аъзоёнашон танзим мекунанд, фаъолият кунанд. **[6-М]**

2. Бо сабаби номуайян будани вазъи ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонунгузории ҶТ, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд набудани ин мафҳумҳо пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 129 Кодекси мадании ҶТ бо чунин таърифҳо пурра карда шавад:

Ассотсиатсия ташкилоти ғайритиҷоратиии шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва (ё) ғайритиҷоратие мебошад, ки аъзои он дар соҳаи дахлдор фаъолияти касбиро амалӣ намуда, аз рӯйи принсипи як намуди иштирокчиён иттиҳод шудаанд.

Иттифоқ ин ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки аъзоёни он бо мақсади манфиатҳои умумӣ муттаҳид гардидаанд, аз ҷумла барои рушди минтақаи алоқа ва ё соҳаи фаъолият.

3. Имкони ба як ассотсиатсия ё иттифоқ муттаҳид гардидани ташкилотҳои ҳам тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ асоснок буда, пешниҳод

мешавад, ки ба м. 129 Кодекси мадании ҶТ чунин зербанд илова кард: «Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва (ё) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, инчунин намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ метавонанд иттиҳодҳоро дар шакли ассотсиатсия ё иттифоқҳо таъсис диҳанд». **[10-М]**

4. Аъзои чунин иттиҳодҳо шахсони воқеӣ низ шуда метавонанд. Ҳамин тавр, номи моддаи 129 Кодекси мадании ҶТ ба диспозитисия он мувофиқат намекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки чунин тағйирот ба модда ворид карда шавад. «Моддаи 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ)».

5. Иттифоқ шакли ташкилиест, ки дар он якчанд шахсони ҳуқуқӣ (одатан ширкатҳо, фирмаҳо, ташкилотҳо ё иттиҳодияҳо) захираҳо, манфиатҳо ё кӯшишҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян ё ҳалли мушкилоти умумӣ муттаҳид мекунанд. Ин иттиҳодияҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд, ба монанди: ассотсиатсияҳо, консорсиумҳо, иттифоқҳо, кооперативҳо ва ғайра. Мақсадҳои иттиҳодия метавонанд аз ҳимояи манфиатҳо то татбиқи муштараки лоиҳаҳо ё пешниҳоди хидматҳои умумӣ иборат бошанд. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аксар вақт дар асоси оинномаҳо ё қоидаҳое амал мекунанд, ки сохтор, фаъолият ва мақсадҳои онҳоро танзим мекунанд.

6. Қонунгузории ҶТ, ки тартиби таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратиро танзим мекунад, қоидаҳои муфассал ва равшан дар бораи номи корпоративии ин иттиҳодияҳоро дар бар намегирад. Аммо муқаррароти КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии маданиро бе дарназардошти мақоми махсуси ҳуқуқии иттиҳодҳои тиҷоратӣ татбиқ намудан мумкин нест. Бинобар ин, ба қонунҳои мавҷуда тағйирот ворид намудан ё қабул намудани қонунҳои нав зарур аст. То қабули чунин чораҳо, бояд меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ оид ба тартиби таъсиси ассотсиатсияҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ иштироккунанда, бо ташкилотҳои тиҷоратӣ баробар татбиқ карда шаванд. **[8-М]**

7. Ташкили гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ҳамчун шакли мушаххаси ҳамгироии сармоя ва фондҳои истеҳсолии ташкилотҳои тиҷоратӣ системаи махсуси муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро ба миён меорад. Дар доираи ин модел ширкати «асосӣ» на танҳо имконияти амалӣ намудани субъекти ҳуқуқии худ, балки инчунин ваколати идоракунии стратегии фаъолияти ташкилотҳои иштироккунандаи ассотсиатсияро ба даст меорад, ки ҳудуди анъанавии назорати корпоративиро ба таври назаррас васеъ мекунад. Ин фаъолияти намояндагӣ ё комиссионӣ намебошад.

8. Муносибатҳо оид ба муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро аниқ танзим намудан зарур аст. Қонунгузорӣ ташкили иттиҳодияҳои трансмиллиро иҷозат медиҳад, бо мақсади муқаррар намудани маҳали ҷойгиршавии онҳо бояд ҷойгиршавии ташкилоти асосие, ки ба корхонаҳои фаръӣ роҳбарӣ мекунад, сабт карда шавад. Ин шаффофиятро таъмин намуда, танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин иттиҳодияҳоро соддатар мегардонад.

9. Тартиби ҷавобгарии муштараки иштирокчиёни иттиҳодияи тиҷоратӣ нодуруст ба назар мерасад. Вобаста ба ҷавобгарии ассотсиатсия (иттифоқҳо) бояд қайд намуд, ки зоҳир намудани ташаббуси ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда на танҳо ба мақомоти давлатӣ, балки ба тарафи зарардида низ дода шавад, ки нисбат ба ассотсиатсияи ташкилотҳои тиҷоратӣ як қатор хусусиятҳо пайдо мекунад. Зеро бинобар сабаби сохтори махсуси ассотсиатсияи иттиҳоди тиҷоратӣ на танҳо масъулияти муштарак, балки масъулияти иловагӣ низ татбиқ кардан мумкин аст, ки бештар дар ташкилотҳои таъсисшуда истифода мешаванд.

Дар баробари ин, ба таври қонунӣ ягонакунии қоидаҳои ҷавобгарии ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ зарур аст, зеро танзими диспозитивии ин масъалаҳо ба талаботи амалияи татбиқи ҳуқуқ мувофиқ набуда, хавфи тафсири норавшани қоидаҳоро ба миён меорад. [9-М]

